Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ИНФОРМАТИКА

## ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ АХБОР

## СИНФИ 6

Китоби дарсӣ барои синфҳои 6-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст

**ТОШКАНД – 2021**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

UO'K 004(075.3)
KBK 32.81ya72
I-42

М.Р. Файзиева, Д,М,Сайфуров, Н.С.Хайтуллаева, Ф.Р.Турсунова
Информатика ва технологияҳои ахбор (Матн): китоби дарсӣ барои синфи 6/ - Тошканд: маркази таълими Ҷумҳурӣ, 2021. - 160 саҳ.

**Таҳти таҳрири умумии профессор – Ф.М.Закирова.**

**Муқарризон:**

**С.С.Бекназарова** – профессори донишгоҳи технологияи ахбороти Тошканд, доктори фанҳои техникӣ;

**Б.О.Ҷалилов** – муовини директор аз рӯи корҳои илмӣ ва инноватсионии филиали Фарғонаи донишгоҳи технологияи ахбороти Тошканд, доктори фалсафа аз рӯи фанҳои техникӣ;

**О.Ҳ.Норов** – омӯзгори фанни "Информатика ва технологияҳои ахборот"-и мактаби 9-уми таълими миёнаи умумии ноҳияи Карманаи вилояти Навой;

**М.А.Абдуллаева** – омӯзгори фанни "Информатика ва технологияҳои ахборот"-и мактаби 300-уми ихтисосноки давлатии ноҳияи Сергелии шаҳри Тошканд;

**У.Б.Маматқулов** – омӯзгори фанни "Информатика ва технологияҳои ахборот"-и мактаби 9-уми таълими миёнаи умумии ноҳияи Косони вилояти Қашқадарё;

**М.М.Тиловова** – омӯзгори фанни "Информатика ва технологияҳои ахборот"-и мактаби 7-уми таълими миёнаи умумии ноҳияи Сергелии шаҳри Тошканд.

## Аломатҳои шартӣ

| | |
|---|---|
| Дар ёд доред | Эзоҳ |
| Оё инро медонед? | Вазифаи хонагӣ |
| Савол ва супоришот | Машғулоти амалӣ |

SCAN ME
TO GET TO DIGITAL RESOURCES
http:// ...TOJIK TILIDA

**DIQQAT!**

Darslikni to'ldiruvchi raqamli tashkil etuvchilarga o'tish uchun **QR Code** yoki **veb-saytdan** foydalaning.

**dr.rtm.uz**

**Аз ҳисоби маблағи бунёди мақсадноки китоби Республика чоп карда шудааст.**

ISBN 978-9943-7521-3-9
©Маркази таълими Ҷумҳурӣ, 2021

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мундарича

**БОБИ I.ТЕХНОЛОГИЯИ ДАСТУРСОЗ. ИДОРА КАРДАНИ ОБЪЕКТҲО**

Дарси 1. Сохтани дастурҳои хаттӣ дар муҳити Scratch ............5
Дарси 2. Дар муҳити Scratch кор бо блокҳои шабакавӣ............9
Дарси 3. Машғулоти амалӣ. Дар муҳити Scratch сохтани дастурҳои хаттӣ ва шабакавӣ............15
Дарси 4. Дар муҳити Scratch кор бо блокҳои такрорёбанда............16
Дарси 5. Ҳосил кардани спрайтҳои нав бо ёрии муҳаррири графикӣ............24
Дарси 6. Машғулоти амалӣ. Дар муҳити Scratch дастурсозии ҷараёнҳои такрорёбанда ва офаридани спрайтҳо............30
Дарси 7. Сохтани аниматсияҳои мураккаб. Офаридани мултфилмҳои бисёрсаҳнавӣ............32
Дарси 8. Офаридани бозиҳои компютерӣ............37
Дарси 9. Кори назоратӣ. Тақдимоти лоиҳаи корҳо............47

**БОБИ II. АЗНАВКОРКАРДИ ҲУҶҶАТҲО ДАР ПРОТСЕССОРИ МАТН**

Дарси 10. Кор бо ҳуҷҷатҳо дар протсессори матн............50
Дарси 11. Гузарондани рақами тартибии колонтитул, ҳавола ва саҳифа............57
Дарси 12. Офаридани шакл ва схема блокҳо дар ҳуҷҷатҳо............63
Дарси 13. Ҷойгир кардани формулаи математикӣ ва аломатҳо............67
Дарси 14. Гузаронидани гипермуроҷиат дар ҳуҷҷат............70
Дарси 15. Машғулоти амалӣ. Кори лоиҳа............73
Дарси 16. Кори назоратӣ............74

**БОБИ III. АСОСҲОИ КОР ДАР ИНТЕРНЕТ ВА ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ**

Дарси 17. Асосҳои коркард дар интернет............77
Дарси 18. Системаи кофтуков ва ҷустуҷӯи маълумот дар интернет............82
Дарси 19. Ҷустуҷӯи график, аудио ва видеомаълумотҳо............89
Дарси 20. Офаридани қуттичаи почтаи электронӣ............94
Дарси 21. Қабул ва фиристодани хабарҳо дар почтаи электронӣ............98
Дарси 22. Маданияти кор бо ахборот ва ҳуқуқи муаллифӣ............102
Дарси 23. Хавфу хатари интернет ва ҳимоя аз онон............107

**БОБИ IV. КОР БО ФАЙЛҲОИ АУДИОӢ ВА ВИДЕОӢ**

Дарси 24. Дастурҳои идоракунандаи аудио ва видеофайлҳо............115
Дарси 25. Тағйир додани формати аудио ва видеофайлҳо............121
Дарси 26. Кори назоратӣ............126

**БОБИ V. ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ОФАРИДАНИ ТАҚДИМОТ**

Дарси 27. Интерфейс ва имконияти офаридани дастурҳои тақдимотҳо дар компютер............129
Дарси 28. Кор бо дизайни тақдимот............134
Дарси 29. Дар слайдҳо имкониятҳои ҷойгир кардани шакл, расм, ҷадвал ва диаграммаҳо............139
Дарси 30. Дар слайдҳо ҷойгир кардани мусиқа ва видео............144
Дарси 31. Дар тақдимотҳо ҳосил кардани гиперматн ва гипермуроҷиат............147
Дарси 32. Дар тақдимот ҷойгир кардани аниматсия ва эффектҳои гузариш............151
Дарси 33. Кори амалӣ. Кори лоиҳа............155
Дарси 34. Кори назоратӣ............155
Адабиётҳои истифодашуда............158

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# БОБИ I.
# ТЕХНОЛОГИЯИ ДАСТУРСОЗ. ИДОРА КАРДАНИ ОБЪЕКТҲО

## МАҚСАДИ ОМӮЗИШ

Шумо дар ин боб:

- дар дастурҳои Scratch блокҳои мувофиқи алгоритмҳои хаттӣ, шабакавӣ ва такрорёбанда;
- тағйирёбанда ва тағйирнаёбанда;
- имкониятҳои муҳаррири графикии дастури Scratch;
- мафҳумҳои аниматсия, мултфилм ва бозӣ;
- коркарди сенарияи мултфилм ва бозӣ;
- бозиҳои компютерӣ ва зинаҳои офаридани онҳоро дониста мегиред.

## ВОСИТАҲО

Scratch

## БОВАРӢ

Шумо бо ёрии боб:

- дар дастури Scratch эълон кардани тағйирёбандаҳо ва истифодаи он дар дастур;
- дар муҳити Scratch бо истифода аз структураи алгоритми хаттӣ сохтани дастур;
- дар муҳити Scratch дастурсозии масъалаҳои дорои структураи шартӣ;
- дар муҳити Scratch сохтани дастур бо истифода аз блокҳои такрорёбанда;
- бо ёрии ҳисобкунак ташкил кардани такрорёбӣ;
- дар муҳаррири графикӣ офаридани фони спрайти нав, костюм ва таҳрир кардани онҳо;
- барои мултфилм ва бозиҳо тайёр кардани намоиши саҳнавӣ ва спрайтҳо;
- коркарди лоиҳаҳои мултфилмҳои бисёрсаҳнавӣ ва бозиҳои компютерӣ ва ҳам дастурсозии онҳоро дониста мегиред.

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 1. СОХТАНИ ДАСТУРҲОИ ХАТТӢ ДАР МУҲИТИ SCRATCH

Донишомӯзони азиз! Шумоён дар синфи панҷум аз фанни “Информатика ва технологияи ахборот” доир ба кор бо спрайтҳо, сохтани дастури аниматсияи содда, иваз кардани либосҳои спрайтҳо, кор бо матн ва овоз, офаридани шакл ва мултфилмҳои содда ба боварӣ ва малакаҳои ибтидоӣ соҳиб шуда будед. Акнун бошад сохтани дастурҳо доир ба алгоритмҳои хаттӣ, шабакавӣ ва такрорёбанда, бо ёрии муҳаррири графикӣ ҳосил кардани спрайтҳои нав, аниматсияҳои мураккаб, мултфилмҳои бисёрсаҳнавӣ ва офаридани бозиҳои компютериро меомӯзед.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Алгоритми хаттӣ** – ҷараёнест, ки бе ҳеҷ хел шарт фақат дар пайдарпайӣ иҷро карда мешавад. Ба ин гуна алгоритмҳо ҳисоб кардани натиҷаҳои ҷамъ ё ки зарб, иваз кардани қимати якчанд тағйирёбандаҳоро мисол овардан мумкин аст.

Бузургиҳое, ки дар ҷараёни иҷро шудани дастур қимати худро тағйир дода метавонанд, тағйирёбандаҳо (анг. *variable*) номида мешаванд.

Бузургиҳое, ки дар ҷараёни иҷро шудани дастур қимати худро тағйир дода наметавонанд, тағйирнаёбандаҳо ё ки константаҳо номида мешаванд.




Дар алгоритмҳои хаттӣ ҳамаи фармонҳо дар пайдарпайӣ ба амал баровварда мешавад.

Одатан дар шакли дастур нависта шудани алгоритмҳои хаттӣ дастурҳои хаттӣ номида мешавад.

Дар дастури хаттӣ ҳамаи операторҳо дар пайдарпайӣ яъне, бо тартиби ҷойгиршавиашон иҷро карда мешавад ва ягон хел шарт санҷида намешавад.

Тағйирёбандаҳо барои дастурсозӣ яке аз мафҳумҳои беҳад муҳим ҳисобида мешавад. Дастур барои нигоҳ доштани маълумотҳои худаш корбаранда имконият доштанаш зарур аст. Дастур ба маълумотҳои дар хотираи компютер маҳфуз дошта мурочиат менамояд ва ҳам аз онҳо истифода мебарад. Айнан барои ҳамин ҷараён, аз мафҳумҳо бо номи тағйирёбанда ва тағйирнаёбанда истифода бурда мешавад.

Агар соддатар карда гӯем, тағйирёбанда – ин маҷмӯи маълумотҳост. Тағйирёбандаҳо дертар дар дастур маълумотҳои мавриди зарурире нигоҳ медоранд. Тағйирёбандаҳо нафақат барои нигоҳ доштани маълумотҳо, балки барои бо онҳо иҷро кардани амалҳо (оператсияҳо)-и гуногун ҳам заруранд. Барои аз тағйирёбандаҳо истифода бурдан дастурсоз онро офаридан, яъне эълон карданаш лозим аст. Бинобар ин

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ба тағйирёбандаҳо ном додан даркор аст. Номи тағйирёбандаҳо аз ҳарф, калима, омехтаи ҳарф ва ададҳо иборат бояд бошад, масалан, бар, дарозӣ, a,b,S,P, x1, x2. Агар номи додашуда тағйирёбандаро тавсиф дода тавонад, боз беҳтар аст. Фараз кардем, тағйирёбанда барои нигоҳ доштани адади тӯбҳо пешбинӣ шуда мебошад, дар ин ҳолат онро “миқдори тӯбҳо” ё ки “тӯбҳо” номгузорӣ кардан маъқул аст.

Тағйирёбандаҳо якҷоя бо ном соҳиби қимат ҳам мешаванд. Масалан, миқдори тӯбҳо 12-то. Дар мисол номи тағйирёбанда – миқдори тӯбҳо, қимати он бошад ба 12 баробар аст.

Дар дастури Scratch дар қисми “Variables” номгузоришудаи ранги зарди баланд (апелсин) дошта якчанд блок мавҷуд аст. Дар ҷадвали зерин вазифаҳои онҳо оварда шудааст.

**Блокҳои қисми “Variables”**

| Фармон | Вазифааш |
|---|---|
|  | Офаридани тағйирёбанда. |
|  | Муайян кардани қимати тағйирёбанда. |
|  | Баргардондани қимати тағйирёбанда. |
|  | Тағйир додани қимати тағйирёбанда.<br>Дар ҳолати истифода кардан аз ададҳои мусбат ё манфӣ қимати тағйирёбандаҳоро зиёд ё кам кардан.<br>Хотиррасонӣ: Шумо бо мафҳуми (ададҳои мусбат ва манфӣ) аз фанни математика (чоряки 3) шинос мешавед. Ҳоло вазифаи блокро дониста монед, бас аст. |
|  | Нишон додан ё пинҳон кардани қимати тағйирёбандаҳо. |



*Оиначаи офарандаи тағйирёбанда*

Дар дастур бисёр тағйирёбандаҳо буданаш мумкин аст. Дар дастури Scratch аз ҷониби истифодабарандагон барои дар хотираи компютер нигоҳ доштани маълумоти ворид гардонда шуда аз блоки қисми ( Variables ) (тағйирёбандаҳо) истифода бурда мешавад. Барои офаридани тағйирёбанда аз қисми “Variables” ба воситаи тугмачаи “Make a Variable” оинаи мулоқот ҳосил карда мешавад. Ба банди “New variable name:”-и оина номи тағйирёбанда ворид карда мешавад. Барои дар ҳама спрайтҳо истифода шудани тағйирёбанда намуди “For all sprites”, танҳо барои истифодаи ана ҳамин спрайт бошад, намуди “For this sprite only” интихоб карда мешавад.

Тағйирёбандаҳои дар қисми “Variables” офарида шуда аз рӯйхати қисм ҷой мегирад. Барои истифода дар спрайт тағйирёбандаҳоро аз ҳамин рӯйхат интихоб кардан мумкин аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

**Машқи 1. Тарафҳои квадрат дода шудааст. Скрипти (дастури) ҳисоб кардани масоҳати онро созед.**

1. Дастурро ба кор дароред.
2. Барои офаридани тағйирёбандаи нав аз қисми “Variable” (тағйирёбанда) фармони “Make a Variable” (Офаридани тағйирёбанда) интихоб намоед ва ба қисми “New variable name:” (номи тағйирёбандаи нав) “S”-ро ворид намоед.
3. Аз истифодабаранда барои ворид кардани адади мувофиқи тарафи квадрат ва онро навистан ба тағйирёбанда (тағйир додан)-и “S” ба қисми “Code” гузаред ва скрипти зеринро чинед:




4. Дастурро ба кор дароред ва чӣ гуна ҳодиса содир шуданашро мушоҳида намоед.
5. Барои аз нав кор кардани қимати ададии воридкардашуда скрипти зеринро чинед:




6. Дастурро ба кор дароред ва натиҷаро мушоҳида кунед.
7. Блоки “Join”-и қисми “Operators” имкони ба як ҷой ҷамъ кардани якчанд қисми матнро медиҳад.

   Блоки зарб  бошад имкони ҳисоб кардани масоҳати квадратро медиҳад. Ҳамин тавр, мо ба тарафи квадрати аз ҷониби истифодабаранда дохил карда шуда мувофиқан ба сохтани дастури ҳисоб кардани масоҳати он муваффақ гардидем.

   Шарти масъаларо боз ҳам мураккабтар менамоем. Акнун дастур зарур аст, ки периметри квадратро ҳисоб намояд.

   Барои ин блоки  –и оинаи скриптҳоро ба блоки зерин баргардонед: 



8. Барои квадрати тарафҳояш ба 8 баробар буда, натиҷаи зерин бароматанаш лозим аст:
   Масоҳати квадрат: 64
   Периметри квадрат: P 32




9. Лоиҳаро бо номи квадрат маҳфуз доред (фармонҳои File → Save to your computer-ро интихоб намоед).

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Машқи 2. Самолёт масофаи 1440 км-ро бо суръати 800 км/соат, боқимонда 510 км-ро бошад бо суръати 850км/соат парида гузашт. Самолёт тамоми роҳро дар чанд соат парида гузаштааст? Скрипти ҳалли масъаларо созед.** (“Математика”, синфи 6, масъалаи 22)

| | |
|---|---|
| 1. | Дастурро ба кор дароред. |
| 2. | Тағйирёбандаҳои нави s1, s2, t, t1, t2, v1, v2 офаред ( барои ин 2 амали дар машқи 1 иҷрошударо 7 маротиба такрор намуда, тағйирёбандаҳои s1, s2, t, t1, t2, v1, v2-ро офарида гиред). |
| 3. | Барои ворид кардани масофаи s1 ва s2-и самолёт парида гузашта скрипти 1-ро чинед. |
| 4. | Барои ворид кардани суръати v1 ва v2-и тайёра дар давоми скрипти 1 скрипти 2-ро чинед. |
| 5. | Барои нишон додани натиҷаи t1, t2-и самолёт ва ҳисоб кардани вақти умумии t-и ба парвоз сарф шуда дар давоми скрипти 2 скрипти 3-ро чинед. |
| 6. | Дастурро ба кор дароред ва натиҷаро мушоҳида кунед.<br>Барои қиматҳои дар шарти масъала додашуда натиҷаи зерин баромаданаш лозим аст.<br>Вақти ба тамоми роҳ сарф кардаи самолёт: 2,4<br><br> |
| 7. | Лоиҳаро бо номи “Самолёт” маҳфуз доред.<br>S1- Масофаи тайшуда чӣ қадар?<br>S2- Масофаи тайшуда чӣ қадар?<br>Вақти ба тамоми роҳ сарф кардаи самолёт<br>Вақти ба тамоми роҳ сарф кардаи самолёт<br>Самолёт масофаи 1440 км-ро бо кадом суръат парида гузашт?<br>Самолёт масофаи 510 км-ро бо кадом суръат парида гузашт? |










*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

Автомобил дар давоми 3 соат бо суръати 80 км/соат, 2 соати боқимонда бо суръати 90 км/соат ҳаракат кард. Дастури ҳисобкунандаи суръати миёнаи автомобилро созед. (Эзоҳ: Барои суръати миёнаро ҳисоб намудан масофаи умумиро ба вақти умумӣ тақсим кардан лозим.)

# ДАРСИ 2. ДАР МУҲИТИ SCRATCH КОР БО БЛОКҲОИ ШАБАКАВӢ

Се конструксияи (намуди) асосии алгоритм мавҷуд буда, дар дарси аввала бо конструксияи алгоритми хаттӣ шинос шуда будем. Акнун сохтани конструксияи алгорими шабакавӣ ва сохтани дастур доир ба онҳоро дида мебароем.

Дар ҳаёт ҳамин хел ҷараёнҳо мавҷуданд, ки ҳаракатҳои дар он гузаранда бо шартҳои муайян иҷро мешавад. Агар дар кӯча борон борида истода бошад, соябон гирифтан лозим, дар акси ҳол ҳоҷати соябон намешавад. Ҳаракати шумо ба иҷро шудани амали мантиқӣ, яъне ба борони дар кӯча боридаистода нигоҳ карда, ба ду шабака ҷудо мешавад(ба ҳаракатҳо гирифтан ва нагирифтани соябон) ва аз онҳо танҳо яктояш иҷро мегардад. Барои сохтани алгоритм ба ҷараёнҳои болоӣ аз алгоритмҳои аз структураи шабакавӣ таркибёфта истифода бурда мешавад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

Структураи шабакавӣ одатан **блоки назораткунии шарти мантиқиро** дар бар мегирад.

Дар натиҷаи назорати шарти мантиқӣ, амалҳои пайдарпайе, ки шабака меноманд, иҷро мешавад.

**Алгоритмҳои шабакавӣ** – амалҳои пайдарпайе, ки мувофиқи шартҳои муайян иҷро мешавад.




Барои иҷрои шарти додашуда нигоҳ карда, структураи шабакавӣ аз шабакаи нишондодашуда иҷро шудани танҳо якто амалро таъмин менамояд. Шарти додашуда дар байни – *Р* ромб навишта мешавад. Дастур ба иҷрошавӣ ва иҷронашавии шарт нигоҳ карда шабакавӣ шуданаш мумкин. Агар дар дастур шарт иҷро шавад, *"ҳа"* бо шабакаи *амали А*, дар акси ҳол *"не"* бо шабакаи *амали Б* иҷро мешавад.

Мувофиқи шартҳои муайян баъзе ҷамъи фармоишҳоро ба амал баровардан лозим бошад, аз блокҳои шабакавӣ истифода мегардад. Айнан дар дастурсозии доир ба ҷараёнҳои шабакавӣ, аз тоифаҳои мантиқии маълумотҳо истифода мешавад. Тоифаи мантиқӣ ду хел қимат қабул карданаш мумкин аст. : *"ҳа"* (true/рост) ва *"не"* (false/дурӯғ).

Бо блокҳои *if*... then ва *if... then else*-и қисми "Control" – и дастури Stratch шинос мешавем.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Шакли нопурраи оператори шартӣ ин блоки if..then мебошад.**




Шакли нопурраи оператори шартӣ ин блоки if..then мебошад.

Агар натиҷаи шарт арзиши "ҳақиқӣ" гирад, операторҳои дар дохили блок ҷойгиршуда иҷро мешаванд, дар акси ҳол, барнома ба операторҳое, ки пас аз блоки оператори шартӣ ҷойгир шудаанд, интиқол дода мешавад.

Ба ин навъи блокҳо аз истифодакунандаи ифодаҳои мантиқии навъи махсус блоки иловагӣ ворид кардан мумкин аст. Чунин ифодаҳои мантиқӣ бо истифода аз блокҳо, баъзе (масалан).

«Шумо тугмаи мушакро пахш кардед?», «Дар берун оё борон меборад? ” ё "Оё 15 * 2 = 36 дуруст аст?" барин саволҳо “пурсида мешаванд”.  Ба саволи додашуда ҷавобҳое мисли "не, ман намедонам" ё "ман бояд фикр кунам" ҷавоб дода наметавонанд. Ба саволҳо бояд танҳо «ҳа» ё «не» ҷавоб додан лозим аст.

Инчунин, дар дохили блок аз ибораҳои саволӣ истифода бурда нашуда, балки ҳамин қадар ифодаҳои тасдиқшавандаи  "ҳақиқӣ" ё ки “дурӯғ” буданаш ҳам мумкин аст.

Масалан, "15 * 2 = 36", "16 + 3 <25".

Блокҳое, ки дар ифодаи мантиқӣ иштирок мекунанд, метавонанд ба як бахш тааллуқ надошта бошанд. Онҳоро аз байни блокҳои мутааллиқи “Sensing” ва “Operators” ёфтан мумкин аст.

Мо аз баъзе блокҳои ин бахш дар дарсҳои пешин истифода карда будем.

**Доир ба иҷро шудани  амалҳои мантиқии дар бахши “Operators”-и  Scratch ҷойгиршуда аз 6 блоки зерин истифода бурда мешавад.**

| | |
|---|---|
|  | – арзиши тарафи чап аз арзиши дар тарафи рост камтар аст; |
|  | – арзиши тарафи чап аз арзиши тарафи рост калонтар аст; |
|  | – ҳарду баробаранд; |
|  | – амали зарб (конюксия)-и мантиқӣ: дар як вақт қимати ҳарду ифодаи мантиқӣ ё тағйирёбанда дуруст аст; |
|  | – Амали ҷамъ (дизюнксия)-и мантиқӣ: ҳадди аққал қимати яке аз ифодаҳои мантиқӣ ё ки тағйирёбанда  дуруст аст (ҳарду ҳақиқӣ буда метавонанд); |
|  | – Амали инкор (инверсияи мантиқӣ): агар қимати ифодаи мантиқӣ ё тағйирёбанда  рост бошад - бардурӯғ, агар бардурӯғ бошад - рост |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

**Машқи 1. Бигзор гурба дар атрофи ҳодиса танҳо ҳангоми пахш кардани тугмаи мушак ҳаракат кунад.**

**Агар ӯ ба канори саҳна бароял, бигзор вай баргардад ва ҳаракатро идома диҳад. Ба ранги гурба эффекти дам ба дам тағйирёбанда истифода гардад.**

*Эзоҳ:* Аз блоки “if..then” дар бахши “Control” барои татбиқи лоиҳа  истифода бурда мешавад.

| | |
|---|---|
| 1. | Барномаро оғоз кунед. |
| 2. | Аз мушак истифода бурда, гурбаро ба кунҷи чапи поёни саҳна интиқол диҳед ва аз панели идоракунии қисми “Direction”-и спрайтҳо хосияти “Left/Right”-ро фаъол намоед. |
| 3. | Барои гурба скрипти 1-ро чинед. |
| 4. | Барномаро ба кор андозед, тугмаи дилхоҳи мушакро пахш карда нигоҳ доред ва натиҷаро мушоҳида кунед. |
| 5. | Лоиҳаро бо номи "Гурба_1" маҳфуз доред. |
| 6. | Барои навбат ба навбат тағйир ёфтани ранги гурба скрипти 1-ро ба намуди скрипти 2 иваз намоед. |
| 7. | Барномаро иҷро кунед ва натиҷаро назорат кунед. Тағйиротро фаҳмонед. |
| 8. | Ифодаи мантиқии Скрипти 2-ро ба ифодаи мантиқии Скрипти 3 иваз кунед. Барномаро оғоз кунед ва натиҷаро мушоҳида кунед.  Тағйиротро фаҳмонед. |
| 9. | Лоиҳаро бо номи  "Гурба_2" маҳфуз доред. |










*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Шакли пурраи оператори шартӣ блоки if..then..else мебошад.**




Агар натиҷаи шарт қимати ҳақиқӣ гирад, фармонҳо дар дохили қисми if, яъне оператори шабакаи 1 иҷро мешавад, ва агар натиҷаи шарт қимати дурӯғ қабул намояд фармонҳои дохили қисми else, яъне оператори шабакаи 2 иҷро мешавад. Дар барномаи Scratch ҷойгиркунии дохилии операторҳои шартӣ ҳеҷ гуна маҳдудият надорад. Ҳама гуна шабакабандии мураккабро бо ёрии операторҳои дарун ба дарун ҷойгиршуда ҳал кардан мумкин аст.

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

**Машқи 2. Барномаи муқоисаи байниҳамдигарии соҳаҳои A ва B-ро бо истифода аз блокҳои шабакабандии if..then ва if..then..else созед.**

1 Барномаро оғоз кунед ва тағйирёбандаҳои A ва B-ро офаред.

2. Барои дарёфти бузургтарин ададҳои *A* ва *B* скрипти зеринро нависед:







3. Барномаро иҷро кунед ва натиҷаро назорат кунед.

4. Лоиҳаро бо номи "Муқоисакунӣ" маҳфуз доред.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**оператори шартии истондан – блоки wait..until**




*Дар барнома блоки wait..until барои шартан истондани иҷрои оператор истифода бурда мешавад. Операторҳои баъдинаи дастур баъд аз иҷро шудани шарти нишондодашуда дар ҳамин блок ба кор медароянд. Дар ин блок низ мисли дигар блокҳои шабакавӣ барои ворид кардани ифода (ибора)-ҳои мантиқӣ ҷойи алоҳида вуҷуд дорад.*

*Давомнокии ин блок дар сонияҳо нест, балки бо иҷро шудани шарти мантиқии иҷрокунандаи вазифаи ист (пауза)*   *муайян карда мешавад. Блок мисле, ки барои ба хона даромадан ба калид эҳтиёҷ пайдо мешавад, пеш аз сар шудани шарти муайяншуда иҷро шудани скриптро меистонад.*

**Алгоритми блок дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:**

- дар интизори ҳодисаи   маълум;
- тағйирёбандаи зарурӣ   ё ки рӯйхат   ҳангоми интизори қимат.

**МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ**

**Машқи 3. Дар асоси сенарияи зерин скрипт созед.**

Тӯби рангоранг аз боло ба поён афтида истодааст. Гурба ба воситаи тугмаҳои паймоиш (→, ←, ↑, ↓) ҳаракат мекунад. Гурба бо яроқи худ пуфакҳоро мезанад, то шумораи одамонро зиёд кунад. Агар пуфакҳо ба гурба расанд, шумораи рӯҳони он кам мешавад. Шумораи ҷонҳо ба 0 (сифр) баробар шавад бозӣ ба охир мерасад.



| | |
|---|---|
| 1 | Барномаро оғоз кунед ва тағйирёбандаеро бо номи “Адади ҷон”-ҳо созед. |
| 2 | Дар саҳна аз кутубхонаи спрайтҳо спрайти бо номи “Magic wand”-ро ҷойгир намоед. Ба саҳифаи “Costumes” гузаред ва нӯги асочаи сеҳрнокро бо ранги сурх ишора намоед.<br>Тамоми спрайтро нусхабардорӣ кунед (аввал Ctrl + A-ро пахш кунед, сипас Ctrl + C-ро пахш кунед) ва онро дар панҷаи гурба монанди асои сеҳрнок ҷойгир кунед (“Ctrl + V”-ро пахш кунед) (нусхаи асочаи сеҳрнокро ба костюмҳои гурба (на ба спрайт) илова намоед).<br>Дар барнома танҳо як костюми гурба кор фармуда мешавад, бинобар ин асочаи сеҳрнок ба костюми 1 гузаронида шавад, кифоя аст. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



3 Барои ҳаракат кунондани гурба ба воситаи тугмачаҳои равонакунанда скрипти зеринро чинед:




4 Дар саҳна пуфакҳои ранга ба таври тасодуфӣ пайдо мешаванд ва аз боло ба поён ҳаракат мекунад. Барои наофаридани якчандто спрайтҳои якхела усули клонкунӣ истифода мешавад. Дар китобхона “Sprite”-и шармонанде бо номи “Ball”, ки дорои якчанд варианти ранг аст, мавҷуд мебошад. Ҳангоми сохтани клони нав фақат костюм тағйир меёбад. Спрайти аслӣ дар ҳолати пинҳон мемонад. Барои ба амал баровардани ин ба спрайти “Ball” скрипти зеринро чинед:




5 Агар гурба бо нӯги сурхи асочаи сеҳрнок ба пуфакҳо нарасад, пуфакҳо ба сарҳади саҳна зада, боз дар экран монданашон зарур аст. Гурба бо асочааш пуфакҳоро занад миқдори ҷонҳо зиёд шуда рафтан мегирад. Агар пуфакҳо ба гурба расида монад паёми “Зарба” фиристода мешавад ва миқдори ҷонҳо кам мегардад. Барои ба амал баровардани инҳо ба спрайти гурба скриптҳои зеринро чинед:




6 Барномаро ба кор дароред ва натиҷаро назорат кунед.

7 Лоиҳаро бо номи “Пуфакҳо” маҳфуз доред.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

?

1. Шабакабандӣ гуфта чиро дар назар доред?
2. Алгоритми шабакабандӣ чист?
3. Дар бораи равандҳои шабакабандӣ мисолҳои ҳаётӣ оред.
4. Дар Scratch чанд оператори шартӣ мавҷуд аст?
5. Дар дохили як оператори шартӣ чанд оператори дарун ба дарунро ҷой додан мумкин аст?
6. Оё операторҳои шартиро бе ифодаҳои мантиқӣ истифода бурдан мумкин аст? Чаро?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

1. Компютер адади тасодуфии аз 0 то 100-ро “фикр кард”. Барномаи адади фикр карда шударо тартиб диҳед.
2. Программае нависед, ки хурдтарини ададҳои A, B, C-ро муайян мекунад.

# ДАРСИ 3. МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ. ДАР МУҲИТИ SCRATCH СОХТАНИ ДАСТУРҲОИ ХАТТӢ ВА ШАБАКАВӢ

1. Дастури аз рақами воридкардаи истифодабаранда адади аввал ва баъд ояндаро тартиб диҳед.
2. Мошин S1 километрро дар 5 соат тай мекунад. Агар мошин масофаи S2 километри боқимондаро ҳам бо суръати пешина ҳаракат намояд барои тай кардани роҳи боқимонда ба он чӣ қадар вақт сарф мешавад?
   Андозаҳои S1 ва S2 аз ҷониби корбар ворид карда мешаванд. Барномаи ҳалли онро тартиб диҳед.
3. Аниматсияи наҳанги шино кардаистодаро, ки дар навори экран даҳонашро кушода мебандад, тартиб диҳед.




4. Тибқи блок-схемаи мазкур дастур тартиб диҳед.
5. Дастуреро созед, ки аз ҷониби корбар ворид гардонида шуда аз адади 16 калон ё хурд буданашро муайян намояд.
6. Блокҳоро ҷамъ кунед ва натиҷаро барномарезӣ кунед.




7. Агар миқдори рӯзҳои ҳафта дар диапазони 1–7 ворид гардонида шавад, дастури ба экран барорандаи рӯзи ҳафтаро тартиб диҳед.
8. Рақамҳои a, b ва c дода шудаанд. Агар шарти a2 + b2 = c2 иҷро шавад, дастури ҳосили зарб, дар акси ҳол ҳосили ҷамъи онҳоро тартиб диҳед.
9. Агар адади воридшуда аз 9 зиёд бошад, ҳосили ба 5 зарбшудаи он, вагарна дастури ҳисоб кардани квадрати ин ададро тартиб диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


10. Дар муҳити Scratch-и коргар бо ёрии тугмачаҳои самтнок (→, ←, ↑, ↓)-и клавиатура дастури имкондоштаи идоракунии объект (масалан, тағйир додани кунҷи гардиш, андоза, ранг ва шаффофӣ)-ро тартиб диҳед. Дар ин ғайр аз тугмачаҳои самтнок (→, ←, ↑, ↓)-и клавиатура дигар ҳар кадом тугма пахш карда шавад, объект “ҳар хел фикркунанда” шавад.

## ДАРСИ 4. ДАР МУҲИТИ SCRATCH КОР БО БЛОКҲОИ ТАКРОРЁБАНДА

Дар табиат бисёр ҳодисаҳои аз нав такрорёбанда мавҷуданд. Масалан, гардиши Замин дар атрофи Офтоб, мубодилаи фаслҳои сол ва ғайра. Ба ин боз ҳаракати доиравии ақрабаки соат, ҳамеша баъд аз тобистон омадани тирамоҳ барин ҳодисаҳои такрорёбандаро мисол овардан мумкин аст. Давраи такрории рӯйдодҳоро сикл (равандҳо) меноманд.

**ДАР ХОТИР ДОРЕД!**

Пайдарпайии муайяни нишондодҳои дастур ба алгоритми гаштаю баргашта такрорёбанда сикл номида мешавад.

Тасаввур кунед, ки барои таом 10 дона картошка тоза кардан зарур аст. Мо дар даст 10 дона картошка дорем, вале мо ҳамаи онҳоро якбора тоза карда наметавонем. Ҳамин тавр, аз картошкаи 1 сар карда то картошкаи 10 пайдарпай тоза мекунем. Дар ин ҷо ҷараёни пайдарпай тоза кардани картошка ба сикл мисол шуда метавонад.

Дар барномаи Scratch барои силсилавор иҷро кардани ҳаракатҳои автоматикӣ блоки махсус мавҷуд аст. Онҳо имкон медиҳанд, ки як амал якчанд маротиба дар як саф такрор карда шавад. Аз барнома як қисми муайян, яъне давраҳо барои такрори фармонҳо истифода мешаванд. Дар барномаи Scratch ҷараёни такрорёбиро, яъне дар ташкил кардани сиклҳо блокҳои монанди “forever” (такрори ҳамешагӣ), “repeat” (... маротиба такроркунӣ), “repeat until” (то...такроркунӣ) истифода мешавад.




### Ҷараёни такрорёбии ғайришартӣ

Дар барномасозӣ ягон қисми коди дастур бинобар шарти он барои якчанд маротиба иҷро шуданаш аз сиклҳо истифода бурда мешавад. Агар шарт рост бошад, сикл давом меёбад, вагарна меистад. Scratch барои офаридани шаклҳои беҳудуд конструксияи махсус дорад.

**ДАР ХОТИР ДОРЕД!**

Агар шарт ҳамеша қимати рост қабул намояд ин гуна сикл сикли ғайришартӣ ё беҳудуд номида мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






Одатан, барои доимӣ кор кардани лоиҳа (барнома) аз такроркунандаи доиравӣ, яъне сикли ғайришартӣ истифода бурда мешавад. Маҷмӯи операторҳое, ки иҷрояшон дар давоми такрорёбии сикл зарур аст, ҷисми сикл номида мешаванд.

Истифодаи як ё якчанд операторҳо ҳамчун ҷисми сикл имкон дорад. Агар дар ҷисми сикл аз якчанд оператор истифода карданӣ бошем, он гоҳ ин операторҳоро, яъне блокҳоро дар байни блокҳои дар расм нишон дода шуда ҷойгир кардан лозим аст.

Ҷисми чунин сикл то фаъол шудани як қисм скриптҳои он иҷро карда мешавад. Сикли беҳадро фақат бо ёрии блоки   боздоштан мумкин аст.

**СУПОРИШ**

Тасаввур кунед, ки гурбаи қаҳрамони мо дар саросари экран аз рост ба чап ва аз чап ба рост беист ҳаракат мекунад Скрипти истондани ана ҳамин ҳаракатро ба воситаи пахш кардани тугмачаи “probel”-и клавиатура тартиб диҳед.

**Технологияи иҷро**




Барномаро ба кор медарорем. Мо гурбаро дар маркази экран ҷойгир мекунем ва ин скриптро дар равзанаи скриптҳо мечинем. Лоиҳаро ба кор медарорем ва онро ҳамчун "Ист, гурба" захира мекунем.

Тавре ки мо мебинем, баробари пахш кардани тугмачаи “probel”-и клавиатура гурба ҳаракатро қатъ кард, яъне чараёни такрорӣ бо ёрии шарти иловагӣ ва блоки   ба охир мерасад.

Ин блоки сикли ғайришартӣ яке аз блокҳои маъмултарин истифодашаванда ҳисоб карда мешавад. Дар байни скриптҳои пештар тартиб додаамон аз ҳама блокҳои яке аз ҳама бештар истифодашавандааш айнан ҳамин блок аст.

**Ҷараёни такрорӣ бо истифода аз ҳисобкунак.**




Дар ҷисми сикли блоки мазкур маҷмӯи операторҳои ҷойгиршуда ба миқдори адади бар он додашуда такрор меёбад. Ҳангоми иҷро кардани ҷисми сикл, дар он бо ёрии рақами ҳисобкунак интиқолшуда , ҳар дафъа ба 1 кам карда мешавад. Вақте ки қимати 0 дар ҳисобкунак ҳосил мегардад, сикл боздошта мешавад. Блок хеле мутобиқшаванда буда, ба ҷои такроршавандаҳо нафақат ададҳои тағйирнаёбандаи доимӣ, балки операторҳои гуногуни математикиро ҳам гузарондан мумкин аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






*Скрипти ба воситаи операторҳои математикӣ ишорашудаи миқдори такроршавандаҳо.*

**СУПОРИШ**

Агар миқдори элементҳои рӯйхат ба 21, қимати тағйирёбанда бо номи "ball" ба 7 баробар буданаш маълум бошад, чанд маротиба иваз шудани костюми гурбаро дар скрипти расм муайян кунед.

Дар зер мисоли истифодаи блоки *repeat* барои 6 маротиба иваз кардани ранги спрайт оварда шудааст.




Пеш аз тағйир додани ранги спрайт 2 сония интизор шавед. Ранги қаблӣ бо ранги нав иваз карда мешавад, пас спрайти пештара бо ҳамин ранг ранг карда мешавад. Раванди тағйир додани ранг 6 маротиба такрор карда мешавад.

Дар расми боло шаш ранги гуногуни моҳӣ пас аз ҳар як тағйирёбии ранг нишон дода шудааст.

Инчунин мумкин аст, ки сикл дар давоми як давраи дигар иҷро карда шавад. Дар ин ҳолат, берунӣ ва дохилӣ давраҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.




**СУПОРИШ**

Ба фикри шумо кадом ҳисобкунак (а-сикли берунӣ, б-сикли дохилӣ) дар скрипти дар расм нишондодашуда камтар тағйир меёбад? Чанд маротиба тағйир ёфтани костюм, яъне шумораи такрориро муайян кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Раванди такроршаванда дар асоси шарт**

Фарз мекунем, ки шумо лоиҳаи барномаи бозии оддиро доир ба иҷрои амалҳои арифметикӣ сохтаниед. Дар ин агар бозигар ҷавоби нодуруст гардонад, худи бозӣ ба ӯ имкони дигар меофарад ва боз баргашта савол медиҳад. Ин то он даме, ки бозигар ҷавоби дуруст диҳад, идома меёбад.

Чанд маротиба бояд ба бозингар имконият дода шавад, ки ба савол ҷавоби дуруст диҳад, зеро шумо намедонед ва наметавонед блокҳои такрориро дар ин ҷо истифода баред. Бозингар дар зинаи аввал дуруст ҷавоб додан ё ки барои дуруст ҷавоб додан 100 маротиба ҳаракат карда метавонад. Дар ин гуна ҳолатҳо барои ташкили такрорӣ блоки “repeat until” ёрӣ медиҳад.







Дар ин намуди сикл, шарт пеш аз иҷро шудани ҷисми сикл, тафтиш карда мешавад, агар шарти гузошташуда иҷро карда нашавад сикл як маротиба ҳам ба кор намедарояд. Блок ҳамеша дар ҳолати интизорӣ мешавад. Агар шарт иҷро шавад, ҷисми сикл ҳам ба кор шурӯъ мекунад. То он даме, ки сикл қимати ҳақиқии шарт ё ифодаро қабул мекунад такрорӣ давом меёбад. Агар шарт ё ифода қимати бардурӯғ қабул мекарда бошад, дар дохили сикл ҳеҷ гуна амал иҷро карда намешавад.

Дар барномасозӣ барои равандҳои такрорӣ, асосан, шартҳо ва ифодаҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Ба он қисми блокҳои “Sensing”, “Operators” ва “Control” аз наздик ёрӣ мерасонад.

**Блокҳои қисми “Sensing” ва вазифаи онҳо**

| Блокҳо | Вазифаҳо |
|---|---|
|  touching mouse-pointer ? | Спрайт баробари расидан ба нишонаи мушак ё ҳадди саҳна ягон ҳодиса ё эффект рӯй медиҳад. |
|  touching color ? | Агар спрайт ба ранги додашуда расад қимати True, дар акси ҳол, False-ро бармегардонад.<br>Барои аз он истифода бурдан дар сенсор дар майдончаи ранг ҷойгиршуда тугмача пахш карда мешавад ва баъд аз он тугмачаи рангрез интихоб мегардад.<br>Бо истифода аз айнаки калон (лупа) - ранги дилхоҳ аз спрайт ё саҳна интихоб карда мешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| | |
|---|---|
| color ( ) is touching ( ) ? | Агар ягон ранг (дар дохили спрайт) ба ранги дигари спрайти дигар ё ки саҳна расад қимати True, дар акси ҳол, False-ро бармегардонад.<br>Барои истифода аз он дар сенсор майдончаи ранги 1ҷойгиршуда пахш карда мешавад ва бо ёрии рангрез ранги 1, бо ёрии майдончаи ранги 2-и дар сенсор ҷойгиршуда бошад, ранги 2 интихоб карда мешавад. |
| distance to mouse-pointer ▾ | Масофаи то спрайт ё ки нишона (курсор)-и мушак бударо бармегардонад. |
| ask What's your name? and wait | Иҷро шудани скриптро бозмедорад. Дар қабати спрайт матни дар блок нишондодашуда, дар қисми поёни саҳна бошад майдончаи воридот нишон дода мешавад.Ҷавоби коргар ворид карда шуда тугмачаи "Enter" ё ки пахш карда шавад, қимати ворид кардашуда – ҷавоб қабул мекунад ва иҷро шудани скрипт давом меёбад. |
| answer | "Ask" бо ёрии блоки пурсиш қимати ворид гардонида шударо азхуд карда мегирад. Ин блок ба сифати тағйирёбандаи глобалӣ барои ҳамаи скриптҳо васеъ паҳн шудааст. |
| key space ▾ pressed? | Аз клавиатура тугмачаи дар блок нишон дода шуда пахш карда шавад True дар акси ҳол False гардонда мешавад. |
| mouse down? | Агар тугмачаи чапи мушак пахш карда шавад, True бармегардонад, дар акси ҳол False. |
| mouse x<br>mouse y | Мушак нишондодро аз рӯи қимати тирҳои координатаи X ё ки Y бармегардонад.<br>Эзоҳ: Шумо дар бораи тири координатӣ аз фанни Алгебра (синфи 7) шинос мешавед. Муваққатан вазифаи блокро дониста гиред бас. |
| set drag mode draggable ▾ | Дар саҳнаи кушод (калонкардашуда) спрайтҳоро аз рӯи саҳна лағҷонда гузаштан мумкин ё ки номумкин буданашро ишора менамояд. |
| loudness | Балангӯяк баландии овозро (1....100) бармегардонад. |
| timer | Қимати ҷории таймерро аз вақти аввала сар карда дар сонияҳо бармегардонад. |
| reset timer | Нишондоди таймерро ба 0 бармегардонад. Таймерро аз сари нав ба кор медарорад. |
| backdrop # ▾ of Stage ▾ | Фони саҳнаро аз як фон ба фони дигар иваз менамояд. |
| current year ▾ | Соли ҷорӣ, моҳ, сана, рӯзи ҳафта, соат, дақиқа ва сонияҳоро бармегардонад. |
| days since 2000 | Аз соли 2000-ум миқдори рӯзҳоро то санаи ҷорӣ бармегардонад. |
| username | Номи истифодабарандаро бармегардонад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Блокҳои қисми “Operators” ва вазифаи онҳо**

| Блокҳо | Вазифаҳо |
|---|---|
| ( ) + ( ) ( ) - ( ) ( ) * ( ) ( ) / ( ) | Блокҳо барои иҷрои амалҳои ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим. |
| pick random (1) to (10) | Аз диапазони муайяншуда рақами тасодуфиро гирифтан. |
| join (apple) (banana) | Ду ибораро дар як ҷумла муттаҳид мекунад. Ҳангоми зарурати ягон қимат истифода бурдан осон аст. Масалан, мисли таймер мавриди зарурати ягон қимат истифода бурдан мумкин аст. |
| letter (1) of (apple) | Ҳарфи дар ҷои адади нишондод ҷойгиршударо аз матн бармегардонад. |
| length of (apple) | Дарозии матни додашуда (шумораи ҳарфҳо)-ро бармегардонад. Матнро бо ифода ишора кардан мумкин аст. |
| (apple) contains (a) ? | Ҷои ҷойгиршудаи ҳарфро дар матни додашуда бармегардонад. Он ифода ҳам буда метавонад. |
| ( ) mod ( ) | Бақияи тақсим кардани адади якумро ба дуюм бармегардонад. |
| round ( ) | Рақами бутуни наздиктаринро ба адади додашуда бармегардонад, яъне яклухт менамояд.<br>Эзоҳ: Шумо аз фанни математика бо мафҳуми “ададҳои бутун ” (чоряки 3) шинос мешавед. Ҳоло танҳо вазифаи блокро донед, кифоя аст. |
| abs ▾ of ( ) | Қимати функсияи (abs, sqrt, sin, cos, tan, asin, acos, atan, In, log, e ^, 10 ^)-и интихобшудаи адади додашударо бармегардонад. Масалан квадрати адади 10 [say (10 ^ ▾ of (2))], яъне 10*10=100 – ро бармегардонад. |

**МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ**

**Машқи 1. Скрипти ситораҳои дар қаъри оби баҳр аксшударо тартиб диҳед.**

1. Барномаро оғоз кунед.
2. Дар саҳна спрайтро бо номи “Starfish” ҷойгир намоед.
3. Ба спрайт фонро бо номи “Underwater 1” гузаронед.
4. Аз спрайти бо номи “Starfish” буда, костюми “Starfish-b” –ро тоза намоед.
5. Дар спрайти “Starfish” скрипти 1-ро чинед.
6. Аз “Sprite” 3 нусха кӯчонед. Барои ин тугмачаи рости мушакро дар болои спрайт пахш кунед.

1




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



7. Барномаро иҷро кунед ва бубинед, ки чӣ ҳодиса мешавад.

8. Ранги спрайтҳоро тағйир диҳед: 


9. Лоиҳаро ҳамчун “Dengiz yulduzi” захира кунед.

10. Барномаро иҷро кунед ва натиҷаро назорат кунед.

**Машқи 2. Скрипти дар асоси сенарияи зерин иҷрошавандаро тартиб диҳед.**

Наҳанги (Shark 2) аз гуруснагӣ даҳонаш кушодашудаи қаъри об аз масофаи 10 қадам ба тарафи нишондоди мушак ҳаракат мекунад. Моҳиҳо (Fish, Fish2, Fish3) бошад бо фосилаи хурд дар тарафи чапи саҳна пайдо шуда, аз чап ба рост шинокунон ва тасодуфан ба як тараф мегурезанд. Агар даҳони наҳанг ба бадани моҳии майда расад, наҳанг онро фурӯ мебарад ва “чомп” гуфта овоз баровarda, даҳонашро мепӯшад. Моҳии хурдакак, ки наҳанг фурӯ бурд аз саҳна нопадид мешавад, яъне пинҳон мешавад ва баъдтар боз дар тарафи чапи саҳна дар як нуқтаи тасодуфӣ пайдо мешавад.

1. Барномаро ба кор дароред

2. Дар саҳна спрайтҳоро бо номи “Shark 2” ва “Fish” ҷойгир намоед.

3. Фони “Underwater 2” ҷойгир кунед.

4. Аз спрайти бо номи “Fish”  ба саҳифаи “Costumes” гузаред, костюми “fish-d” – ро интихоб намоед ва онро ба намуди зерин  ранг кунед.


5. Скрипти зеринро барои наҳанг чинед:




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


6. Барои спрайти “Fish” скрипти 1 –ро чинед.
7. Барои ба саҳна гузоштани дигар моҳӣ онҳоро аз нав офаридан лозим нест. Аз спрайти “Fish” ду маротиба нусхабардорӣ кунед (ниг. машқи 1, вазифаи 6) ва спрайтҳои “Fish2” ва “Fish3” –ро созед. Онҳоро ба ин намуд  биёред ва скрипти 2 – ро барои “Fish2” ва скрипти 3-ро барои “Fish3” чинед.




8. Барномаро иҷро кунед ва натиҷаро назорат кунед.
9. Лоиҳаро ҳамчун “Наҳанги чашмгурусна” захира кунед.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Дар бораи равандҳои такрорӣ мисолҳои ҳаётӣ оред.
2. Чаро блокҳои сикл дар Scratch дар бахши Control ҷойгир шудаанд?
3. Ҷисми сикл аз чӣ иборат аст? Чаро ба шумо ҷисми сикл лозим аст?
4. Ба фикри шумо кадом калимаҳо зиёдатианд: сикл, такроркунӣ, квадрат, доира, беҳад? Чаро?
5. Ҳангоми сохтани лоиҳаҳо дар Scratch бештар кадом намуди сиклҳо тез-тез истифода мешавад? Чаро?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Барномае созед, ки аз истифодабаранда дар муҳити Scratch чӣ қадар будани андозаҳои калонӣ ва хурдии гурбаро пурсад, ва тибқи равиши ин қиматҳо андозаи гурбаро тағйир дода тавонад.
2. Барномае созед, ки дар Scratch аз коргар аввал номашро пурсад, сипас доир ба зарб 3-то саволи монанди “7 -ро ба 8 зарб зананд чӣ қадар мешавад,” – ро диҳад ва хабари дуруст ё нодуруст будани ҷавобро ба экран барорад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 5. ҲОСИЛ КАРДАНИ СПРАЙТҲОИ НАВ БО ЁРИИ МУҲАРРИРИ ГРАФИКӢ

Корҳои офаридани фон, спрайт ва костюмҳо бо ёрии муҳаррири графикии Scratch анҷом дода мешаванд. Дар саҳифаи “Costums” – и дастури Scratch муҳаррири махсуси графикӣ ҷойгир карда шуда, бо ёрии он спрайти худ ва костюмҳои онро офаридан, ҳамчунин қаҳрамонҳои аз кутубхона гирифтаатонро иваз карданатон мумкин аст.

Дар муҳаррири графикии Scratch фон, спрайт ё костюмҳои аз аввал вуҷуд доштаро ҳам тағйир додан мумкин аст. Дастури Scratch ду намуд дорад: дорои режими графикаи растрӣ ва векторӣ. Интихоби реҷаи графикӣ осон аст. Интихоби реҷаи графикӣ бевосита ба намуди тасвири асл вобаста мебошад.



*Реҷаи растрӣ*



*Реҷаи векторӣ*

**Реҷаи растрӣ** як ҳолати стандартии расмкашӣ мебошад, ки дар он тасвир бо пиксел (нуқта) - ҳо акс кунонида мешавад. Барои дар реҷа спрайт кашидан асбобҳои зерин мавҷуданд: Brush (мӯйқалам), Line (хат), Circle (элипс), Rectangle ( росткунҷа), Text (матн), Fill (ранг), Eraser (хаткушак) ва Select (интихоб).

**Реҷаи векторӣ** графикаи баландсифат аст, ки нисбат ба реҷаи растрӣ хусусиятҳои бештар дорад.

Реҷа дар худ асбобҳои стандартиеро монанди Select (интихоб), Reshape (дигаргункунии формат), Brush (мӯйқалам), Eraser (хаткушак), Fill (ранг), Text (матн), Line (хат), Circle (элипс) va Rectangle (росткунҷа) муҷассам кардааст. Он инчунин дорои ускунаҳои иловагӣ монанди баргардондан аз чап ба рост (баръаксӣ), аз боло ба поён(баръаксӣ), кӯчонидани объекти интихобшуда ба зинаи аввал, гурӯҳбандии объектҳо ё ки аз гурӯҳ баровардан, нусхабардорӣ ва танзими нуқтаи марказӣ мебошад.

Барои офаридани спрайти нав дар муҳаррири графикии Scratch нишонаи “Paint” интихоб карда мешавад. Дар натиҷа, равзанаи сохтани Spray New (Sprite1) пайдо мешавад. Офаридани спрайти нав (Sprite1) дар Scratch, одатан бо реҷими графикӣ растрӣ ба амал бароварда мешавад.

**ЭЗОҲ**

Ҳамаи гуфторҳои болоӣ натанҳо барои спрайтҳо, балки барои костюмҳои спрайт ва фонҳо ҷой дорад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Барои офаридани костюми нав (Costume2) спрайти костюмсоз интихоб карда мешавад. Бо истифода аз тугмаи -“Choose a Costume” (интихоби костюм) аз рӯйхати ҳосил шудаи мавҷнок унсури “Paint” интихоб карда мешавад.

**МАФҲУМҲОИ АСОСӢ**

**Холст** (рон) - соҳаи шаффофранге, ки дар рамка гирифта шуда, барои расм кашидан мебошад.

Дар расмҳои 1–2, барои кашидани спрайт /костюм ва фони нав ва ҳам барои таҳрири онҳо холст (рон) – и махсус, барои ҷойгир кардани спрайт/костюм дар марказ (x = 0, y = 0) - и холст мавҷуд будани унсури иловаги – ро диданамон мумкин аст. Андозаҳои холст бо андозаҳои саҳна якхелаанд, яъне 480 × 360.

Акнун бо офаридани тасвирҳои муҳаррири графикии Scratch, ускунаҳои идоракунии он ва ҳам вазифаҳои он шинос шуда бароем:




1. Майдони воридкунии номи спрайт, костюм ва фон;
2. Бекор кардани амали охирин;
3. Такрор кардани амали охирин.

| Таҷҳизот | Вазифаи таҷҳизот |
|---|---|
| | **Реҷаи растрӣ** |
| Ҷиҳози Brush (мӯйқалам) | Восита бо ёрии хатҳо барои сохтани тасвирҳо истифода бурда мешавад. Ҷиҳози Fill ранги мӯёқаламро ишора намояд, ҷиҳози 10 ба дуруст кардани ғафсии мӯйқалам ёрӣ мерасонад. |
| Ҷиҳози Line (хат) | Асбоб барои кашидани хати рост истифода мешавад. Пас аз интихоб кардани ҷиҳоз, бо ёрии ҷиҳози ҳосилшавандаи зерин 10 ғафсии хат, ба воситаи ҷиҳози Fill бошад ранги хатро дуруст кардан мумкин аст. |
| Ҷиҳози Circle (Элипс) | Асбоб барои кашидани эллипс истифода мешавад. Ҷиҳози Fill барои интихоби ранги элипс, ҷиҳози Filled барои ранг кардани соҳаи дохили элипс, ҷиҳози Outlined барои таъмин намудани ранг накардани соҳаи дохили элипс, ҷиҳози Thickness 10 бошад, барои дуруст кардани ғафсии хати сарҳади элипс истифода бурда мешавад. |
| Ҷиҳози Rectangle (росткунҷа) | Асбоб барои кашидани росткунҷа истифода мешавад. Ҷиҳози Fill барои интихоби ранги росткунҷа, ҷиҳози Filled барои ранг кардани соҳаи дохили росткунҷа, ҷиҳози Outlined барои таъмин намудани ранг накардани соҳаи дохили росткунҷа, ҷиҳози Thickness 10 бошад, барои дуруст кардани ғафсии хати сарҳади росткунҷа истифода бурда мешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| | |
|---|---|
| Ҷиҳози Text (матн) | Шумо метавонед бо истифода аз ҷиҳоз матн ворид кунед. Пас аз интихоб кардани ҷиҳоз ранги матн ва шрифт – ро интихоб кардан мумкин аст.   |
| Ҷиҳози Fill (ранг) | Шумо метавонед асбобро барои ранг кардани шаклҳо истифода баред. Дар натиҷаи интихоб кардани он дар палитраи рангҳо 4 хел варианти рангкунии зерин ҳосил мешавад:<br><br>- пурра ранг кардан;<br>- ранг кардани градиенти уфуқӣ;<br>- ранг кардани градиенти амудӣ;<br>- рангкунии радиалӣ.<br>Рангкунӣ бо истифода аз курсор анҷом дода мешавад. Аввал навъи ранг, баъд объекти рангуборшаванда бояд интихоб карда шавад. |
| Ҷиҳози Eraser (хаткӯркунак) | Дастгоҳ барои нест кардани тасвир истифода мешавад. Бо ёрии ҷиҳоз-ҳои   андоза ва ранги хаткӯркунакро дуруст кардан мумкин аст. |
| Ҷиҳози Select (интихоб) | Дастгоҳ барои интихоби худи тасвир ё минтақаи тасвир истифода мешавад. Дар натиҷаи интихоби он идораҳои зерини иловагӣ ба вуҷуд меоянд:  <br>1. Нусхабардорӣ аз тасвир ё майдони интихобшуда;<br>2. Гузоштани тасвир ё майдони нусхабардорӣ дар холст;<br>3. Тоза кардани холст, яъне тасвири холстро кӯр кардан;<br>4. Тасвир ё майдони интихобшударо уфуқӣ (аз чап ба рост ё аз рост ба чап) акс кунонидан;<br>5. Тасвир ё майдони интихобшударо амудӣ (аз боло ба поён ё аз поён ба боло) акс кунонидан; |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| Реҷаи векторӣ | |
|---|---|
| ⚠ | Аз сабаби якхела будани баъзе таҷҳизот ва вазифаҳои реҷаи растрӣ бо реҷаи векторӣ бо таҷҳизотҳои фарқкунандаи зерин шинос мешавем: |
| Чиҳози Select (интихоб) | Чиҳоз барои интихоби як ё якчанд объект (тасвир) -ҳо, ки дар холст ҷойгиранд, истифода бурда мешавад. Дар натиҷаи интихоб кардани чиҳоз чиҳозҳои иловгии идоракунӣ ҳосил мешавад. Баръакси реҷаи муҳаррири графикаи растрӣ, чиҳозҳои зерин мавҷуданд:<br>... <br>1. Ба як гурӯҳ якҷоя кардани ду ё зиёда объект;<br>2. Ба гурӯҳҳо ҷудо кардани объектҳо;<br>3. Ба қабати боло гузарондани объект;<br>4. Ба қабати поёнӣ гузарондани объект;<br>5. Гузарондани объект ба қабати баландтарин (аз ҳама пеш);<br>6. Гузарондани объект ба қабати пасттарин (аз ҳама охир);. |
| Чиҳози Reshape (тағйири шакл) | Чиҳоз дар холст ба илова кардани нуқтаҳои асосии объекти офаридашуда, ба воситаи онҳо барои трансфарматсия кардан (гузарондан аз як шакл ба шакли дигар) – и объектҳо истифода бурда мешавад. Агар объект ё ягон нуқтаи асосии он ишора шуда, чиҳози Curved интихоб гардад, шакл дар ҳолати каҷ, агар чиҳози Pointed интихоб гардад шакл ба ҳолати канорадор мегузарад. |

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

**Машқи 1. Офаридани спрайти торт (пирог) барои бозӣ бо номи “Борони хӯрокворӣ”**

1. Барномаро оғоз кунед ва гурбаро аз саҳна кӯр кунед.
2. Спрайти нав созед (яъне нишонаки Paint - ро интихоб кунед) ва бо ёрии тугмачаи Convert to Vector ба реҷаи векторӣ гузаред.
3. Аввал расми тортро кашед. Аз сабаби хурд будани спрайт бо ёрии тугмачаи масштаб онро каме калонтар карда гиред.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


4. Ҷиҳозии Circle (эллипс) - ро интихоб кунед. Аз палитраи рангҳо ранги шакалод, яъне сурхи ҷигаррангро интихоб намоед. Дар саҳна шакли нишондодашударо кашед.



5. Ҷиҳози Reshape (тағйири шакл) - ро интихоб намоед. Барои трансформатсия кардани шакли офаридашуда (аз як шакл ба шакли дигар гузарондан) ба объект мисли дар расм буда 4 - то нуқтаҳои асосии иловагиро ҷойгир намоед. [Дар ҷойҳо (сарҳади шакл) -е, ки нуқтаҳои асосӣ гузошта шуданашон зарур аст, тугмачаи чапи мушакро 1 маротиба пахш кунед].



6. Ҷои 3 нуқтаи асосии поёни шаклро каме иваз карда, шакли нишондодаро ҳосил намоед.



7. Акнун боз бо ёрии ҷиҳози элипс ба болои торт тасвири креми зарди ҷигаррангро кашед ва шакли онро ба монанди расми додашуда тағйир диҳед.



8. Ҷиҳозоти Brush (мӯйқаламро) - ро интихоб кунед. Дар болои хамираи торт монанди дар расм буда ширинихои гуногунрангро пошида бароед.



9. Номи костюмро бо "торт" иваз кунед. Ана, костюми 1-ум тайёр аст.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


10. Акнун мо костюми дуюм – гамбургерро мекашем. Барои ин аз рӯйхате, ки бо ёрии тугмачаи “Choose a Costume”- ҳосил шудааст, фармони Paint –ро интихоб намоед ва ба реҷаи векторӣ гузаред. Масштаб дар ҳолати калоншудаи аввала бояд бошад!

11. Ҷиҳози Circle (эллипс) - ро интихоб кунед. Бо ёрии ҷиҳози элипс шакли 1-уми зардрангро кашед.



12. Бо кӯмаки ҷиҳози Circle (эллипс) аз болои шакли 1, шакли 2 (котлет) -и ҷигаррангро кашед.



13. Акнун дар болои шакли 2 бо ранги зард шакли 3-ро кашед



14. Дар болои шакли 3 шакли 4 – и ҷигаррангро кашед.



15. Акнун шакли нон (булочка) – и аз ҳама боло истодаи гамбургерро кашед.



16. Бо ёрии ҷиҳозҳои Brush ва Reshape тасвирҳои тухми салатбарг, помидор ва кунҷитро ҳосил намоед.



17. Номи костюмро бо "Гамбургер" иваз кунед. Ин ҷост, ки костюм 2 низ тайёр мебошад.




18. Лоиҳаро бо номи “Борони хӯрокворӣ” захира кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**САВОЛ ВА СУПОРИШОТ**

1. Дар лойиҳаи “Борони хӯрокворӣ” спрайти нав офаред. (Дар он костюмҳои қаламфури сурх ва помидор бошад).
2. Барои дар дастури Scratch офаридани спрайт кадом амалҳо иҷро мегардад?
3. Дар дастури Scratch реҷаи растрӣ аз реҷаи векторӣ бо чӣ фарқ мекунад?
4. Дар дастури Scratch ба ғайр аз спрайт боз чӣ офаридан мумкин аст?
5. Номи таҷҳизоти ба реҷаи векторӣ тааллуқдоштаро гӯед.
6. Оё шакли объекти дар реҷаи растрӣ офаридашударо иваз кардан мумкин аст? Ҷавобатонро эзоҳ диҳед.

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

1. Дар лойиҳаи бо номи “Борони хӯрокворӣ” спрайти “Мева” –ро офаред. Дар он тибқи намуди зерин  3 костюми моси меваҳоро офаред.
2. Тибқи фони лойиҳаи бозии “Борони хӯрокворӣ” расм офаред.

# ДАРСИ 6. МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ. ДАР МУҲИТИ SCRATCH ДАСТУРСОЗИИ ҶАРАЁНҲОИ ТАКРОРЁБАНДА ВА ОФАРИДАНИ СПРАЙТҲО

1.Ҳангоми ба кор даровардани скрипти зерин, дар саҳна чӣ гуна тасвир акс меёбад? Тасвири шаклро кашед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



2. Дар ҳолати истифода кардан аз блоки “Repeat” (такрор кардан) скрипти дар супориши 1 додашударо ба тарзи кӯтоҳкардашуда нависед.

3. Скрипти дар супориши 2 сохтаатонро дар компютер иҷро карда бинед.

4. Ин скриптҳои барои 1 спрайт нависта шуда оё натиҷаи якхела медиҳанд, яъне оё ҳаракати спрайт як хел мешавад? Санҷида бинед.







5. Барои спрайти “Apple” скриптҳои зеринро чинед ва дастурро ба кор дароред. Чӣ гуна ҳодиса содир шуданашро мушоҳида кунед. Барои спрайти “Apple” якчанд костюмҳо тартиб диҳед ва як ба як чоп шудани онҳоро таъмин кунед.










6. Дар кадоме аз ин скриптҳои зерин гурба дар атрофи тири марказии худ як маротиба пурра давр зада мебарояд. Барои чӣ?

а) 


б) 


в) 


7. Кадоме аз скриптҳои зерин нисбати дигараш дарозмуддаттар кор мекунад? Барои чӣ?

а) 


б) 


в) 


*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


8. Программае нависед, ки қимати ифодаи S = 2 + 4 + 6 + 8 + ... + n -ро ҳисоб мекунад. Арзиши n аз тарафи истифодабаранда ворид карда мешавад.

9. Аз спрайт, костюм ва фоне, ки шумо дар дарси 5 омӯхтаед ва аз рӯи супоришҳои он сохтаед рамзи барномаро дар асоси сенарияи зерин бо номи "Борони хӯрокворӣ" нависед.

**Борони хӯрокворӣ**

Дар ин бозӣ гурба бо ёрии мушак идора карда мешавад. Он фақат ба тарафи чап ва рост давида ҳаракат мекунад. Гурба бояд шириниву меваҳои тайёри аз осмон афтидаро бо даҳонаш гирифтанаш лозим аст. Агар гурба шириниро гирифта тавонад, арзиши тағйирёбанда бо номи "хӯрд" ба як воҳид меафзояд. Агар ширинӣ ба замин афтад ё гурба қаламфур хӯрад, пас қимати тағйирёбанда бо номи "бой дод" ба як воҳид меафзояд. Мақсади бозӣ дар тағйирёбандаи бо номи "хӯрд"аз ҷамъ кардани бал (хол)-и зиёд иборат аст. Бозӣ вақте ба охир мерасад, ки арзиши тағйирёбандаи "бой дод" ба 5 баробар шавад Шумо бояд дар бозӣ аз тағйирёбандаҳои дарсҳои пештара, аз шартҳои мураккаб ва блокҳои ададҳои тасодуфӣ истифода намоед.

10. Барои фон тасвири манзараи зимистонро кашед. Спрайти дорои 4 намуди костюмро бо номи "Зарраҳои барф" тартиб диҳед. Скрипти эффект (яъне, таъсири нест кардани спрайтҳо ё табдил додани онҳо ба ранги ноаён)-и обшавӣ доштаи то ба замин омада расидани барфрезаҳои аз осмон афтида истодаро тартиб диҳед.

# ДАРСИ 7. СОХТАНИ АНИМАТСИЯҲОИ МУРАККАБ. ОФАРИДАНИ МУЛТФИЛМҲОИ БИСЁРСАҲНАВӢ

**Мултипликатсия** (лотинӣ multiplicatio - зарб) – технологияи офаридани дар экран ҳаракаткунанда аст.

Мултипликатсия усули техникие ҳисобида мешавад, ки дар офаридани иллюзатсияи суратҳои ҳаракаткунанда бо ёрии пайдарпайии кадрҳо ё расми оддии байни ҳам ҷой ивазкунанда дар суръат (частота)-и муайяне истифода бурда мешавад.

**ФИКР КУНЕД**

Мултфилм чист? Кадом усулҳои офаридани расмҳои ҳаракаткунанда мавҷуданд?

**Мултфилм** – филмест, ки барои тамошо дар экрани компютер ё дигар дастгоҳи электронӣ пешбинӣ шудааст. Дар он кадом як воқеа, ҳодиса, раванд ё ғоя ба воситаи матн ва тасвир ба бинанда ба тарзи "Гуфтор" (намоиш) расонида мешавад.

Мултфилмҳо:

а) бинобар ҷараёни технологӣ: хокӣ, пластилинӣ, бозича, нақшакашӣ, ба воситаи компютер сохташуда;

б) бинобар мақсади офарида шудан: тарғибӣ, таълимӣ,тарбиявӣ, педагогӣ, фароғатӣ;

в) аз рӯи давомнокӣ: кӯтоҳмуддат, давомнок;

г) мувофиқи шавқу синну сол: барои кӯдакон, барои калонсолон, барои наврасон буда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


метавонад.
Ҳама аниматорҳо ва мултфилмсозон дар саросари ҷаҳон ба мултфилмҳои муосир такя мекунанд ва ба офаридани мултфилмҳои шавқовар ҳаракат менамоянд. Барномаи Scratch низ ҳамин тавр аст, ба офарида шудани мултфилми хурди он шинос мешавем. Барои эҷоди як мултфилми хуб чӣ лозим аст?
Дар офаридани ҳар як мултфилм, албатта, сенария, идея(ғоя), сюжет (сужет), саҳна барин унсурҳо талаб карда мешавад.
Қадами аввал дар эҷоди мултфилм ин пайдо кардани идея аст. Пас аз пайдо шудани идея, онро ба мултфилм табдил додан осон аст.Аммо пайдо кардани идеяе, ки филмро босифат кунад, осон нест. Идеяи мултфилм метавонад саргузаштҳои гуногун, рӯйдодҳои ҷолиби шахсӣ бошад. Агар ба шумо пайдо кардани идея душвор бошад, пас шумо метавонед афсонаҳоро ҳамчун идея барои филм истифода баред. Масалан, Уолт Дисней ҳамеша дар филмҳои худ ин корро мекард.
Дар ибтидои филм шиносоӣ бо қаҳрамонҳои асосӣ ба роҳ монда шуда, яъне вазъияти умумӣ — сюжет фаҳмонда мешавад. Диққати тамошобинро ба сюжет ҷалб кардан муҳим аст. Одатан қаҳрамони асосӣ мақсад дорад ва ҳамин мақсад дар ибтидои сюжет таъкид карда мешавад.
Дар миёнаи сюжет воқеаҳои пайдар пай ба авҷи худ(кулминатсия) мерасад. Дар охири филм як сюжети шавқовареро пешниҳод кунед, ки он мувофиқи мақсади тамошобинон бошад.
Одатан, ҳама филмҳо бо истифода аз сенарияҳо намоиш дода мешаванд.  Сифати филм ба сенария вобаста аст, албатта. Саҳна як қисми ҳикояест, ки бо замон ва макон маҳдуд мебошад.Сенария бошад тартиби иҷрои ҳаракатҳои ба худ хос буда  аз алгоритми маҷмӯи дастурҳо ҳисоб карда мешавад.
Хулоса, ҳар як мултфилм дар бораи одобу ахлоқ, эҳтироми падару модар, муҳаббат ба Ватан, меҳрубонӣ ва дар он бояд хислатҳои олии ахлоқӣ, монанди инсондустӣ таҷассум ёбад.
Ба сифати мисол офаридани лоиҳаи мултфилми афсонавӣ бо номи «Кулоҳчаи сурх»-ро дида мебароем.
Барои оғоз кардани мултфилм, шумо бояд чизҳои зеринро муайян карданатон зарур аст:
- спрайтҳои дар лоиҳа иштирокдоштаро муайян кардан (кулоҳчаи сурх, модар, пиразан, гург, ҳезумкаш);
- Спрайтҳо дар лоиҳа чӣ мекунанд ва чӣ мегӯянд, яъне сенарияи мултфилмро тартиб додан;
- Дар асоси сенария барои спрайтҳо скрипт ҳосил намудан.
Барои офаридани мултфилм бо номи “Кулоҳчаи сурх” спрайт ва расмҳои заруриро аз сайти http://dr.rtm.uz/ кӯчонда гирифтан мумкин аст.

**МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ**

**Супориши 1:**
1) барномаро иҷро кунед;

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



2) спрайти гурбаро аз лоиҳа тоза кунед;

3) ба саҳна спрайтҳоро бо номи «Кулоҳчаи сурх», «Модар», «Пиразан», «Гург», «Ҳезумкаш» ҷойгир намоед;

4) барои фон фонҳоро бо номи "Ҷангал", "Роҳи кӯтоҳ", "Роҳи дароз", "хонаи пиразан", "хонаи кулоҳчаи сурх" ва "Bedroom2" ҷойгир кунед.

**Супориши 2:**

1) модари кулоҳчаи сурх дар саҳна намоиш дода шавад;

2) модар пас аз 1 сония — "Духтараки сафедакам, Кулоҳчаи сурх!" бигӯяд;

3) кулоҳчаи сурх барои ба модараш ҷавоб додан паёми «Духтараки сафедакам, Кулоҳчаи сурх!»-ро фиристонад;

4) баъди 3 сония модар мегӯяд: «Инак ин самбӯсаро бо кӯзачаи равғандор гирифта ба момоят бурда деҳ»;

5) спрайти "Модар" дар саҳна дар ҳолати ноаён гузаронда шавад;

**Скрипти 1 чунон бояд бошад:**




**Супориши 3:**

1) саҳнаи сӯҳбати кулоҳчаи сурх бо модараш:

Кулоҳчаи сурх: — Лаббай, модарҷон!

Модараш: — Ана, ин самбӯса ва равғани дар кӯза бударо ба момоят бубар!

Кулоҳчаи сурх: — Хуб, модарҷон!

2) кулоҳчаи сурх дар саҳна ба ҳолати ноаён оварда шавад, яъне нест карда шавад;

3) фони дар расм буда ба фони ҷангал иваз карда шавад;

4) дар ҷангал спрайти кулоҳчаи сурх ба костюми "кулоҳчаи сурх2" иваз карда шавад ва дар координатаи x=-120 y=10 ҷойгир кунонида шавад;

**Скрипти 2 дар чунин намуд бояд бошад:**




**Супориши 4:**

1) дар ҷангал саҳнаи сӯҳбати кулоҳчаи сурх ва гург. Гург дар координатаи x=95, y=10 нишон дода шудааст, диалоги зерин ба амал баровarда шавад:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Гург: Кулоҳи сурх, куҷо меравӣ?

Кулоҳчаи сурх: - Момомямро дидорбинӣ меравам. Ба он кас ин самбӯсаҳо ва дар кӯзача равған бурда истодаам.

Гург: Оё хонаи момоятон дур аст?

Кулоҳчаи сурх : - Хона дар бари қишлоқ дар пушти осиёб аст.

Гург: Ман ҳам момоятро дида меоям. Ман бо ин роҳ меравам ту бошад бо он роҳ рав. Мебинем кӣ пештар рафта мерасидааст?

2) спрайти кулоҳчаи сурх аз саҳна пинҳон карда шавад;

3) расми дар фон буда ба фони дар намуди роҳи кӯтоҳ буда, спрайти гург бошад ба костюми "гург2" иваз карда шавад;

4) бигзор гург аз саҳна берун равад ва бигӯяд: " Ман бо роҳи кӯтоҳтарин медавам!"




**Ба давоми скрипти 3 скрипти намуди зерин бояд илова карда шавад:**




**Скрипти 4 бояд чунин бошад:**




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Супориши 5.**

Дар хотир доред, дар ҳикоя кулоҳчаи сурх, аз роҳи дуртарин гашта, дар роҳ аз гулҳо гулдаста месозад, пас аз муддати дароз ба хонаи момояш мерасад.

1) Расми фон ба фони роҳи хеле дур, спрайти кулоҳчаи сурх ба костюми “Кулоҳчаи сурх 4” иваз карда шавад.

2) Спрайти кулоҳчаи сурх дар координатаи x=-290, y=-40 намудор шавад ва мусиқаи “Кулоҳчаи сурх.mp3” фаҳмида шавад.

3)Баъд аз 10 сония расми дар фон буда ба фони намуди хонаи момояш иваз карда шавад.

4) Спрайти кулоҳчаи сурхро офаред.

5) Мусиқаро қатъ кунед.

**Скрипти 5 бояд чунин бошад:**




**Супориши 6.**

Скриптро мувофиқи сенарияи зерин мустақилона нависед:



1) Гург аз роҳи кӯтоҳтарин давида, аз назди хонаи момои кулоҳчаи сурх пайдо шавад;

2) Бигзор гург фикр кунад: "Акнун ман хӯроки нисфирӯзии болаззат мехӯрам".

3) Гург пеш аз омадани кулоҳчаи сурх ба хона ворид шуда, пиразанро хӯрда, мисли намуди зерина нишинад ва вақте ки дар фикри "Духтар куҷост?" буд, ба хона духтарак даромада ояд;

4) Бигзор кулоҳчаи сурх ба хона дарояд ва дар байни онҳо гуфтугӯ пайдо шавад:

Кулоҳчаи сурх: - Вой, момоҷон, дастонат ин қадар дароз аст?

Гург: — барои туро сахт ба оғӯш гирифтан, бачам.

Кулоҳчаи сурх: - момоҷон, гӯшҳоят ин қадар калон аст?

Гург: - Барои беҳтар шунидани суханони туст..

Кулоҳчаи сурх: -момоҷон, чашмонат ин қадар калон аст?

Гург гуфт: Барои нағзтар дидани ту, бачам.

Кулоҳчаи сурх: - момоҷон, дандонҳоятон ин қадар калон аст?

Гург гуфт: - Барои зудтар хӯрдани туст!




5) Кулоҳчаи сурх “Воо!” –гуфта аз саҳна нест шавад.

6) Бигзор ҳезумкаш, ки аз назди хона гузашта истода буд, садои кулоҳчаи сурхро бишнавад ва ба хона давида дарояд;

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


7) Ҳезумкаш бо табари дар даст дошта гургро бурида партояд;

8) Дар саҳна кулоҳчаи сурх ва момояш пайдо гардад.;

9) Момояш кулоҳчаи сурхро то назди дарвоза бурда, “Дар чангал бо гургон сӯҳбат кардан хавфнок аст” гӯяд ва мултфилм ба охир расад.




**Супориши 7:**

Лоиҳаро бо номи "Кулоҳчаи сурх" маҳфуз доред.

**САВОЛ ВА СУПОРИШОТ**

1. Мултипликатсия чист? Мултфилм – чӣ?
2. Мултфилмҳоро аз ҷараёнҳои технологӣ ба кадом намудҳо тақсим кардан мумкин аст?
3. Барои офаридани мултфилми хуб чӣ лозим аст?
4. Оё бе сенария мултфилм сохтан мумкин аст? Чаро?
5. Чаро ҳангоми сохтани мултфилм тағйир додани спрайт ва фон муҳим аст?

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

1. Овозҳоеро мувофиқ офаред, ки ба матнҳои аз ҷониби ҳар як скриптҳои лоиҳаи “Кулоҳчаи сурх” гуфта шудааст. (Эзоҳ:барои офаридани овоз аз банди “Choose a Sound” фармони “Record” интихоб карда мешавад. Дар оиначаи ҳосилшуда бо зер кардани тугмачаи “Record” овоз навиштан мумкин аст.)
2. Ба овозҳое, ки дар супориши 1 ҳосил карда будем, бо матнҳои аз ҷониби ҳар як скриптҳои лоиҳаи “Кулоҳчаи сурх” гуфта шудааст, иваз кунед. Лоиҳаро бо номи “Овоздор_мултфилм_кулоҳчаи сурх” сабт кунед.

## ДАРСИ 8. ОФАРИДАНИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Дастури Scratch барои кор бо расм ва овозҳо, саҳнаҳои динамикиро офаридан, навишта гирифтани ҳаракатҳои пайдарпайи дар шакли скрипт буда мебошад. Ҳикояҳои аниматсионии интерактив ва муҳити дастурсозие, ки дода тавонистани имконияти сохтани лоиҳаҳои бозиҳои компютериро аз китоби дарсии “Информатика ва технологияҳои ахбор” синфи 5 маълум аст.

**МАФҲУМҲОИ АСОСӢ**

**Бозӣ** – Муҳити махсусе, ки барои фаҳмидани муҳити зист офарида шудааст.

**Бозиҳои компютерӣ**– Таъминоти дастурие, ки барои дар компютер бозӣ кардан офарида шудааст.

Дастури мазкур бо асосҳои дастурсозӣ шинос шудан,

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ба амал баровардани лоиҳаҳои аниматсионӣ ва интерактив ва бо сохтани мултфилмҳо барои ривоҷ додани қобилияти эҷодӣ, мантиқӣ ва фикрронии хонанда ёрӣ мерасонад.

Инчунин, шабакаи иҷтимоии Scratch (https://scratch.mit.edu/discuss/) низ мавҷуд аст, ки барои мулоқот бо бачагоне, ки дар тамоми дунё ба офаридани дастур шавқ доранд ва мубодилаи лоиҳаҳои онҳо имкон медиҳад.

Чунон ки дар боло қайд карда будем дар дастури Scratch аниматсия, мултфилм ва бозиҳои компютерӣ офаридан мумкин аст. Бозӣ чист? Бозиҳои компютери-чӣ? Барои офаридани бозӣ чӣ кор кардан лозим аст? Бозиҳои компютерӣ чӣ хел офарида мешавад?

Аз ин рӯ, барои офаридани бозиҳои компютерӣ шумо мафҳумҳои барнома, барномасоз, забони барномасозиро донистанатон зарур аст.

**БАРНОМА**

**Барнома (барномаи компютерӣ)** гуфта, дар забони ба компютер фаҳмо нависташуда, фармоне, ки аз тарафи компютер ба амал бароварда шуда ягон вазифаи муайянро иҷро мекунад ва пайдарпайии нишондодҳо фаҳмида мешавад.

**БАРНОМАСОЗӢ**

**Барномасозӣ** – ҷараёни барномасозӣ барои компютер. Дар ин одами барнома офарандаро барномасоз, забони махсуси компютер фаҳмандаро забони барномасоз мегӯянд.

Ҳар гуна бозиҳои компютерӣ дар ягон забони барномасозӣ сохта мешавад. Дар олами барномасозӣ барои сохтани бозиҳои компютерӣ даставвал сенарияе, ки “Алгоритм” меноманд, фикр карда ёфта мешавад, пас мувофиқи он аниматсия офарида шуданаш лозим. Пас, ҳар гуна бозӣ дар асоси кадом як алгоритм сохта мешудааст.

Шумо бо донишҳо доир ба мафҳуми алгоритм, графики алгоритмҳо, яъне тасвир дар намуди блок-схемаҳо соҳиб ҳастед (синфи 5, дарси 27). Блок-схема ба тасвири намуди мухтасар ва фаҳмои алгоритмҳо ёрӣ мерасонад. Дар он ҳар як намуди ҳаракат дар шакли геометрии намуди ишоравии блок мос меоянд, гузаштан ба ишораҳои блок бошад ба воситаи хатҳо пайваст карда мешавад. Дар ҷадвали зерин барои дар намуди блок-схема тасвир кардани алгоритмҳо аломатҳои шартии корбаранда ва васеъпаҳншуда оварда шудааст.

**Аломатҳои шартии блок-схема**

| Номи блок | Намуди блок | Вазифаҳои блок |
|---|---|---|
| Блоки ибтидо/интиҳои алгоритм |  | Ибтидо ва интиҳои алгоритм |
| Блоки даромад/ баромад |  | Даровардан ва баровардани алгоритмҳо |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


| | | |
|---|---|---|
| Блоки функсионалӣ |  | Ҳисобкунӣ |
| Блоки баръакс |   | Санҷидани шарт |
| Блоки сикл |  | Ташкил кардани сикли такроркунӣ |
| Блоки чоп кардани хабар |  | Чоп кардани натиҷа |
| Блоки қисми дастур |  | Муроҷиат ба алгоритми ёрирасон (ҳисоб кардани параметрҳо) |

Дар дастури Scratch ба амал баровардани сенарияи бозиҳо дар асоси алгоритм, алгоритми зеринро бошад дар намуди блок-схемаи поёнӣ тасвир кардан мумкин аст.




**Барои сохтани бозӣ танҳо ғоя ва ҳодиса басанда нест. Пеш аз кор карда баровардани бозӣ ҳаммаашро хуб фикр карда ба савоҳои зерин ҷавоб додан лозим аст:**

1. Қаҳрамони бозӣ кӣ мешавад? Дар давоми бозӣ вай дар чӣ гуна кайфият мешавад?
2. Вай кадом фазилатҳоро дошта бошад? (тезкорӣ, ҷасурӣ, боақлӣ, айёрӣ, ...)
3. Қаҳрамон чиро ёд гирифтанаш мумкин аст?
4. Қаҳрамон чӣ кор мекунад? (давидан, ҷаҳидан ё ки иҷрои супоришҳои душвор)
5. Дар давоми бозӣ кадом қобилиятҳои ба худ хоси қаҳрамон инкишоф дода мешавад?
6. Бозӣ чӣ гуна баҳогузорӣ шавад? Масалан, барои муваффақиятҳои ноилгаштаи қаҳрамон албатта рағбатнок карда шуданаш зарур: хол, ситораҷа, ресурсҳо (балл, энергия, бонус ва ғайраҳо)
7. Дар давоми бозӣ вазифаҳоро чӣ гуна иваз кардан мумкин аст? Мавриди иҷрои супоришҳо оё дараҷаи вазнинӣҳо зарур аст?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Асоси ҳар гуна бозиро аниматсия ташкил мекунад.**

**Хўш, аниматсия чист?**

Барои сохтани бозӣ аввал сенария ташкил карда мешавад, баъд аз он аниматсияи мувофиқ сохта мешавад. Дар натиҷаи тасвири ҳар гуна объект ва ҳаракатҳои он аниматсия ҳосил мешавад.

**Аниматсия** (fr.animation – илҳомбахш, ҷоннок кардан; lot.anima – рух, ҷон) - ҳаракате, ки дар натиҷаи мантиқан пайдарпайии тасвирҳо ҳосил шудааст.

Ҳаракат кунонидани объектҳои хаёлӣ дар асарҳои бадеӣ ва бозиҳо, ба онҳо намуди ҳаётӣ додан, яъне барои ҷоннок кунонидан аз аниматсия истифода мешавад.

Намуди хаттӣ, қумдор, пластлиндор, силуетдор ва компютерии аниматсия мавҷуд аст. Аз ҷумла намуди аниматсияи компютерӣ дар замони ҳозира барои сохтани аниматсия яке аз технологияҳои қулай ва замонавӣ мебошад.

**Интерактивӣ** (ingl.interaction – дар якҷоягӣ ҳаракат кардан) – таъсири объектҳо ба ҳамдигар. Вай дараҷаи дар якҷоягӣ ҳаракат кардани объектҳо ва моҳияти онҳоро кушода медиҳад.

**Унсурҳои интерактивӣ** – системаи дар якҷоягӣ ҳаракат кардани ҳаммаи унсурҳо. Бо ёрии онҳо дар якҷоягӣ ҳаракат кардани системаи дигар ва инсонҳо (фоидабаранда) иҷро карда мешавад.

Бозиҳои компютерӣ дар натиҷаи якҷоягии аниматсия ва объектҳо, яъне ҳаракати таъсири байниҳамдигарии онҳо (интерактив) сохта мешавад.

**Тасвир** + **Ҳаракат** = **Аниматсия**

**Аниматсия** + **Интерактив** = **Бозӣ**

Бозиҳои компютериро ба 2 намуд : бозиҳои видеогӣ ва мобилӣ ҷудо кардан мумкин. Бозиҳои видеогии дастур навистaшуда барои мошинаҳои бозӣ, бозиҳои мобилӣ бошад барои сматрфон ва компютерҳои кисагӣ мебошад.

Сохтани аниматсияи объектҳо ва ҳодисаҳо дар муҳити Scratch аз аввал ба шумо маълум аст.

Акнун зинаҳои сохтани бозиҳои компютериро таҳлил карда мебароем.

**САВОЛ**

Барои завқангез шудани бозиҳои компютерӣ онҳоро чӣ гуна кор карда баровардан лозим?



Аниқ кардани ғоя



Сохтани сенария



Саҳна ва қаҳрамонҳо




Алгоритмкунӣ ва дастурсозӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**Ғоя** – образи хаёлие, ки хусусиятҳои асосӣ ва муҳими тамоилҳои ҳар гуна объект, ҳодиса, ҳаракатро ҷудо мегардонад. (тимсоли тассавуркардашуда)

**Ғояи бозӣ –** аз қаҳрамон, аниматсия, ҳодиса ва жанрҳо ташкил ёфтааст. Ҳар як хонанда барои бозӣ ғояи худро ихтироъ карданаш мумкин аст. Барои ин эҷодкор ва боназорат будан, як бутунии фрагмент (пора, қисм)-ро сохта тавонистан лозим аст.




**Сенарияи аниматсия:**

1.Кӣ? Чӣ?

- Қаҳрамон

2. Дар куҷо?

- Дар саҳна.

3. Чӣ хел? Бо кӣ? Бо чӣ?

-Фармонҳои дар скрипт навишташуда.

**Сенарияи бозии “Тӯб ва футболбоз” чӣ хел кор карда баровардa мешавад?**

Барои ин ба саволҳои зерин ҷавоб додан лозим аст:

1.Дар бозӣ кӣ ё ки чӣ (ё ки чӣ гуна қаҳрамон) иштирок мекунад?

- Кӣ? – футболбоз.

-Чӣ? – тӯб.




**футболбоз тӯб**

2.Қаҳрамонҳо аз куҷо ҷой гирифтаанд? Воқеаҳо дар куҷо содир мешавад?

-дар саҳна (майдончаи футбол)

3. Бо кӣ (ё ки чӣ) ҳаракати вобастагии байниҳамдигарӣ (муносабат) иҷро мешавад?

- Мушакча бо тӯп, футболбоз бошад бо тӯб якҷоя ҳаракат мекунад.

4. Объектҳо(қаҳрамонҳо) бо ҳамдигар бо чӣ хел вобастагӣ ҳаракат мекунанд?

- Тӯб тахти роҳбарии мушакча ҳаракат мекунад, бозингар бошад ба тарафи тӯб бояд давад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Дар зер ба сенарияи бозӣ муносиб блок-схемаи дастур оварда мегузарем.**




**Дар намуди умумӣ сенарияи бозиро дар схемаи зерин ифода кардан мумкин:**




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Сенарияи бозии “Аз тӯб ҷаҳед!”**

Дар саҳна тӯбҳо ба тарафи гурба давр зада меоянд. Гурба барои ба тӯб нарасидан ҷаҳида тӯбҳоро гузарониданаш лозим аст. Дар ин гурбача бо ёрии тугмачаи “Пробел” хест мекунонад. Дар оғози бозӣ “Миқдори ҷонҳо” ба 5 баробар аст. Агар тӯб ба гурбача расад, “Миқдори ҷонҳо” ба як адад, “Ҳисоби фоида” бошад ба 5 балл кам мешавад ва ранги тӯб дигаргун шуда аз экран нест мешавад. Дар акси ҳол, яъне гурбача тӯбро гузаронад “Миқдори ҷонҳо” бедигаргунӣ мемонад, ба “Ҳисоби фоида” бошад, 10 балл ҳамроҳ мешавад. “Миқдори ҷонҳо” ба 0 баробар шавад, бозӣ ба охир мерасад ва дар экран навистаҷоти  “БОЗӢ БА ОХИР РАСИД” пайдо мегардад.

**МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ**

**Супориши 1:**

1. Дастурро ба кор дароред.
2. Барои дар спрайти гурба аниматсияи ҳаракаткуниро ҳосил кардан,намудҳои костюмҳои дар зер нишондодаро ҳосил кунед:



*Эзоҳ!* Агар барои сохтани костюмҳои спрайти мазкур душвориҳо пайдо шавад, дар он ҳол онро аз шабакаи https://dr.rtm.uz кӯчонда гирифтанатон мумкин аст.




3.Барои фон, фони бо номи “Boardwalk” бударо ҷойгир кунед.

4. Аз нусхаи фони бо номи “Boardwalk” – фони 2 – юми бо номи “Boardwalk2” бударо ҳосил кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



5. Ба фони бо номи “Boardwalk2” буда,  матни “БОЗӢ БА ОХИР РАСИД” – ро ҷойгир кунед.

**Супориши 2.**




1. Тайғирёбандаҳое бо номи “Миқдори ҷонҳо”, “Ҳисоби фоида”, “Роҳ рафтан” ва “X”-ро тартиб диҳед (барои ин аз фармони “Make a Variable”-и қисми “Variable” истифода баред).

2. Тағйирёбандаҳое, ки номашон ”Миқдори ҷонҳо” ва “Ҳисоби фоида” аст, онҳоро ба ҳолати дар саҳна намоёншаванда оред:

**Супориши 3.**

1. Ба оинаи скриптҳо блоки  ҷойгир кунед.

2. Бо ёрии тугмачаи “message1” рӯйхати дамида барояндаро ҳосил кунед:



3. Бо ёрии фармони “New message” оинаи тартиб додани хабари навро ҳосил кунед, хабаре бо номи “Ҷаҳидан” тартиб диҳед ва тугмачаи ОК-ро  пахш кунед.




4. Айнан дар ҳамин тартиб “Тамом”, “Тӯб”, “Роҳ рафтан” барин рӯйхати хабарҳоро тартиб диҳед.

**Супориши 4.**

Барои спрайти гурба скриптҳои зеринро тартиб диҳед:




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**Супориши 5.**

Барои спрайти тӯб скриптҳои зеринро тартиб диҳед:



















*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE












**Супориши 6:**

1. Лоиҳаро ба кор дарорed ва бозиро бозӣ карда бинед.

2. Баъд аз ҳосил кардани боварӣ нисбати набудани хатогӣ дар дастур лоиҳаро бо номи “Аз тӯб ҷаҳед” маҳфуз доред.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Бозӣ чист? Бозиҳои компютери-чӣ?
2. Барои тартиб додани бозиҳои компютерӣ чиҳоро донистан лозим?
3. Аниматсия чист? Чӣ гуна намудҳои он мавҷуд аст?
4. Тартиб додани бозиҳои интерфаъол барои чӣ зарур аст?
5. Бозиҳои компютериро бе сенария тартиб додан мумкин-мӣ? Барои чӣ?
6. Зинаҳои тартиб додани бозиҳои компютерӣ дар дастури Scratch-ро шумурда диҳед.

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Ба лабиринти намуди зерин сенарияи бозӣ нависед.



2. Барои ба амал баровардани интерфаъолии бозӣ дар бораи фармонҳое, ки истифодаашон мумкин аст, фикр карда бинед.

3. Дар асоси сенарияи навистаатон дастури бозиро тартиб диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


# ДАРСИ 9. КОРИ НАЗОРАТӢ. ТАҚДИМОТИ ЛОИҲАИ КОРҲО

Намудҳои лоиҳа, ки дар муҳити Scratch ба амал мебароянд:

| Намуди лоиҳа | Ном ва ғояи лоиҳа | Намунаи лоиҳа |
|---|---|---|
| Мусиқӣ | **Рангинкамони мусиқадор**<br>Ба спрайтҳои 7 ранг доштаи рангинкамони до, ре, ми, фа, сол, ля, сӣ барин 7 нотаи мусиқи ҷойгир шудааст. Гурба ба рангҳо расад, мувофиқан овози нотаи ба вай ҷойгиршуда ҷарангос мезанад ва ранги спрайт иваз мешавад. Гурба ба абр расад, овози барабан, ба офтоб расида бошад овози як нотаи дигар садо медиҳад. |  |
| Бозии интерфаъол | **Бозии (Мушу гурба)**<br>Муш аз лабиринт гузашта ба сирпиёз рафта расиданаш лозим. Дар гузаштан бо ёрии лабиринт, гурба барои рафта расидани муш ба сирпиёз пешгирӣ мекунад. Қаҳрамонони бозӣ аз 3 спрайт: гурба, муш ва сирпиёз иборат мебошад. Агар муш дар роҳ ба девори сиёҳ ё ки гурба пеш ояд, дар он ҳол паёми “Вой!!!” мебарояд ва муш боз ба даруни доираи сабз ҷойгир мешавад. Агар он ба сирпиёзи дар кӯза буда рафта расад, “Ням-ням!!!” гуфта овоз мебарорад. Барои саҳна лабиринти дар расм буда барин кашидан лозим. |  |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| Намуди лоиҳа | Ном ва ғояи лоиҳа | Намунаи лоиҳа |
|---|---|---|
| Диалог (элементи мулоқот) | **Ман ҳисбкуниро медонам**<br>Гурба бо истифодабаранда дар асоси диалоги зерин ба мулоқот медарояд ва аз тарафи истифодабаранда дохилшавандаи дар болои 2 адад +, –, *, / барин амалҳоро иҷро мекунад:<br>-Салом!<br>-Номатон кист?<br>-Масалан , НАФИСА<br>-НАФИСА, бовар мекунед, ман ҳисобкуниро медонам!<br>-Адади якумро ворид кунед: A=<br>Масалан, 12.<br>-Адади дуюмро ворид кунед: B=<br>-Масалан ,24.<br>-Барои дидани ҷавобҳо катакчаҳои ифодаҳо ҷойгиршударо интихоб кунед!<br>- A + B; A – B; A * B; A / B бо ёрии интихоб кардани катакчаҳои хатдор натиҷаҳои ҳисобкунии саҳна маълум мешавад. |  |
| Графика | **Абстраксия**<br>Гурба раҳҳои дар намуди абстраксион бударо мекашад. |  |
| Аниматсион | **Аниматсия**<br>Дар саҳна 2-то фил буда, 1-то парранда парида гаштааст. Яке аз филҳо аз хартумаш об пошида ҳаракат мекунад, дуюмин бошад дар саҳна оддияк мегардад. Агар паррандаи парида истода ба яке аз филҳо расида монад, ранги онҳо сафед мешавад. Вақти муайян гузашта, ранги филҳо боз ба ҳоли худ бармегарданд. |  |

**Супориш.** Ба ҳар як сенарияи дар боло овардашуда лоиҳаҳои мосро тартиб диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# БОБИ II.
# АЗНАВКОРКАРДИ ҲУҶҶАТҲО ДАР ПРОТСЕССОРИ МАТН

## МАҚСАДИ ОМӮЗИШ

Дар ин боб шумо:

талабҳои мондашуда барои тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмӣ;

тартиби ҷойгир кардани объектҳо дар ҳуҷҷат;

тартибҳои форматкунии саҳифаҳои ҳуҷҷат;

Имкониятҳои иловагии протсессори матни MS Word-ҳоро дониста мегиред.

## ВОСИТАҲО

MS Word

## МАЛАКА (ЧЕГАРА-САРҲАД)

Бо ёрии боб шумо:

дар протсесори матн тайёр кардани ҳуҷҷатҳо;

ҳуҷҷати дар MS Word тайёр карда шударо кодгузорӣ кардан;

ҳуҷҷати дар MS Word тайёр карда шударо чоп кардан;

ба ҳуҷҷат колонтитул, ҳавола ва гипермуроҷиатҳо ҷойгир кардан;

чегара ва самтҳои саҳифаи ҳуҷҷатро ишорат кардан;

рақамгузории саҳифаҳои ҳуҷҷат;

ҳосил кардани рӯйхатҳои ҳуҷҷат;

ба ҳуҷҷат ҷойгир кардани объектҳои SmartArt, шакл, 3D модел ва формулаҳоро дониста мегиред.

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 10. КОР БО ҲУҶҶАТҲО ДАР ПРОТСЕССОРИ МАТН

Маълум аст, ки дар китоби дарсии синфи 5 оид ба кор кардан дар протсессори матни MS Word дониши ибтидоӣ дода шудааст. Тибқи он дар рӯзмарра аз онҳо чӣ гуна истифода кардан нишондодҳои амалӣ ҳам тақдим карда шудааст. Барои форматкунии намуди қулайи хондани маълумотҳои ҳуҷҷат, онҳоро дар намуди рӯйхат тасвир кардан мумкин. Дар офаридани ҳуҷҷат якчанд маълумотро шумурда гузаштан лозим бошад, аз намудҳои гуногуни фармони “Списки” истифода бурда мешавад. Чунки рӯйхат дар қаторҳои алоҳида нависташуда бо ишоратҳо ҷудо карда шуда мебошад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Рӯйхат** – маҷмӯаи сархатҳои бо ёрии рақам ё ки маркер ишоратшуда.

**Маркер** – намуди ишоратӣ барои ҳосил кардани рӯйхат истифодашаванда.

Муқоиса карда бинед-чӣ, маълумоти дар кадом намуд бударо хондан ва ҳам дар хотир доштан қулай?

**Намунаи 1:**

зағорамоҳӣ, товонмоҳӣ, барзагови ало, харчанг;
себ, олуча, анор, анҷир;
шир, равғани зард, саршир (қаймоқ), равған;
рӯй, чашм, абрӯ, бинӣ;
материк, уқёнус, нимуқёнус, баҳр.

**Намунаи 2:**

зағорамоҳӣ, товонмоҳӣ, барзагови ало, харчанг, себ, олуча, анор, анҷир, шир, равғани зард, саршир (қаймоқ), равған, рӯй, чашм, абрӯ, бинӣ, материк, уқёнус, нимуқёнус, баҳр.

**ЭЗОҲ** !

Бо ёрии рақам ишорашудаи маҷмӯи сархатҳо рӯйхати рақамнок гуфта мешавад.

Бо маркер ишорашудаи маҷмӯи сархатҳо бошад, рӯйхати маркернок гуфта мешавад.

**Тартиб додан ва иваз кардани рӯйхати Маркер**

1. Барои ҳосил кардани рӯйхат ҳар як қисми матни додашуда ба қаторҳои алоҳида ворид мешавад.
2. Матни воридшуда бо усули ихтиёрӣ ишорат карда мешавад.
3. Менюи “Главная” интихоб карда мешавад (1).
4. Аз қисми “Абзатц” ▾ –и дар дар фармони “Маркеры” буда интихоб карда мешавад (2).
5. Якчанд намуди ба сифати ишорати Маркер истифодашаванда мавҷуд буда, аз онҳо ишорати ихтиёрӣ интихоб карда мешавад (3).

Агар амалҳо пайдарпай иҷро карда шавад, дар ҳар як сархат маркерҳо пайдо мешаванд. Бо ёрии тугмачаи “Enter” ҳангоми ба сархати дигар гузаштан, ба таври автоматикӣ рӯйхати ба маркери зерин соҳиб буда ҳосил мешавад.

Намуди ишоратро ба хоҳиш нигоҳ карда иваз кардан мумкин аст. Барои ин:

1) Рӯйхати тартиб додашуда ишорат карда мешавад;
2) Аз фармони “Главная” → “Маркеры” бо ёрии (2)▾ишорати нав интихоб карда мешавад(3).

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Протсессори матнии MS Word на танҳо қодир аст маркерҳо, балки рӯйхатҳои рақамдорро низ созад. Рӯйхати рақамӣ ба мисли рӯйхати маркернок сохта мешавад.

**Офаридан ва тағйир додани рӯйхати рақамнок**

1. Барои сохтани рӯйхат ҳар як қисми матни додашуда дар сатрҳои алоҳида ворид карда мешавад.
2. Матни воридшуда бо роҳи ихтиёрӣ интихоб карда мешавад.
3. Менюи "Главная" интихоб карда шавад (1).
4. Дар бахши «Абзац» ишораи ▾ -и фармони «Нумерация» интихоб карда шавад (2).
5. Барои рӯйхати рақамнок аломати рақамгузории ихтиёрӣ интихоб карда мешавад (3).

Намуди зоҳирии нишонаро бо хоҳиши худ тағйир додан мумкин аст. Барои ин:

1) рӯйхати сохташуда муайян карда мешавад;

2) Аз фармони «Нумерация»-и менюи «Главная» ба воситаи аломати ▾ (2) ишораи нав интихоб карда мешавад (3);

3) Ҳангоми сохтани формати нави рақамӣ барои рӯйхати рақамнок, ки дар китобхона мавҷуд нест, фармони " Определить новый формат номера "интихоб карда мешавад (4);

4) Ҳар як калима (қисм, мисол ва ғ.), ки пеш аз рақам дар сатри "Формат номера" ворид карда шудааст, барои рӯйхати рақамноки ҳосилкунанда ҳамчун маркер истифода бурда мешавад.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**Ҳангоми сохтани рӯйхат дар ҳуҷҷат қоидаҳои зерин бояд риоя шаванд:**

1) ҷумлаи пешакии рӯйхат метавонад бо нуқта ё дунуқта хотима ёбад. Агар калима ё ибораи ҷумлаи зерин пас аз он вуҷуд доштани кадом як рӯйхатро нишон диҳад ё ки маълумотҳои дар рӯйхат буда ҷумлаи аз он пешро фаҳмонда диҳад, дунуқта кор фармуда мешавад. Дар акси ҳол, пеш аз рӯйхат нуқта гузошта мешавад;

2) дар рӯйхатҳои арабӣ ё ки римӣ:

а) агар пас аз рақам нуқта гузошта шавад, матн бо ҳарфҳои калон;

б) агар аз пас аз рақам қавс гузошта шуда бошад, матн бо ҳарфи хурд оғоз мешавад;

3) агар дар рӯйхати рақамнок ҳарфҳои кириллӣ ё лотинӣ истифода шуда бошанд:

а) агар пас аз ҳарфи калон нуқта гузошта шавад, матн бо ҳарфҳои калон;

б) агар қавс пас аз ҳарфи хурд истифода шавад, матн бо ҳарфи хурд оғоз мешавад;

4) дар рӯйхати маркернок матн бо ҳарфи хурд оғоз мешавад;

5) пас аз элементи рӯйхат аломатҳои ишоратии зеринро гузоштан мумкин аст:

а) вергул, агар рӯйхат аз як элемент иборат бошад;

б) нуқта вергул, агар бо ҳарфи хурд оғоз шудани элементи рӯйхат зарур бошад;

в) нуқта, агар бо ҳарфи калон оғоз шудани элементи рӯйхат зарур бошад;

6) нуқта пас аз элементи охирини рӯйхат гузошта мешавад.

Маълум аст, ки дар ҳаёти ҳаррӯза ба таҳияи ҳуҷҷатҳои гуногуни расмӣ эҳтиёҷ калон буда, онҳоро дар протсессори матни MS Word тайёр кардан хеле қулай ва осон аст.

Миқдори ҳуҷҷатҳои расмӣ хеле зиёд буда, дар мавриди корбарӣ истифодашавандаи онҳо ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ ҳисобида мешавад. Ба онҳо ариза, баённома, огоҳӣ, васиятнома, ваколатнома, маълумотнома, тавсифнома, тавсиянома, таклифнома, тарҷумаи ҳол, тавзеҳот, эълон, ҳисобот барин ҳуҷҷатҳоро мисол овардан мумкин аст.

**ЭЗОҲ**

**Ариза –** ҳуҷҷати расмиест, ки ба номи муассисаи муайян ё шахси мансабдор дар мазмуни дархост, пешниҳод, шикоят ва ғайраҳо нависта мешавад. Донишомӯзи мактаб, донишҷӯ, менеҷер, деҳқон, инженер, олим, соҳибкор, мансабдор — ҳар як аъзои ҷамъият барои муроҷиат ҳуқуқ дорад. Ариза мисли дигар хуҷҷатҳои расмӣ бо ҷумлаҳои кӯтоҳ, мухтасар ва фаҳмо навишта шуданаш зарур аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**Қисмҳои зарурии ариза:**




1) муассисае, ки ариза ба он муроҷиат карда мешавад ё номи шахси мансабдор;

2) маҳалли истиқомати аризадиҳанда, вазифа, ном, номи падар ва насаб;

3) номи ҳуҷҷат (ариза);

4) матни асосӣ (пешниҳод, дархост, шикоят ва ғ);

5) номи ҳуҷҷатҳои ба ариза замимашуда (агар лозим бошад);

6) имзо, ном ва номи падари аризадиҳанда бо сарҳарфҳои калон;

7) санаи дархост (рӯз, моҳ, сол).

Бояд гуфт, ки қисмҳои зарурии ариза на дар ҳама ҳолатҳо яксонанд. Барои аксарият аризаҳо ба иловаҳо ҳоҷат намонданаш мумкин ва ғайра.

**Қисмҳои асосии тарҷумаи ҳол:**

1) номи ҳуҷҷат (тарҷумаи ҳол);

2) матн:

- насаб, ном ва номи падари муаллиф;
- санаи таваллуд (рӯз, моҳ, сол) ва ҷой;
- миллат, пайдоиши иҷтимоӣ;
- маълумоти мухтасар дар бораи падару модар (насаб, ном ва номи падар, ҷои кор);
- маълумот (дар куҷо, кай ва кадом муассисаи таълимиро хатм кардааст, ихтисос аз рӯи маълумоташ);
- намудҳои фаъолияти кориаш;
- ҷои кори охирин ва вазифааш;
- мукофот ва ҳавасмандгардониҳо;
- иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ;
- вазъи оилавӣ ва таркиби аъзоёни оила;

-маълумоти шиноснома;

- ҷои истиқомат (суроғаи хонагӣ), рақами телефон;

3) сана;

4) имзо.

**эзоҳ**

**Тарҷумаи ҳол –** навишти шахси муайянест, ки аз ҷониби шахс доир ба ҳаёт ва фаъолияташ навишта шудааст. Тарҷумаи ҳол якранг нест, ҳар кас дар асоси хости худаш навистанаш мумкин аст. Он аз ҷониби муаллиф ҳуҷҷати мустақилона сохта шуда мебошад. Гарчанде ихтиёрӣ нависта шавад ҳам, нависта шудани баъзе қисмҳои он ҳатмист.

Тарҷумаи ҳолро дар коғази оддӣ чоп кардан мумкин аст.  Шакли баёни матн бо услуби ҳикоя буда аз номи  шахси якум навишта мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Рӯйхати маълумоте, ки бояд ба резюме дохил карда шавад:**

**Унвон:** тарҷумаи ҳол, ном ва насаб ....

**Мақсад:** кори доимӣ, шуғл, мансаб, вазифа ....

**Маълумоти шахсӣ:** рақами телефон, почтаи электронӣ, блоги шахсӣ, профили шабакаҳои иҷтимоӣ, суроғаи хона, шароити оилавӣ....

**Расм:** одатан бо андозаи 3,5 × 4,5 дар фони якхела .

**Маълумоти асосӣ:** маълумот доир ба фаъолияти корӣ ва ҳам дар кадом муассисаи таълимӣ таълим гирифтанаш, дар байни кадом солҳо ....

**Дастовардҳо:** ифтихорнома, сертификатҳо ....

**Маълумоти иловагӣ:** сифатҳои шахсӣ, манфиатҳо ...

Машҳуртарин тайёркардашудаи намунаҳои резюме дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико "Cirriculum Vitae" (тарҷума - тарзи ҳаёт) ном бурда шуда ихтисоран CV (Si-Vi) гуфта мешавад.

CV - ҳуҷҷати нишондиҳандаи салоҳияти умумии шахс дар бозори меҳнати рақобатнок ҳисобида мешавад.

> **эзоҳ** !
>
> **Резюме** яке аз ҳуҷҷатҳои расмие ҳисобида мешавад, ки аз давлатҳои инкишофёфтаи Аврупо ва ҳам амалиёти идораи кадрҳои ИМА омадааст. Барои ба кор ҷойгир шудан тақдим кардани резюмеи худ дар бизнеси замонавӣ яке аз қоидаҳои этикет аст. Дар тайёр кардани резюме талабот дар давлатҳои гуногун ҳархел буда, ҳамчунин ба воситаи резюме дар шахс имконияти пайдо кардани рекламаи салоҳияти худ пайдо мешавад.

Яке аз усулҳои маъмултарини имрӯзаи он – ин аз интернет гирифтани бланкаҳои тайёр ва ба он бо дохил кардани маълумотҳои шахсӣ сохтани резюмеҳо аст. Номи файли резюмеро дар шакли фамилия_исм_мансаб маҳфуз доред. Агар ин тавр нигоҳ дошта шавад, файлро ёфтан осон аст ва корфармо дар бораи шахсе, ки файлро офаридааст, ба пайдо кардани таассуроти хуб замина меофарад.

Дар зер рӯйхати вебсайтҳое, ки имконияти гирифтан ва аз нав кор кардани шаблонҳои резюмеи ҷолибро доранд, оварда шудаанд:

| № | Номи вебсайт | Имкониятҳо |
|---|---|---|
| 1. | https://www.canva.com/ru_ru/sozdat/rezyume/ | Вебсайтест, ки дар шаблонҳои тайёр бо рангҳо ва ҳуруфҳои гуногун тавассути ворид кардани маълумот барои соҳиб шудан ба резюмеи шавқовар дар натиҷаи таҳрир кардан имконият медиҳад. |
| 2. | https://rezume.me/ | Вебсайт ройгонест, ки бақайдгирӣ талаб карда намешавад, инчунин ба тарзи онлайнӣ тайёр кардани резюме ва ҳам нусхабардорӣ кардани онҳо имконият медиҳад. |
| 3. | https://zety.com/resume-templates#1 | Сайтест, ки дар он шаблонҳои тайёр ба забони англисӣ ҷойгир шудаанд, ки дар асоси таҷрибаҳои амалиёти идоракунии корфармоён ва кормандон ба роҳ монда шудааст. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Ҳуҷҷати матнӣ офаред ва ҳамчун ба сифати аъзои Иттифоқи ҷавонон ҳуҷҷати расмӣ бо номи "Тарҷумаи ҳол " тайёр кунед ва онро бо номи “Тарҷумаи_ҳол.docx” маҳфуз доред.
2. Ҳуҷҷати қаблан сохташудаи "Тарҷумаи_ҳол.docx" -ро кушоед. Ба қисми охирини ҳуҷҷат ҷумлаи зеринро илова кунед: "Дар ин ҳуҷҷат дар бораи хешовандони наздики зеринам маълумот оварда шудааст."Пас, бо ёрии фармони рӯйхати маркернок ба ҳуҷҷат рӯйхати хешовандони наздикатонро ворид кунед.
3. Нишонаи рӯйхати маркернокро, ки дар ҳуҷҷат сохта шудааст, бо нишонаи ➔ иваз кунед.
4. Ҳуҷҷати нав офаред ва онро "Садбарг.docx" гуфта номгузорӣ кунед.

   Бар ин ҳуҷҷат тартиби зина ба зина ба амал баровардани ҷараёни коштани садбарг дар боғро дар намуди рӯйхати рақамнок навишта бароед:

   1) аз боғ ҷои муносиб интихоб кардан;

   2) чуқур кофтан барои шинондани гул дар замини гирифташуда;

   3) ба чуқур каме нуриҳо андохтан...;

   4).... .

   Рӯйхатро давом диҳед.
5. **5. Кори гурӯҳӣ.** Хонандагони синф ба ду гурӯҳ тақсим мешавад. Гурӯҳи якум — «Ходимони ташкилоти корфармоянда», гурӯҳи дуюм — «Шахсоне, ки ба кор ҷойгир мешаванд». Аъзоёни гурӯҳи дуюм барои ба кор ҷойгир шудан резюмеҳои худро тайёр мекунад. Мувофиқи натиҷаи ҳуҷҷатҳои тайёркардаи аъзоёни гурӯҳи якум, аз онҳо як нафарашро ба кор қабул мекунад. Қарори қабулшуда шарҳ меҳоҳад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Ариза, тарҷумаи ҳол, огоҳинома барин ҳуҷҷатҳо дар кадом ҳолатҳо даркор мешаванд?
2. Тартиби навистани аризаро фаҳмонда диҳед.
3. Ҳангоми навиштани тарҷумаи ҳол ба чиҳо эътибор додан лозим аст?
4. Намунаҳои вебсайтҳоеро оред, ки онҳоро барои зеркашии қолабҳои резюмеи омода истифода бурдан мумкин аст.
5. Истифодаи рӯйхатҳо дар ҳуҷҷатҳо кай самаранок аст?
6. Фарқи байни рӯйхатҳои рақамнок ва маркернок дар чист?
7. Шумо дар бораи қоидаҳои рӯйхат ҳосил кардан дар ҳуҷҷатҳо ба чӣ гуна маълумот соҳиб ҳастед ?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Ҳуҷҷате созед ва маҳфуз доред, ки маълумоти рӯйхатии зеринро дар бар гирифтааст.

Ҷадвали дарсӣ барои рӯзи душанбе:

1) математика;
2) информатика ва АТ;
3) забони модарӣ;
4) санъати тасвирӣ;
5) мусиқӣ;
6) забони англисӣ.

2. Ҳуҷҷате созед, ки маълумоти рӯйхатии зеринро дар бар гирифтааст ва ҳам маълумотҳоро ба тарзи зерин форматгузорӣ кунед:

**Баҳор**
- **Март**
- **Апрел**
- **Май**

**Тобистон**
- **Июн**
- **Июл**
- **Август**

**Тирамоҳ**
- **Сентябр**
- **Октябр**
- **Ноябр**

**Зимистон**
- **Декабр**
- **Январ**
- **Феврал**

3. Дар асоси яке аз сабабҳои зерин ба номи директори мактаб ариза тайёр кунед:

а) бо сабаби аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаштан ва дар бораи ба синфи 6 қабул кардани ҳамин мактаб;

б) бо сабаби иштирок карда натавонистан дар имтиҳоноти давлатӣ ва дар бораи аз нав супоридани имтиҳон;

4. Бо ёрии сайти https://rezume.me/ рӯбардор шудаи ҳуҷҷати маҳфуз доштаи шаблони резюме рӯбардор намоед, ҳуҷҷатро дар асоси маълумотҳои худатон аз нав пур кунед ва маҳфуз доред.

5. Шумо директори фирма мебошед. Шумо мехоҳед, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои кормандонатонро ба намуди якхела оваред.

Онҳо тарҷумаи ҳолашонро тайёр карда истодаанд. Барои ин, шумо намуди умумӣ кор карда баромаданатон лозим. Ин вазифаро дар дастури MS Word ё ки дар дафтаратон иҷро кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 11. ГУЗАРОНДАНИ РАҚАМИ ТАРТИБИИ КОЛОНТИТУЛ, ҲАВОЛА ВА САҲИФА

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Колонтитули болоӣ –** банди дар қисми болоии саҳифабуда.

**Колонтитули поёнӣ -** банди дар қисми поёнии саҳифабуда.

Дар давоми сохтани ҳуҷҷат ба ҳар як саҳифа ғайр аз маълумоти асосии дар матн буда, маълумоти иловагии ба ҳуҷҷат тааллуқ дошта ҳам зарурияти дохилкунӣ пайдо мекунад. Масалан, номи қисм ва бобҳои китоб аст. Ҳангоми иҷро кардани вазифа аз фармони колонтитул истифода кардан мумкин аст. **Колонтитул** (фр. Colonne — сутун ва лот. Titulus — навистаҷот, сарлавҳа) - дар қисми боло ё поёни саҳифа ҷойгирбуда ва ҳам маълумоти сарлавҳа, номи муаллиф, номи ҳуҷҷат ва боби ҳуҷҷат барин дигар маълумотҳои иловагиро дар бар гирифта мебошад. Саҳифаҳои сарлавҳадори дар ҳама саҳифаҳои нашри чопӣ ҷойгир карда, қисмҳои бо расмҳо пур карда шуда аз ин мустаснонд..

Маълумот бо ёрии фармони ба қисми болоии саҳифа “Верхний колонтитул”, ба қисми поёнӣ бошад “Нижний колонтитул” илова карда мешавад. Ин гуна ҳолат барои дар хотир доштани маълумотҳои иловагии дар бораи ҳуҷҷат буда имкон меофарад.

Ҳангоми ҳамроҳ кардани колонтитул ба қисми болоӣ ё поёнии саҳифаи ихтиёрии ҳуҷҷат, дар ҳар як саҳифаи ҳуҷҷат ҳамин маълумотҳо пайдо мешавад.

Барои намоиш додани номи файли ҳуҷҷат ва номи муаллиф дар ҳар як саҳифаи ҳуҷҷат аз «Верхний колонтитул ” истифода мешавад.

Санаи офаридани ҳуҷҷат ё ки рақами саҳифа барин маълумотҳоро ба “Нижний колонтитул” ҷойгир кардан тавсия карда мешавад.

Тартиби ҷойгир кардани “Верхний колонтитул”:

1. Аз менюи "Вставка" фармони "Верхний колонтитул " интихоб карда мешавад (1).
2. Дар натиҷа, дар экран менюи амудии танзимоти " Верхний колонтитул "пайдо мешавад (2).
3. Аз менюи амудӣ намуди бо номи "Пустой" интихоб карда мешавад (3).




Амалҳои пайдарпайи болоӣ интихоб карда шавад, қисми болоии саҳифа бо хати нуқтадор ҷудо карда мешавад ва ҳам барои ворид кардани маълумоти даркорӣ навистаҷоти “Введите текст” пайдо мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






**Ба қисми болоии колонтитули ҳуҷҷат бо ду усул маълумот илова кардан мумкин аст:**
а) ба ҷои навиштаҷоти [Введите текст] бо ёрии клавиатура ё матни нусхабардоркардашуда ворид карда мешавад;
б) шумо маълумотҳои махсуси дар бораи ҳуҷҷат бударо бо тартиби амалҳои дар зер овардашуда илова карданатон мумкин.
Тартиби илова кардани маълумотҳои махсус дар бораи ҳуҷҷат ба колонтитули болоӣ:
- Аз менюи “Работа с колонтитулами” – “Конструктор”-и (1) дар бахши меню (“Лента” ) буда фармони “Сведения о документе” (2) интихоб карда мешавад;
- рӯйхати маълумотҳое, ки имконияти илова кардан ба колонтитули болоӣ мавҷуд аст, кушода мешавад;
- Маълумоти ихтиёрие, ки ба колонтитул илова кардани ҳастанд, интихоб карда мешавад. Масалан, барои пайдо шудани номи муаллифи ҳуҷҷат бахши “Автор” интихоб карда мешавад (3).




**ДАР ЁД ДОРЕД!**

Илова кардани маълумотҳо ба колонтитули поёнии ҳуҷҷат ҳам ба мисли илова кардани маълумот ба колонтитули болоии ҳуҷҷат ба амал баровварда мешавад. Ин ҷараёнро ба тарзи мустақил дар компютер иҷро кардан тавсия карда мешавад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Ҳавола** (анг.footnote, рус.сноска) – матни ба саҳифаи охирини ҳуҷҷат ё ки ба колонтитули поёнии саҳифаи маълумот овардашуда ҷойгиркарда мебошад.

**Кегл –** андозаи амудии ҳуруф. Он дар дар пунктҳо чен карда мешвад.

**Тартиби рақамгузории саҳифаи ҳуҷҷат:**
1) аз менюи «Вставка» (1) фармони “Номер страницы” интихоб карда мешавад (2);
2) аз рӯйхати кушоянда фармони “Внизу страницы” интихоб карда мешавад(3);
3) пас, шаблони рақамҳо ба кадом қисми колонтитули поёнӣ ҷойгир шуданашон нишон дода шудааст, интихоб карда мешавад, дар ин саҳифаҳо ба тарзи автоматикӣ рақамгузорӣ мешаванд (4).

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






4. Пас аз таҳрири маълумоти ба колонтитул ворид кардашуда, аз бахши менюҳо фармони “Закрыть окно колонтитулов” интихоб карда мешавад.

**Ба ҳуҷҷат ҳавола ҷойгир кардан**

Ҳавола – ин дар мавзӯи ихтиёрӣ реферат ё ки дар ҷараёни ягон ҳуҷҷати илмӣ тайёр кардан яке аз параметрҳои истифодашавандаи асосӣ мебошад. Вазифаи ҳавола аз муайян кардани истилоҳот дар ҳуҷҷат, манбаъҳои маълумотро нишон додан иборат мебошад.

Ҷойгиркунии ҳаволаҳоро дар протсессори матни MS Word ба тарзи автоматикӣ ба амал баровардан мумкин аст. Дар ин ҳолат, ҳаволаҳо ба қисми колонтитули поёнии саҳифа ҷойгир карда мешавад.

Онҳо одатан аз матни асосӣ дар кегли хурд ворид карда мешавад.

**Ҳаволаҳо ба ду намуд ҷудо мешаванд:**

- ҳаволаи оддӣ - дар саҳифаи матни шарҳ талабкунанда ҷойгир шуда, дар колонтитули поёнӣ ҷойгир мешавад.
(Alt + Ctrl + F);
- ҳаволаи ҷамъбаст - саҳифаи охирини ҳуҷҷати матнии шарҳ дар қисми колонтитули поёнӣ ҷойгир мешавад.
(Alt + Ctrl + D).

**1 пункт = 1 : 72 дюйм;**

**1 дюйм = 2 см 54 мм.**

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Намоиши саҳифаро танзим кардан -** намуди коғазро тағйир додан аст. Ба ин тағйир додани ориентатсияи коғазро мисол овардан мумкин аст.

**Ориентатсия -** намуди саҳифа мебошад.

**Сарҳади коғаз -** майдони холӣ дар чаҳор сарҳади саҳифаи ҳуҷҷат аст.

Дар менюи “Ссылки”-и протсессори матни MS Word панели “Сноски” мавҷуд буда, он ба кор кардан бо таҷҳизотҳои ҳавола пешбинӣ шудааст. Дар он амалҳои зерин иҷро карда мешаванд:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






1) курсор дар охири матне, ки ҳавола гузоштанаш зарур аст, гузошта мешавад;
2) бо ёрии интихоб кардани фармони “Вставить сноску” (2) аз менюи “Ссылки” (1) ба ҳуҷҷат ҳавола ҷойгир карда мешавад. Барои ин дар қисми поёнии саҳифаи колонтитул хати ҳудудии амудӣ ва ҳам рақами ҳавола пайдо мешавад;
3) бо ёрии фармони “Вставить концевую сноску” ҳаволаи ҷамъбастӣ ҷойгир карда мешавад (3);
4) аз оинаи диалогии “Сноски” истифода бурда, формати ҷойгиршавии ҳавола дар ҳуҷҷат ва рақамбандии он идора карда мешавад. Дар қисми “Формат” роҳҳои рақамбандии ҳавола тағйир дода мешавад. Ҳаволаро нафақат бо рақамҳои арабӣ, балки бо аломатҳои гуногун ҳам ишора кардан мумкин аст (4);
5) дар майдончаи “Начать с” дар ҳуҷҷат бо кадом рақам оғоз ёфтани ҳавола нишон дода мешавад (5);
6) барои тоза кардани ҳавола аломати ҳаволаи охири матн интихоб карда мешавад ва тугмачаи “Delete” пахш карда мешавад.

**Намоиши саҳифаро танзим кардан.** Танзими параметрҳои ҷойгиршавии матн яке аз қисмҳои муҳими ҷараёни офариниши ҳуҷҷати нав ҳисобида мешавад. Барои ба намуди расмӣ соҳиб шудани ҳуҷҷат аз амалҳои танзими намуди саҳифа истифода бурда мешавад.

**Тағйир додани намуди саҳифа:**

1) бо ёрии фармони “Макет” → “Ориентация” намуди саҳифа тағйир дода мешавад (1,2);

2) намои саҳифа дар намуди албом (Альбомная) ё ки вараqи китоб (Книжная) буданаш мумкин аст (3).




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Тағйир додани сарҳади саҳифа дар ҳуҷҷатҳо




Мавриди ворид кардани маълумотҳо ба саҳифа дар сарҳадҳои саҳифа ба мавҷудияти майдончаҳои холӣ аҳамият диҳед. Ин маълумотҳои воридшаванда бо ҷойгиршавиашон дар масофаи додашуда аз сарҳади саҳифа шарҳ дода мешавад. Масалан, барои дар саҳифа маълумоти бештар ҷойгир намудан имконияти тағйир додани сарҳади вараҷи мазкур мавҷуд аст. Барои ба амал овардани ҷараёни мазкур пайдарпайии фармонҳои зерин иҷро карда мешавад:

1) фармони “Макет” (1) → “Поля” (2) интихоб карда мешавад;

2) аз менюи пайдошудаи уфуқӣ сарҳади саҳифаи зарурӣ интихоб карда мешавад;

3) агар дар меню сарҳади саҳифаи зарурӣ вуҷуд надошта бошад, бо ёрии фармони “Настраиваемые поля...” (3) барои сарҳади варақи дилхоҳ қиматҳо дода мешаванд.

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

**1.Дар дастури MS Word ҳуҷҷати “Tarixiy_obidalar.docx” (“Обидаҳои таърихӣ.docx”), ки маълумотҳои зеринро дар бар мегиранд, офаред.**

Тошканд – пойтахти Республикаи Ӯзбекистон буда, яке аз шаҳрҳои калонтарини Осиёи Марказӣ мебошад. Тошканд мисли дигар шаҳрҳои Ӯзбекистон шаҳри қадимист. Зиёда аз 2000 сол таърих дорад.Тибқи манбаъҳои хаттӣ, таърихи Тошканд ба давраҳои қадим рафта мерасад. Дар шаҳри Тошканд обидаҳои зиёди таърихӣ вуҷуд доранд. Обидаҳои таърихӣ, монанди мадрасаи «Кӯкалдош 1», мақбараи Шайх Хованди Тоҳур2, масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрор3 дар намуди хеле зебо барпо карда шуда, ҳар як обида таърихи ба худ хос дорад.

1.Муҳаммад Солеҳ Қорахоҷаи Тошкандӣ дар китоби худ «Тарихи ҷадидаи Тошканд» аз ҷониби Дарвешхон сохта шудани мадрасаи «Кӯкалдош»-ро менависад ва дар баъзе ҷойҳои китоб мадрасаи Дарвешхон гуфта ном мебарад.

2.Мақбараи Шайх Хованди Тоҳур аз болои пойдевори мақбараи кӯҳнаи асри 15 дар асрҳои 18-19 сохта шудааст; дар он тарҳҳои мақбара-маҷмӯи духонадори дар охири асри 14 дар Мовароуннаҳр ривоҷёфта нигоҳ дошта шудааст.

3.Масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрор дар соли 1451 сохта шудааст. Дере нагузашта дар соли 1454 дар наздикии он мадрасаи Хоҷа Аҳрор ҳам бунёд карда шудааст

2.Ба матни ҳуҷҷати офарида шуда сарлавҳа гузоред.

3.Ба рӯйхати обидаҳои таърихии зерин маълумотҳои доир ба обидаҳои таърихии ба маҳалли истиқоматиатон наздикбударо илова намоед.

4.Барои сарҳади саҳифаи ҳуҷҷати офарида шуда, параметрҳоро ба таври зерин гузоред: аз чап 20 мм, аз рост 10 мм, аз боло ва поён 15 мм.

5.Дар ҳуҷҷати офаридашуда маълумотҳое, ки рақами саҳифа ва санаи офарида шудани ҳуҷҷатро нишон медиҳанд, дар колонтитули поёнӣ ҷойгир намоед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**САВОЛ ВА СУПОРИШОТ**

1. Ҷойгиркунии колонтитули поёнӣ дар ҳуҷҷат кадом мушкилотро бартараф мекунад?
2. Аз фармони "Сведения о документе"-и менюи "Работа с колонтитулами" → "Конструктор"-и бахши менюҳо кай истифода мешавад?
3. Ба фикри шумо чаро дар ҳуҷҷат ҷой додани ҳаволаҳо зарур аст?
4. Фарқияти байни фармонҳои "Вставить сноску" ва ҳам "Вставить концевую сноску"-ро шарҳ диҳед.
5. Дар бораи фармонҳои танзими намуди саҳифа маълумот диҳед.

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

1. Ҳуҷҷати тарҷумаиҳолии дар дарси қаблӣ сохтаатонро ба дастури MS Word рӯбардор кунед.

1) матни умумии ҳуҷҷатро ишорат карда (CTRL + A), нусхабардорӣ намоед (Ctrl + C) ва дар тамоми матн ҷойгир кунед (CTRL + V);

2) параметри сарҳади саҳифаро барои ҳуҷҷат ба таври зерин таъин кунед: 25 мм аз чап, 15 мм аз тарафи рост, 10 мм аз боло ва поён;

3) ном ва синфи худро дар колонтитули болоӣ ворид кунед;

4) рақамҳои саҳифаро дар қисми рости поёни ҳуҷҷат ворид кунед.

**МАЪЛУМОТИ ҶОЛИБ**

Зиёда аз 1,2 миллиард нафар дар саросари ҷаҳон аз маҷмӯи замимаҳои Microsoft Office истифода мебаранд. Аксарияти ин одамон бошанд, дастгоҳи мобилии Office-ро афзал медонанд, ки онҳо дар системаи оператсионии Android ва iOS кор мебаранд. Ширкати Microsoft Build дар конфренсияе,ки дар соли 2016 гузаронда шудааст ба омма маълум кард, ки дар дунё қариб 1,2 миллиард истеъмолчиёни Microsoft Office ҳар рӯз дар давоми 3-4 соат аз дастурҳои офис истифода мебаранд. Ин барномаҳо то имрӯз зиёда аз 340 миллион маротиба рӯйбардор карда шудаанд. Ҳар моҳ аз истеъмолгарони хизмати Office 365 қариб 50 ҳазор истеъмолгарони корпоративи нав пайдо мешаванд ва хабарҳои почтаи электронии ба пакети дастурҳои амалии Office 365 фиристонда шуда, миқдори умумиашон аз 4 трилион зиёд мешавад. Ҳамчунин, тадқиқотҳои гузарондашуда нишон доданд, ки 85%-и компанияҳо аз дастурҳои абрнок истифода мебаранд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 12. ОФАРИДАНИ ШАКЛ ВА СХЕМА БЛОКҲО ДАР ҲУҶҶАТҲО

Офаридани ҳуҷҷат асосан бо ёрии матнҳо ба амал баровarda мешавад. Дар ин матн намоишдор, фаҳмо ва ҳам барои дар хотир нигоҳ доштанаш осон шудан аз объектҳои графикии гуногун истифода бурдан мумкин.Бахши "Иллюстрации"-и дар менюи "Вставка" ҷойгирбуда, ки дар протсессор матнии MS Word аст, барои офаридани тез ва осони намуди визуалии хабарнома имконияти аз "SmartArt", "Фигуры", "Значки", "Трехмерные модели", "Снимок" барин фармонҳо истифода карданро медиҳад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Объектҳои SmartArt** – схемаҳое, ки барои офаридани маълумотҳои матнӣ дар намуди ихчам ва визуалӣ имконият медиҳанд.

**Услуб** – эффекте, ки дар оро додани намуди ягон объект истифода мешавад.

**Пайвастшавии калимаи SmartArt аз калимаҳои англисии "smart" – доно ва ҳам "art" – санъат ташкил ёфтааст.**

**Ба ҳуҷҷат ҷойгир намудани объекти SmartArt ва ҳам ба қолаби интихобшуда матн илова кардан:**

1) аз банди "Илюстрации" (2)-и менюи "Вставка" (1) фармони "SmartArt" (3) интихоб карда мешавад;

2) аз оинаи диалогии "Выбор рисунка SmartArt"-и дар экран пайдо шуда, макети дар намуди даркорбуда интихоб карда мешавад;

3) шумо метавонед бо истифода аз яке аз усулҳои зерини вуруди матн ба макети интихобшудаи SmartArt матн илова кунед:

а) қисми навистаҷоти «Текст» интихоб мешавад ва бо ёрии клавиатура маълумоти зарурӣ ворид карда мешавад;

б) файли матн ҷойгиршудаи қаблан тайёршуда кушода мешавад, қисми даркории матн ишорат шуда, нусхабардорӣ карда мешавад (CTRL + C) ва матни нусхабардоршуда ба қисми навистаҷоти "Текст" ҷойгир карда мешавад (CTRL + V).




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ДАР ЁДДОРЕД!**

Баъд аз ҷойгир кардани объекти SmartArt дар ҳуҷҷат, агар барои ворид кардани матн ҷой мавҷуд набошад, ҷойи дар тарафи чапи матн ҷойгиршуда интихоб карда шуда ва ҳам матн ворид карда мешавад.

Иваз кардан мумкин аст.

**Тартиби илова кардан ва нест кардани фигура дар объекти SmartArt**

1. Ҳангоми дар ҳуҷҷат ҷойгир кардани объекти SmartArt ба тарзи автоматикӣ дар қатори менюҳои MS Word банди “Работа с рисунками SmartArt” пайдо мешаванд. Фармони “Добавить фигуру” (2)-и дар менюи “Работа с рисунками SmartArt” — “Конструктор” (1) буда интихоб карда мешавад.
2. Агар менюҳои “Работа с рисунками SmartArt” ё ки “Конструктор” дар лента пайдо нашаванд, он бо интихоб кардани объекти SmartArt-и дар ҳуҷҷат ҷойгиршуда, яъне бо ёрии ду маротиба пахш кардани тарафи чапи мушак ба объект ҳосил карда мешавад.
3. Яке аз амалҳои дар зер овардашуда интихоб карда мешавад (3):

а) пас аз фигураи интихобшуда бо ёрии фармони “Добавить фигуру после” фигураи нав илова карда мешавад;

б) пеш аз фигураи интихобшуда бо ёрии фармони “Добавить фигуру перед” фигураи нав илова карда мешавад;




**Тағйир додани ранги объекти SmartArt:**

1. Объекти графикии SmartArt интихоб карда мешавад;
2. Фармони “Изменить цвета” аз менюи “Конструктор”-и “Работа с рисунками SmartArt” интихоб карда мешавад (4). Дар ин якчанд маҷмӯи рангҳо ҳосил мешавад, кадоме аз онҳо дилхоҳ аст интихоб карда мешавад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Тасвири векторӣ** – намуди тасвири аз хатҳо ташкилшуда аст.

**Модели 3D** – тасвири объектҳои сеандозагӣ аст.

**Услуби SmartArt** – комбинатсияи эффектҳои гуногун дар андозаи ду ва се буда, ба объекти интихобшуда профессионал, намуде, ки барои ба худ хос оро додан, истифода мешаванд.

**Тартиби иваз кардани услуби объекти графикии SmartArt:**

1) элементи SmartArt интихоб карда мешавад;

2) аз менюи “Работа с рисунками SmartArt” — “Конструктор” барои тағйир додани услуб намунаи намоиши даркорӣ интихоб карда мешавад.

Маслиҳат. Ҳангоми тағйир додани андозаи объекти SmartArt-и дар ҳуҷҷат ҷойгиршуда, маркери дар сарҳади он буда барои ҳосил кардани андозаи даркорӣ ба кунҷи ихтиёрӣ тағйир дода мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

## Офаридани шаклҳо дар ҳуҷҷатҳо

Ба ҳуҷҷатҳои матнӣ бо ёрии фармони “Вставка” (1) → “Фигуры” (2) шаклҳои векторӣ гуногун ҷойгир карда мешавад (3). Имкониятҳои қабат ба қабат ё ки боло ба боло ҷойгир кардани ҳуҷҷатҳо (4), тағйир додани ранг ва андозаи онҳо мавҷуд аст. Ин амалҳо пас аз ҷойгиркунии шаклҳо дар ҳуҷҷат бо ёрии фармонҳои дар менюи “Средства рисования” → “Формат” ҳосилшаванда иҷро карда мешавад (5).




## Ба ҳуҷҷат илова кардани моделҳои 3D

Бо ёрии фармони “Вставка” → “Трёхмерные модели” ба ҳуҷҷатҳои матнӣ тасвири гуногуни моделҳои 3D ҷойгир карда мешавад. Моделҳои 3D -ро дар зери кунҷи ихтиёрӣ давр занонда дидан ва ҳам имконияти ҷойгиркунӣ дар кунҷи гуногун ба ҳуҷҷат мавҷуд аст.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Объекти SmartArt-и зеринро созед ва онро бо номи “Kompyuter.docx” маҳфуз доред.




2. Объекти SmartArt-и зеринро созед ва онро бо номи “Hujjatlar.docx” маҳфуз доред.




**Ҳуҷҷатҳои маълумот-ахборот**

3. Шабакаҳои графикии дар файли “Kompyuter.docx” ҳосилшударо давом диҳед. Дар ин намуди фигураро тағйир доданатон мумкин.

4. Дар яке аз мавзӯъҳои зерин ба намуди ихтиёрӣ соҳиббудан “Mind maps” (“Харитаи ақл”)-ро офаред.

- Дар ин истифода бурдан аз шаклҳо тавсия карда мешавад.
- Имконоти MS Word.
- Имкониятҳои дастури Scratch.
- Имкониятҳои муҳаррирони графикӣ.
- Сохти техникии компютер.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**САВОЛ ВА СУПОРИШОТ**

1. Кадом ишоратҳои ғайриматниро ба ҳуҷҷатҳо илова кардан мумкин аст?
2. Илова кардани объектҳои SmartArt ба ҳуҷҷатҳо кадом мушкилиҳоро ҳал мекунад? Дар ин чӣ гуна имкониятҳо офарида мешавад?
3. Кадом параметрҳои объектҳои SmartArt-ро тағйир додан мумкин аст?
4. Моделҳои 3D чист? Чаро объектро 3D меноманд?

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

1. Дар ҳолати истифода бурдан аз шаклҳо ва ҳам элементҳои SmartArt дар мавзӯи “Намудҳои компютер” бо ду роҳ “Харитаи ақл”-ро офаред.
2. Дар ҳолати истифода бурдан аз объектҳои SmartArt шаҷараи оилаатонро офаред. Дар ин ворид кардани расмҳои аъзоҳои оилаатонро аз хотир набароред.

# ДАРСИ 13. ҶОЙГИР КАРДАНИ ФОРМУЛАИ МАТЕМАТИКӢ ВА АЛОМАТҲО

Ҳангоми кор кардан бо ҳуҷҷат зарурияти ворид кардани ишораҳои дар намуди гуногун будаи дар клавиатураи компютер вуҷуд надошта пайдо мешавад.

Фарз мекунем, ки шумо мехоҳед қисмҳои даркории мақолаи «Пешгӯии мунаҷҷимон»-ро гирифта, ба дӯстатон фиристонданӣ ҳастед. Дар ин ҷараён эҳтиёҷи истифода кардан аз ишоратҳои дар намуди додашуда ♈♉♊♋♌♍♎♏♐♑♒♓ пайдо мешавад. Муамморо чӣ тавр ҳал кардан мумкин аст?

Компютерҳои замонавӣ аз ишорати 65 536 иборатбудаи ҷадвали ишоратҳои Unicode истифода мебарад. Дар протсессори матнии MS Word дар клавиатура акс наёфтааст, аммо имконияти ворид кардани ишоратҳои дар ҷадвали Unicode буда мавҷуд аст.

Масалан, барои илова кардани аломати одамчаи хандидаистода 🙂 фармони “Вставка” → “Символ” → “Другие символы” иҷро карда мешавад. Бо ёрии ҷадвали аломатҳои Unicode математика ва мусиқии хоси забонҳои Европа ва Шарқ, валюта, ҳатто аломатҳои расмдорро ёфтан ва ҳам онҳоро ба ҳуҷҷат ҷойгир кардан мумкин аст.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


Аммо истифодаи ин аломатҳо дар раванди омӯзиши математика барои тавсифи формулаҳо, махсусан равандҳои мураккаб кофӣ нестанд. Дар ҷараёни дарсҳои математика дар синфҳои болоӣ аломати таҳти реша, намуди адаҳои касрӣ, нобаробарӣ ё системаи муодилаҳо барин маълумотҳоро ворид кардан аз фармони “Уравнение” истифода мешавад.

Тартиби ворид кардани формула:

1. Пайдарпайии фармони “Вставка” (1) → “Уравнение” → “Вставить новое уравнение” интихоб карда мешавад. Вақте ки фармон интихоб карда мешавад, дар экран барои ворид кардани формула майдони намуди зерин Место для уравнения. пайдо мешавад.

2. Дар сатри менюҳо ба тарзи иловагӣ менюҳои “Работа с уравнениями” (2) → “Конструктор” (3) ҳосил мешавад. Барои ворид кардани формулаҳои гуногун дар ин меню шаблон ва маҷмӯи фармонҳо мавҷуданд.




Бо истифода аз маҷмӯи фармонҳои дар боло нишон дода шуда, имконияти ворид кардани формулаҳои намудҳои дилхоҳ пайдо мешавад.

Ба намуди мисол бо чӣ тавр навиштани системаи нобаробарӣ дар синфҳои болоии мактаби миёна дар MS Word шинос мешавем:

$$\begin{cases} 5x^2 - 25 \geq 25 \\ 2x + 300 \leq 500 \end{cases}$$

1) фармонҳои “Вставка” → “Уравнение” →”Вставить новое уравнение” интихоб карда мешавад;

2) бо иҷро кардани амалҳои пайдарпайи “Конструктор” → “Структура” → “Скобка” рӯйхат ҳосил карда мешавад ва ҳам ба он аз қавсҳои яктогӣ шаблони зарурӣ ишора карда мешавад: {⬚

3) сипас аз рӯйхати шаблонҳои "Матритса" намуди 2 × 1 интихоб карда мешавад:

4) аз бандҳои “Конструктор” → “Символы” аломатҳои нобаробарӣ, барои ҳосил кардани намуди $x^2$ бошад аз шаблони истифода карда мешавад;

5) баъд аз ворид кардани ҳамаи маълумотҳо аз менюи контекстии системаи нобаробарӣ бо ёрии фармони “Выравнивание по левому краю” аз чап дар ҳамоҳангсозӣ ҷойгир карда мешавад.

Барои таҳрир кардани формулаи воридшуда тугмаи чапи мушак ду маротиба пахш карда мешавад ва ҳам дар сатри менюҳо менюи «Работа с уравнениями» → «Конструктор» пайдо мешавад. Формулаи воридшудаи мавҷуд бударо барои таҳрир кардан аз менюи контекстӣ ҳам истифода кардан имконпазир аст.

**МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ**

**Дар протсессори матнии MS Word файлеро бо номи “Formulalar.docx” созед ва онро ба ҳуҷҷати зерин ворид кунед:**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


1. Агар дарозии гирди доира $l = 2\Pi r$ бошад сатҳи он бо формулаи $S = \Pi r^2$ ҳисоб карда мешавад.
2. Шкалаи Келвин дар физика хеле маъмул аст. Мувофиқи ин шкала, 0 ° C ба 273,15 K баробар аст (0 ° C = 273,15 K) ва 100 ° C бошад ба 373 K (100 ° C = 373 K) баробар мешавад.
3. Ҷадвали электронии андозаи 4×3-ро ба ҳуҷҷате, ки дар протсесори матни MS Word сохта шудааст, дохил кунед ва ҳамаи катакҳои онро дар сатри аввал якҷоя кунед.
4. Дар сатри якуми ҷадвал "Yuzani topish formulalari" ("Формулаҳои ёфтани масоҳат") гуфта нависед ва маълумотҳои матни зеринро ворид кунед.

| **Формулаҳои ёфтани масоҳат** | | | |
|---|---|---|---|
| **Секунҷа** | $S = \frac{ah}{2}$ | *a – асоси секунҷа аст; h – баландии секунҷа аст;* |  |
| **Трапетсия** | $S = \frac{(a+b)}{2} h$ | *a, б – асоси трапетсия; h – баландии трапетсия.* |  |

5. Ба ҷадвал боз як сатр илова кунед ва ҳам маълумотро барои "Росткунҷа" ворид кунед (формулаи ёфтани масоҳат ва нақша).

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

?

1. Оё аломатҳои клавиатура барои офаридани ҳуҷҷатҳое, ки намуди зоҳирии гуногун доранд, кифояанд? Ҷавоби худро асоснок кунед.
2. Фарқияти байни фармонҳои "Уравнение" ва "Символ" дар чист?
3. Шумо дар бораи ҷадвалҳои Unicode (Юникод) чӣ медонед?
4. Менюи контекст чист? Чӣ тавр менюи контекстӣ ҳосил кардан мумкин аст?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Маълумоти зеринро ба ҷадвали дар вазифаи 4 сохташудаи синф чӣ тавр дохил кардан мумкин аст? Дар амал иҷро кунед.
"Масоҳати ромб аз рӯи формулаи S = (d1 * d2 ) / 2 ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҷо d1 ва d2 диагоналҳои ромб мебошанд".
2. Ҳуҷҷате созед, ки чунин намуд дошта бошад. Аз рӯи дониш ва малакаатон тибқи ишораҳои ҷадвал маълумотҳоро доир ба соҳаи истифодаи онҳо зиёд кунед.

| | |
|---|---|
| Ҳадамоти почта | |
| Билети бозгашт | ✈ |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 14. ГУЗАРОНИДАНИ ГИПЕРМУРОҶИАТ ДАР ҲУҶҶАТ

## Таъмини махфигии ҳуҷҷатҳо

Дар ҳаёти ҳаррӯза кор бо ҳуҷҷатҳои гуногуни расмӣ ва ғайрирасмӣ зарур мешавад. Чунин ҳолатҳо маҳдуд кардани дастрасии ҳуҷҷатҳо ба шахсони бегона муҳим мегардад. Фарз мекунем, ки файл дорои маълумоти махфӣ мебошад ва зарур мегардад, ки он махфӣ нигоҳ дошта шавад. Яке аз роҳҳои осонтарини маҳфуз доштани махфияти маълумоте, ки дар протсессори матни компютер сохта шудааст, ин кушодани ҳуҷҷат ва барои таҳрири ахбори он ба он парол гузоштан мебошад. Ҳангоми иҷрои ин раванд ба интихоби парол диққати махсус додан зарур аст, зеро

агар пароли мушкилтар интихоб карда нашавад, натиҷа бесамар шуда метавонад.

**Тартиби паролгузорӣ ба хуҷҷат:**




1) вақте ки ҳуҷҷат дар MS Word таҳия карда мешавад, он бо кадом як ном ба диски дилхоҳ гузаронида шуда, маҳфуз дошта мешавад.

2) фармонҳои “Файл” → “Сведения” (1) → “Защитить документ”

(2) → “Зашифровать с использованием пароля”(3) интихоб карда мешаванд;

3) дар файл барои дар экран парол гузоштан, дар оиначаи пайдошуда парол чида мешавад.Ба ҷои аломатҳои чидашуда нуқтаҳо пайдо мешаванд. Вақте ки тугмачаи "OK" интихоб карда мешавад, боз як маротиба аз сари нав парол пурсида мешавад,пас аз амалӣ шудани ин ҷараён парол маҳфуз дошта мешавад.

4) файл пӯшида мешавад. Вақте ки файл аз нав кушода мешавад, оинача ҳосил мегардад

ва аз корбар хоҳиш карда мешавад, ки паролро ворид кунад.

Пас аз ворид кардани парол ба он ҳуқуқ дода мешавад, ки аз файл истифода барад.

**Панҷ қоидаи интихоби пароли боваринок мавҷуданд:**

1) парол бояд на камтар аз 8 аломат бошад;
2) сатри фосила дар парол истифода карда намешавад;
3) аз ҳарфҳои алифбои лотинӣ истифода мешавад;
4) дар парол бояд ҳарфҳои калон, хурд ва рақамҳо иштирок намоянд;
5) дар парол аз аломатҳои махсуси зерин истифода кардан мумкин:!# @ $% ^ & * () _ + = - ?:

**ДАР ЁД ДОРЕД!**

Пароли фаромӯшшударо имконияти барқарор кардан нест.

**Ҳуҷҷатро чоп кардан.** Барои дар коғаз чоп кардани ҳуҷҷати омодашуда фармони “Файл” → “Печать” ё аз панели тугмачаҳои тезкор аломати  интихоб карда мешавад. Дар экран қуттии муколамаи “Печать” пайдо мешавад. Бо ёрии оинача параметрҳоро тағйир додан ва ҳуҷҷатро чоп кардан мумкин аст:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






1 – пас аз муқаррар кардани ҳамаи параметрҳои ҳуҷҷат тугмачаи ба кор дарорандаи чопкунӣ;

2 – рӯйхати принтерҳои ба компютер васлшуда ва ҳам оиначаи маълумотгирӣ доир ба ҳолати пайвасти онҳо;

3 – оиначаи нишондиҳандаи адади варақҳои ҳуҷҷати чопшаванда; (ҳуҷҷати пурра, як саҳифа ё ду саҳифаи ҳуҷҷат, қисми муайяни ҳуҷҷат). Маҳз дар бахши “Страницы” шумо метавонед шумораи саҳифаҳои чопшавандаро ворид кунед:

"5" – танҳо саҳифаи панҷум;

«1-5» – аз саҳифаи як то саҳифаи панҷ;

«1-5, 8» — аз саҳифаи як то саҳифаи панҷ ва ҳам саҳифаи ҳаштро  чоп кардан;

4 – ҷойгир кардани маълумот доир ба чоп кардани як тараф ё ки ду тарафи варақ;

5 – муқаррар кардани самти варақ;

6 – шумораи саҳифаҳои чопшавандаро дар як саҳифа муқаррар кардан;

7 – миқдори нусхаҳои чопшавандаи саҳифаҳои ишорашуда аст.

Ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳои ҳаҷман калон аз як саҳифаи матн гузаштан ба саҳифаи дигари зарурӣ ё муроҷиат кардан ба қисми ягон матни муайяншуда ва ҳам таҳрири он  вақти бисёр сарф мешавад. Дар протсессори матнии MS Word барои ҳалли ин масъала, аз фармони “Гиперссылка” истифода бурда мешавад.

Ин истилоҳро соли 1962 ҷомеашиноси амрикоӣ Теодор Нелсон ба илм ворид кардааст. Пас аз он ӯ системаи гиперматнро бо номи Xanadu таҳия кардааст. Гипермуроҷиат  як қисми ҳуҷҷати гиперматнӣ буда, он барои дар ҳуҷҷат ҷойгир кардани ягон ҳарф, калима, ҷумла ва ба амал баровардани муроҷиат дар сарсатр ё объекти графикӣ хизмат мекунад. Ғайр аз ин ба воситаи он ба папка ё файли дар диски маҳаллӣ ҷойгир шуда, ба иловаҳои  шабакаи компютер, ба вебсаҳифаҳо муроҷиатро амалӣ гардондан мумкин аст. Ҷойгиркунии гипермуроҷиатҳо дар матн ва ҳуҷҷатҳои электронӣ ба осонӣ анҷом дода мешавад. Матни гипермуроҷиатдор **гиперматн** номида мешавад.

Дар дастури MS Word  барои офаридани гипермуроҷиатҳо ҳарф, калима, ҷумла, сарсатр ё объекти графикии зарурӣ интихоб карда шуда, фармони  “Вставка” (1) → “Ссылки” (2) → “Ссылка” (3) (Ctrl+K) дода мешавад.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Ба ҳуҷҷат ҳангоми илова кардани гипермуроҷиат ба 4 намуди объект муроҷиат кардан мумкин аст:**




1 – пайваст кардани объекти интихобшуда ба файли беруна ё вебсаҳифа;

2 – объекти ишорашударо бо ягон қисми дар дохили ҳуҷҷат ҷойгиршуда пайваст кардан;

3 – объекти ишорашударо ба файли нав сохташуда пайваст кардан;

4 – бо почтаи электронии манзили дилхоҳ нишон дода шуда пайваст кардан.

Фарз мекунем, ки дар ҳуҷҷат калимаи "VR" ҷойгир карда шудааст. Ин калима барои баъзе донишҷӯён навигарӣ буданашро ба ҳисоб гирифта, доир ба ин калима ба сайти интернет гипермуроҷиат илова карда ба имконияти гирифтани маълумоти иловагӣ соҳиб шудан мумкин аст. Барои ин, ҳамин калима ишорат карда мешавад ва намуди VR-ҳо ё ки ба манзили интернетии сайте, ки маълумотҳои заруриро дар худ доштааст, гипермуроҷиат монда мешавад. Ранг ва намуди калимаи гипермуроҷиат монда аз ранги матни асосӣ ба намуди дигар тағйир меёбад. Барои гузаштан ба гипермуроҷиати дар матн ҷойгиршуда, дар ҳолати пахш карда истодани тугмачаи CTRL тугмачаи чапӣ мушакча ба гиперматн як маротиба пахш карда мешавад.

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

**ИТ-КОМПАНИЯҲОИ ДАРОМАДАШОН АЗ ҲАМА ЗИЁД ДАР ДУНЁ**



- Dell Technologies
- IBM
- Cisco Systems
- Accenture
- Oracle

1.Ҳуҷҷате офаред, ки маълумотҳои дар экран нишондодашударо дарбар гирифтааст. Файлро бо номи “IT-kompaniyalar” маҳфуз доред.

2. Панҷто ҳуҷҷати матнӣ офаред ва онҳоро бо номҳои ИТ-компания, ки дар файли “IT-kompaniyalar” оварда шудааст номгузорӣ карда, ба папкаи нави дар мизи корӣ офаридашуда маҳфуз доред.

3. Ба ҳар як файл дорои номи хос ва маълумот дар бораи фаъолияти компания ва ҳам расмҳоро ҷойгир кунед.

4. Бо ёрии фармони “Вставка” → “Ссылка” → “файлом, веб страницей” ҳар як элементи рӯйхатро ба таври мувофиқ бо файли соҳиби ҳамон ном буда бо ёрии гипермуроҷиат пайваст кунед. Файлро маҳфуз доред.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**САВОЛ ВА СУПОРИШОТ**

1. Дар кадом ҳуҷҷатҳо гипермуроҷиатҳо вомехӯранд?
2. Чӣ гуна тарафҳои фоиданоки истифодаи гипермуроҷиат дар ҳуҷҷатҳо мавҷуд аст гуфта фикр мекунед?
3. Чаро ба ҳуҷҷат гипермуроҷиатҳои дар якчанд намуд буда ҷойгир карда мешавад?
4. Дар бораи чаҳор усули насб кардани гипермуроҷиат маълумот диҳед. Аз рӯи дар кадом вазиятҳо истифода кардан аз онҳо намунаҳо оваред ва ҳам ҷавобатонро асоснок кунед.

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

1. Ҳуҷҷати бо номи "Kompyuter.docx"-ро кушоед. Ба он дар бораи компютер чӣ гуна сохтор ва аз чӣ гуна дастгоҳҳо ташкил ёфтааст маълумот ворид кунед.
2. Ба он ҷумлаи "Барои соҳиб шудан ба маълумоти бештар ин тугмачаро интихоб кунед"-ро илова кунед.
3. Шакли дилхоҳро ҷойгир кунед.
4. Дар шакл ба вебсаҳифаи дар бораи компютер маълумот диҳанда гипермуроҷиат ҷойгир кунед.

# ДАРСИ 15. Машғулоти амалӣ. Кори лоиҳа

**Супоришҳои амалӣ оид ба форматкунӣ ва таҳриркунии матнҳо дар компютер**

**Матни додашударо ворид кунед ва дар намуди зерин формат кунед:**

*1. Матн тибқи калонии саҳифа ҳамвор карда шудааст, сарсатр 1,25 см, шрифти Times New Roman, андозааш 16. Ҳар як қаламҳои дар масъала буда бо 3 хел ранги мос ранг карда шавад. Пас аз ҳар як масъала як ҷои холӣ монда шуда, ба он ҷо ҷавоб ворид карда мешавад. Ҷавоб аз рост ҳамвор кардашуда, шрифти Arial, андозаи 16, рангаш сабз ва дар намуди моил (хамида) бошад*



**Масъала дар бораи се қалам**

Се қалам ҳаст: кабуд, сиёҳранг ва ҳаворанг.

Агар инҳо маълум бошад, қалами аз ҳама дароз ва аз ҳама кӯтоҳро ёбед:

1.Қалами кабуд аз ҳаворанг кӯтоҳ, ҳаворанг аз сиёҳранг кӯтоҳ.

2.Қалами ҳаворанг аз қалами кабуд дарозтар, қалами кабуд бошад аз қалами сиёҳранг дарозтар.

3. Қалами сиёҳранг аз қалами ҳаворанг дарозтар, қалами ҳаворанг бошад аз қалами кабуд кӯтоҳтар.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**2. Файли қаблан сохташударо кушоед, онро таҳрир намоед, кӯшиш кунед, ки номи асарро ёбед ва онро кушоед ва фамилияи худро дар ҷузвдон бо номи синф дар диски D захира кунед.**

Дар ин рӯзҳо мавсими шикор оғоз ёфта будааст. Дар ҷангал шикорчиёни зиёд пайдо шудаанд. Дар байни онҳо ҳатто ба тарафи ростомада ва ҳайвони дучоршуда тир холикунандаҳо ҳам будаанд!

Агар садои онҳо дар гӯшашон расад, аз андохтани булбулон ҳам парҳез намекардаанд.

Яке аз шикорчиён дар ҷангал сайру гашт доштааст, ки аз байни буттаҳо овози «Ку-ку, ку-ку...»-ро шунидааст.

Шикорчӣ дарҳол туфангчаашро ба сӯи онҳо рост карда пайиҳам "пақ-пақ" тир холӣ кардааст.

**3. Протсессори матнро ба кор дароред.** Файлеро бо номи D: \ 6_sinf \ MS_Word \ 3_ topshiriq.docx созед.

Байтҳои қасидаи «ЎЗБЕГИМ»-ро, ки дар фанни адабиёт аз ёд шудаанд, дуруст ҷойгир кунед. Пас аз қасида  як сарсатрро партофта, ба кӣ тааллуқ доштани матнро нависед.

Манзумаи "Ўзбекистон"

Ҳар гаҳе бигзаштаат орам ба ёд,
Мешавад бар чашм дирӯзат падид.
Аз гузаштат ман насозам ифтихор,
Мерасад бар хотирам даври шадид.
Зоти бадзоте ба забти Осиё
Омаду даъвои тоҷу тахт кард.
Ними оламро гирифту халқро
Бо ҷаҳондории худ бадбахт кард.
Ман намехонам варо таърихи худ,
Ўзбекистон эй диёри хушнамуд!

# ДАРСИ 16. КОРИ НАЗОРАТӢ

**1. Фармонҳоеро, ки ба блоки «Илюстрации»-и менюи «Вставка» мувофиқанд, муайян кунед** (4 то ҷавоб интихоб кардан мумкин):

- ☐ Рисунки
- ☐ Фигуры
- ☐ Трехмерные модели
- ☐ SmartArt
- ☐ Маркеры
- ☐ Сноска
- ☐ Гиперссылка
- ☐ Уравнение

**2. Тартиби паролгузорӣ ба ҳуҷҷатро бо пайдарпайии дуруст ҷойгир кунед.Тартиби амалҳоро ба катакчаҳои холӣ нависта бароед:**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| | |
|---|---|
| | Пас аз интихоб кардани тугмачаи “ОК”, боз як маротиба паролро аз сари нав чидан пурсида мешавад, баъд аз анҷом додани ин ҷараён парол маҳфуз дошта мешавад. |
| | Пас аз тайёр кардани ҳуҷҷат дар MS Word, он бо ягон ном ба диски дилхоҳ маҳфуз карда мешавад. |
| | Барои гузоштани парол ба файл дар экран ба оинаи пайдошуда парол чида мешавад ва дар ҷои аломатҳои чидашуда нуқтаҳо пайдо мешавад. |
| | Файл пӯшида мешавад. |
| | Фармонҳои “Файл” – “Сведения” – “Зашифровать с использованием пароля” интихоб карда мешавад. |

**3. Мутобиқатро танзим кунед:**

| | |
|---|---|
| “Верхний колонтитул” | Майдони холӣ дар чаҳор сарҳади саҳифаи ҳуҷҷат. |
| “Ориентация” | бахши дар қисми болоӣ будаи саҳифа. |
| “Нижний колонтитул” | самти ин саҳифа. |
| Ҳавола | бахши дар қисми қия (хам) будаи саҳифа. |
| Сарҳади варақ | саҳифаи охирини ҳуҷҷат ё ки матне, ки саҳифаи маълумот овардашуда дар колонтитули поёнӣ ҷойгир карда шудааст. |

**4. Мутобиқатро танзим кунед:**

Баъд аз элементи рӯйхат аломатҳои ишоратии зеринро гузоштан мумкин:

| | |
|---|---|
| Вергул | агар элементи рӯйхат бо ҳарфи хурд оғоз шуда бошад. |
| Нуқта | агар рӯйхат аз як элемент иборат бошад. |
| Нуқтавергул | агар элементи рӯйхат бо ҳарфи калон оғоз шуда бошад. |

**5. Кадоме аз гуфтаҳои зерин нодуруст аст?**

А. Объекти интихобшударо бо файли беруна ё вебсаҳифа пайваст кардан мумкин.

Б. Объекти интихобшударо бо ягон қисми дар дохили ҳуҷҷат ҷойгиршуда пайваст кардан мумкин.

В. Объекти интихобшударо бо тамғаи файл пайваст кардан мумкин.

Г. Бо почтаи электронии манзили дилхоҳи нишон дода шуда пайваст кардан мумкин.

**6. Вазифаи фармони “Макет” → “Поля” → “Настраиваемые поля...” дар кадом ҷавоб дуруст нишон дода шудааст?**

А. Муқаррар кардани параметрҳои сарҳади саҳифаҳои ҳуҷҷат.

Б. Самти саҳифаи ҳуҷҷатро муқаррар кардан.

В. Ба ҳуҷҷат параметрҳои интервалии байниқаторҳоро муқаррар кардан.

Г. Ҷойгиркунии ҷадвалҳо дар ҳуҷҷат.

**7.Ҳуҷҷати аз 15 саҳифа иборатбударо, ки барои чоп кардани саҳифаҳои аз як то панҷ ва ҳам ҳашт чӣ гуна фармон дода мешавад?**

**Барои чоп чӣ фармон дода мешавад?**

А. 1–5, 8–15. Б. 1–5,8. В. 1–8. Г. 1, 5, 8.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




# БОБИ III.
# АСОСҲОИ КОР ДАР ИНТЕРНЕТ ВА ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ

## МАҚСАДИ ТАЪЛИМ

Дар ин боб шумо хоҳед ёфт:
- мафҳумҳои асосии Интернет;
- фарқияти барномаҳои браузерӣ ва системаҳои ҷустуҷӯ;
- усулҳои ҷустуҷӯи маълумот дар интернет;
- муайян кардан эътимоднокии маълумот;
- маданияти ҷустуҷӯи иттилоот;
- масъалаҳои ҳуқуқҳои муаллифӣ ва иҷозатномаи ҳуқуқи муаллиф;
- хавфу хатари интернетӣ ба мисли фишинг, буллинг, фиребгарӣ;
- Тобеъшавӣ ба интернет ва роҳҳои бартараф кардани он;
- почтаи электронӣ ва имкониятҳои он.

## МАҲОРАТ

Шумо бо ёрии боб маҳфуздориҳоро дониста мегиред:
- ҷустуҷӯи маълумотҳо тавассути барномаҳои браузерӣ;
- кор бо системаҳои ҷустуҷӯ ва ҷустани ахбор дар онҳо;
- захира кардани маълумотҳои интернетӣ;
- ҷустуҷӯ ва рӯбардор кардани маълумотҳои графикӣ, аудиоӣ ва видеоӣ;
- офаридани почтаи электронӣ;
- мубодилаи паёмҳо тавассути почтаи электронӣ;
- канорагирӣ аз хавфу хатарҳои интернет;

## ВОСИТАҲО

Google Chrome
Internet Explorer

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 17. Асосҳои коркард дар интернет

Зарурати мубодилаи маълумотҳои байникомпютерии одамон боиси офарида шудани интернет гардид. Интернет ба хондани навигариҳои гуногун, гирифтани маълумотҳо, истифода аз манбаъҳо, дида баромадани кутубхонаҳои электронӣ ва музейҳои калонтарини дунё, харид кардани маҳсулот аз интернетдӯконҳо, гузарондани конфренсияҳои онлайнӣ, тариқи онлайнӣ дидани радио ва телеканалҳо, ҳамчунин ба шиносоӣ бо навиштаҷоти аз архивҳо гирифтаи онҳо имконият дод.

### Мафҳумҳои асосӣ

Пайвастшавии ду ё зиёда компютерҳои симдор ё бесим **шабакаи компютерӣ** ном дорад. Интернет - калонтарин шабакаи компютерӣ мебошад.

Аз 1-уми январи соли 1983 ARPANET (агенти тадқиқоти маълумот) тарзи замонависохти худ, апарати бо ҳамаи шабакаҳо алоқакунанда ва интернетномдошта ва ҳам таъминоти дастуриро ба кор даровард.

**Интернет** – маҷмӯи шабакаҳои компютерии тамоми олам буда, дар асоси стандарти ягона фаъолият мебарад ва имкони расондани маълумотҳоро аз як нуқтаи дунё ба нуқтаи дигараш медиҳад.

Аз интернет дар компютер, дастгоҳи мобилӣ, телевизор, автомобил, консоли бозӣ, марказҳои мусиқӣ ва дигар дастгоҳҳо истифода кардан мумкин аст. Мубодилаи маълумотҳои интернетӣ фазои иттилоотие мебошад, ки дар саросари ҷаҳон маълумот медиҳад, миллионҳо компютерҳоро пайваст мекунад.

Барои пайвастшавӣ ба интернети умумиҷаҳонӣ аз компанияҳо бо номи провайдер истифода карда мешаванд. Ҳамчунин, ин гуна компанияҳо ба пайвастшавӣ тавассути телефонҳои дастӣ ҳам имкон медиҳанд. Барои ин канали алоқа ва модем зарур мегардад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**ARPANET** (Advanced Research Projects Agency Network) - соли 1969 таъсис ёфта, шабакаи компютерии аввалинест, ки имкони пайвастшавии чор компютери дар масофаи муайян ҷойгиршударо медод.

**Интернет** (Interconnected Networks) – шакли кӯтоҳкардашудаи  ибораи "Шабакаҳои омехта" мебошад.

**Провайдер** (инг. таъминкунанда) – ташкилоти пайвасти интернетӣ ва хизматрасонии бо он вобаста буда мебошад.

**WWW (World Wide Web** – тори тортанаки кулли ҷаҳон) – маҷмӯи вебсаҳифаҳое, ки имконияти аз  интернет истифода бурданро дорад.

**Модем** – дастгоҳи ба компютер пайвастшудаест, ки барои қабул ва фиристондани сигналҳо нигаронида шуда, тавассути каналҳои алоқавие, ки пайвасти телефонӣ, телевидениян кабелӣ ва алоқаи радиоиро дар бар мегирад.

**ОЁ ИНРО МЕДОНЕД?**

Соли 1989 аввалин сайти интернетӣ аз тарафи олими британияӣ Тим Бернерс-Ли ба кор дарорварда шудааст. Дар натиҷа, аҷдоди замонавии интернет – лоиҳаи ба гиперматн асоскардашуда тақдим карда шудааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Хизмати WWW

Ташкил кардани манбаъҳои интернетии **WWW** ва барои таъмини  истифода кардан аз он хизмат мекунад. Манбаъҳои интернет дар навбати худ аз вебсаҳифаҳо ташкил ёфтааст. **Вебсаҳифа** ҳуҷҷат ё ки манбаъи ахборот дар интернет буда, дар таркибаш матн, расм, видео, гипермуроҷиат ва маълумотҳои дигарро маҳфуз медорад. Гипермуроҷиати дар вебсаҳифа буда, гузаштани ҳуҷҷати ҷорӣ ба қисми дигар ё ки ба ҳуҷҷати дигарро таъмин мекунад.

Маълумотҳои ба ягон соҳа, фаъолият, мавзӯъ, воқеа ва ҳодисаҳо бахшидашуда ва ҳам маҷмӯи вебсаҳифаҳое, ки ба ҳамдигар бо ёрии гипермуроҷиатҳо пайваст шудаанд вебсайт номида мешавад. Ҳар як **вебсайт** манзили ба худ хосро дорад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Гипермуроҷиат** – элементи вебсаҳифа аст. Бо ёрии пахш кардан ба болои он саҳифаи дар таркиби вебсаҳифа бударо рӯирост тамошо кардан мумкин.

**URL** (Uniform Resurs Locator) – саҳифа ё ки манзили сайти дар WWW буда мебошад.

#### Манзилҳои вебсаҳифа ё ки вебсайт

Ҳар як вебсаҳифа ва вебсайтҳои дар интернет буда, вебманзили ноёби истифодашаванда барои кофтани он ё ки URL-и он мавҷуд. URL аз се қисм иборат:

1) URL дар одат бо **"http"** ё ки **"https"** оғоз меёбад. Ин қисм протокол гуфта мешавад, он маҷмӯи қоидаҳои чӣ гуна фиристодани маълумотҳо барои вебсайт ба ҳисоб меравад;

2) баъд аз он қисми аниқкунандаи вебсайт давом меёбад. Масалан: **www.google**. Ин қисм номи домейнро дорад;

3) URL намуди вебсайт ва ҳам аз рӯи ба кадом давлат мансуб будани он, гуногун итмом ёфтанаш мумкин. Онҳо васеъшавиҳои домейн гуфта мешавад.

Васеъшавиҳои домейни аз ҳама бисёр паҳншуда:

| Аз рӯи мансуб будани он ба кадом давлат: | Аз рӯи намуди вебсайт: |
|---|---|
| **UZ -** Ӯзбекистон | **COM -** тиҷорат |
| **UK –** Британияи Кабир | **EDU -** таълим |
| **US -** Штатҳои Муттаҳиди Америка | **GOV -** ҳукумат |
| **RU -** Русия | **INT -** байналмилалӣ |
| **KG -** Қирғизистон | **MIL -** ҳарбӣ |
| **KЗ -** Қазоқистон | **NET -** шабака |
| **UA -** Украина | **ORG -** ташкилотҳои нодавлатӣ |

Масалан:www.ziyonet.uz,www.uzbekcoders.uz,www.dtm.uz,www.google.com.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


### Дастурҳои веббраузерӣ

Барои дидани вебсаҳифа ва вебсайтҳои тамоми шабакаҳои умумиҷаҳонӣ аз дастурҳои махсус – веббраузерҳо истифода бурда мешавад.

Веббраузер дастури нишондиҳандаи вебсаҳифаҳо дар шабакаи интернет буда, бо ёрии он бо маълумотҳои дар вебсаҳифа буда шинос шудан мумкин. Вебсаҳифаҳо ба забони **(HTML)** ишорашавандаи гиперматнӣ нависта шуда, ба воситаи интернет дар забони компютер офарида мешавад. Веббраузер бошад, инро ба забони хонда метавонистаи истифодабаранда тағйир медиҳад. Одатан, дар таркиби системаи оператсионии Windows браузери Internet Explorer бо система дар якҷоягӣ насб карда мешавад. Браузерҳои боқимонда бошад, аз тарафи истифодабаранда насб карда мешавад.

**Браузерҳои аз ҳама машҳур:**

| Номи дастур | Google Chrome | Microsoft Edge | Internet Explorer | Mozilla Firefox | Yandex | Safari |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Логотип | | | | | | |

**Бо услубҳои ба кор даровардани дастури веббраузер шинос мешавем.**

**Усули 1:**

1) тугмачаи “Пуск”-и дар мизи корӣ буда интихоб карда мешавад;

2) мушакча дар болои амали “Все программы” пахш карда мешавад;

3) аз рӯйхати дастурҳои дар компютер насб кардашуда дастури браузер (масалан, Google Chrome) интихоб карда мешавад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Веббраузер** (ingl. browser – дидан) – дастури таъминоте, ки вебсаҳифаро акс менамояд, тарҷима мекунад ва намоиш медиҳад.

**Аз сари нав насб кардан** – аз нав кушодани вебсаҳифаи нав пайдошуда.

**Насб кардан** – вебсайт ё ки саҳифаи дар дохили вебсайт бударо кушодан.

**Усули 2:**

Тугмачаи чапи мушакча дар болои дастури веббраузери дар мизи корӣ ҷойгиршуда ду маротиба тез-тез ё ки дар болои ишораи дастури веббраузер,ки дар панели масъалаҳо ҷойгир шудааст, як мароитба пахш карда мешавад.Аз рӯи намуд, намуди умумии веббраузерҳо гуногун мешавад. Ҳангоми ба кор даровардани веббраузер, дар одат, саҳифаи аввал ё ки саҳифаи асосии ягон сайт ба кор медароянд.

**Намуди умумии веббраузер**

Ҳар як веббраузер аз панели усукунаҳои асосии зерин иборат:

1) ба саҳифаи аввал баргаштан. Ба воситаи тугмачаи “back” ба саҳифаҳои аввал насб кардашуда гузашта мешавад (1).

2) ба саҳифаи навбатӣ гузаштан. Аз тугмачаи “forward”, пас аз амали баргашт ба саҳифаи аввал, дар гузаштан ба вебсаҳифаи ҳозир пайдошуда истифода бурда мешавад (2);

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

3) саҳифаро нав кардан. Тугмачаи “refresh” (3) имкони аз нав насб кардани вебсаҳифаро медиҳад. Аз ин тугмача дар дуруст насб нашудани вебсаҳифа ё ки дар маълумотҳои навшудаи вебсаҳифаро дидан истифода бурда мешавад.

4) намуди браузерҳо бисёр бошад ҳам, дар онҳо саҳифаҳо дар як услуб дида мешавад. Барои кушодани вебсайт ё ки вебсаҳифа ба қатори манзили браузер (4) сайт ё ки манзили саҳифаро ворид кардан ва тугмачаи “Enter”-ро пахш кардан лозим аст. (масалан, манзили ресурсҳои ахбороти рақамнок - dr.rtm.uz);

5) дар версияҳои замонавии браузер амалҳои асосӣ ба воситаи менюи танзимот иҷро карда мешавад (5).







**Ба воситаи менюи танзимотҳои браузери Google Chrome:**

- вебсаҳифаи нав кушодан (фармони “**New tab**”);
- таърихи вебсаҳифаҳои насбшударо дидан (фармони “**History**”);
- саҳифа ё ки файлҳои насбшударо дидан (фармони “**Downloads**” );
- масштаби саҳифаро тағйир додан (фармони “**Zoom**” );
- вебсаҳифаро чоп кардан (фармони “**Print**”);
- аз вебсаҳифа ҷустуҷӯ кардани матни зарурӣ (фармони “**Find**” );
- барои мондан ба ҳуҷҷати матнӣ, нусхабардор кардани қисми интихобшудаи саҳифа (фармони “**Copy**”) барин корҳоро ба амал баровардан мумкин.

Ба воситаи пахш кардани тугмачаи рости мушакча дар қисми холии дилхоҳи браузер ба менюи контексти аз якчанд фармон иборат буда гузаштан ва ҳам фармонҳои зарурии бо вебсаҳифа пайвастро иҷро кардан мумкин:

- Ба саҳифаи аввал баргаштан (фармони “**Back**” );
- Ба саҳифаи оянда гузаштан (фармони “**Forward**” );
- Саҳифаро аз сари нав насб кардан (фармони “**Reload**” );
- Саҳифаро маҳфуз доштан (фармони “**Save as**...”);
- Вебсаҳифаро чоп кардан (фармони “**Print**...”);
- Матнҳои дар вебсаҳифа бударо тарҷима кардан (фармони “**Translate to tojik**” (ё ки дигар забон).




Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Забони тарҷимаро тағйир додан**




Дар менюи контекст забони дигари “Translate to o‘zbek” набуда, масалан, “Translate to russian” истода бошад, он гоҳ барои иваз кардани забон иконкаи (1) махсуси тағйирдиҳандаи забон, ки дар тарафи рости қатори манзили браузер ҳаст, зер карда мешавад.

Барои иваз кардани “russian” ба “o‘zbek” ба қисми соза (2) ворид шуда тугмачаи “Choose another language” (3) пахш карда мешавад ва аз рӯйхати забонҳо забони ӯзбекӣ интихоб мегардад.

**МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ**

**Бо вебсайти дар таркиби интернет буда шинос шудан.**

1. Бо ёрии услубҳои додашуда яке аз дастурҳои браузерро ба кор дароред (оинаи дастур кушода мешавад).
2. Ба қатори манзили дастур манзили вебсайте, ки шумо даромаданӣ ҳастед, нависед (масалан, dr.rtm.uz, www.ziyonet.uz, www.uzbekcoders.uz, www.dtm.uz, www.google.com) ва тугмачаи «Ентер»-ро пахш кунед.
3. Нишондиҳандаи мушакро дар болои саҳифа ҳаракат кунонед. Намуди нишондод ба болои ягон объект (матн, тасвир ва ғ.) ба монанди панҷа гузарад, пас, тавассути объект ба саҳифаи дигар ё ба қисми дигари ҳамон саҳифа гузаштан мумкин аст. Нишондоди мушакро дар болои объект пахш карда, бо саҳифаи нав шинос шавед.
4. Барои баргаштан ба саҳифаи аввала тугмачаи “back” –и дар назди қатори манзил бударо пахш кунед.
5. Барои боз ба ҳамин саҳифа баргаштан тугмачаи “forward”-ро пахш кунед.
6. Барои нав кардани саҳифа тугмачаи “refresh”-ро пахш кунед.

**САВОЛ ВА СУПОРИШОТ**

1. Шабакаи интернет ба истифодабарандагон кадом намудҳои хизматро тақдим менамояд?
2. Хизмати WWW-и интернетӣ чист?
3. Вебсайт аз вебсаҳифа бо чӣ фарқ мекунад?
4. Манзили сайт аз кадом қисмҳо иборат?
5. Гипермуроҷиат барои чӣ даркор?
6. Манзили вебсайт чӣ гуна маҳфуз дошта мешавад?

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

1. Браузерро кушоед, ба қатори манзил яке аз манзилҳои сайти дар зер овардашударо нависед:

https://eduportal.uz/ - Портали таълими ахборот

https://www.natlib.uz/ - Кутубхонаи миллии Ӯзбекистон

https://dr.rtm.uz/ - Портали ресурсҳои ахбороти рақамнок

http://ziyonet.uz/ - Портали таълимии ахбороти ҷамоатӣ

2. Матни дар саҳифаи сайт бударо ба забони дилхоҳи худ тарҷима кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 18. СИСТЕМАИ КОФТУКОВ ВА ҶУСТУҶӮИ МАЪЛУМОТ ДАР ИНТЕРНЕТ

Дар натиҷаи бо суръати тез ривоҷ ёфтани интернет аз байни миллиардҳо вебсаҳифа ва файлҳо муаммои ёфтани маълумоти зарурӣ пайдо мешавад. Ҳоли ҳозир се усули асосии ҷустуҷӯ кардани маълумот мавҷуд буда, онҳо:

1) *ба воситаи манзили вебсаҳифа.* Ин усул усули аз ҳама тези ҷустуҷӯ буда, аз он фақат ҳангоми донистани номи саҳифа ё ки манзили аниқи файл истифода бурдан мумкин;

2) *бо ёрии гипермуроҷиатҳо.* Агар ҳуҷҷат ё ки маълумоти ҷустуҷӯкардаистода аз ҷиҳати маъно ба саҳифаи ҷорӣ наздик бошад, ин ҳам усули нисбатан қулайи ҷустуҷӯкунӣ мебошад;

3) *Манзили URL-и вебсайт ё ки дар ҳолатҳое,* ки маълумотҳоро аз куҷо ҷустуҷӯ кардан аниқ нест, аз сохторҳои ҷустуҷӯ истифода бурда мешавад.

Аз сохторҳои ҷустуҷӯ самаранок истифода бурдан, маълумоти зарурӣро бо усули бехавф ва самаранок ҷустуҷӯ кардан ва ҳам интихоб кардани натиҷаи ҷустуҷӯи аз ҳама хуб аҳамияти муҳим дорад.

Дар шабакаҳои “Тортанаки ҷаҳонӣ” вебсаҳифаҳои зиёди шавқовар ва дилкушо мавҷуданд. Аммо дар ин майдон ба хатарҳои гуногун пеш омаданамон мумкин аст. Ҳангоми истифода аз интернет донистани ана ҳамин хатарҳо ва *ҳимоя кардан аз онҳоро таъминоти* бехатарӣ меноманд.

**ОЁ ИНРО МЕДОНЕД?**

**Таъминоти бехатарӣ**

Дар интернет ба қоидаҳои бехатарӣ риоя кардан лозим аст. Барои ба маълумотҳои таҳқиркунанда ё ки ноқонунӣ пеш наомадан ба нишондодҳои зерин риоя кардан зарур:

- барои бо диққат интихоб шудани калимаҳои ҷустуҷӯӣ боварӣ ҳосил намоед. Ҳар кадом хато ё калимаҳои умумии ҷустуҷӯӣ, ки маълумоти кифоя намедиҳанд, натиҷаҳои зарарнок ё фоиданок набударо доданашон мумкин аст;
- баробари кушодани вебсаҳифа ба огоҳиҳое, ки дар хусуси ворид шудани маълумотҳои зараровар хабар медиҳанд, эътибор диҳед;
- фаромӯш накунед, ки ҳамаи натиҷаҳои ҷустуҷӯ ҳам боваринок нестанд. Фақат ба манзили вебсаҳифаҳои шинос ва боваринок ворид шавед.
- ба саҳифаҳои гуногуни дар намуди реклама буда ворид нашавед;
- фаромӯш накунед, ки ҳар доим ҳам натиҷаҳои аввалин натиҷаҳои зеботарин буданашон имконпазир аст. Баъзе компанияҳо барои бардоштани рейтинги худ ба шабакаҳои ҷустуҷӯӣ пул пардохт менамоянд.
- агар вебсаҳифаҳои дорои маълумотҳои зарароварро пайдо намоед зуд ба омӯзгор ё калонсолон хабар диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**Сохторҳои ҷустуҷӯ**

Сохтори ҷустуҷӯ имкон медиҳад, ки маълумотҳоро аз шабакаҳои умумиҷаҳонӣ ҷустуҷӯ намоем. Ҳамаи вебсаҳифаҳое, ки дар шабакаҳои интернетии умумиҷаҳонӣ вуҷуд доранд, дар хазинаи маълумотҳо маҳфуз дошта мешаванд. Барои дарёфти маълумоти зарурӣ тавассути ҳамин база аз сохтори ҷустуҷӯ истифода кардан мумкин аст.

Дар айни замон сохторҳои ҷустуҷӯии зиёде мавҷуд буда, аз онҳо зеринҳо оммавишуда мебошанд:

1) Google (https://www.google.co.uz/);
2) Microsoft Bing (https://www.bing.com/);
3) Yahoo (https://www.yahoo.com/);
4) Baidu (https://www.baidu.com/);
5) Yandex (https://www.yandex.ru/);
6) DuckDuckGo (https://duckduckgo.com/);
7) Kiddle (https://www.kiddle.co/).

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Сохтори ҷустуҷӯӣ** – дастуре, ки барои ҷустуҷӯи ахборотҳои базаи маълумотҳои мукаммал, ки вебсаҳифаҳои шабакаи интернети умумиҷаҳониро дарбар мегирад, кор фармуда мешавад.

**Натиҷаҳои ҷустуҷӯ** – рӯйхати гипермуроҷиатҳо, ки аз ҷониби сохтори ҷустуҷӯӣ ба вебсаҳифаҳо дода шудааст.

**Базаи маълумотҳо** – маҷмӯи маълумотҳои мунтазаме, ки ҷустуҷӯ ва истифода кардан мумкин аст.

Индекс – рӯйхати ҳамаи калимаҳои коддор ё ки вебсаҳифаҳои ба воситаи сохтори ҷустуҷӯӣ аввал супориш дода шуда мебошанд.

**Алгоритм** – дастур барои ҳал кардани муаммо ё пайдарпайии қадамҳо ё ки зинаҳои иҷрошаванда аст.

**Ҷустуҷӯ чӣ гуна амалӣ мегардад?**

1. Барои истифодаи системаи ҷустуҷӯӣ, дар сатри суроғаи браузер суроғаи системаи ҷустуҷӯ ворид карда мешавад.

2. Пас аз ба кор даромадани системаи ҷустуҷӯӣ, тавассути клавиатура ба майдони ҷустуҷӯ калимаи калидӣ ё ҷумлаҳо ворид карда мешавад. Ё ин ки калимаи калидӣ бо пахш кардани тасвири микрофон овоз бароварда гуфта мешавад (1).

Пас аз навистани калимаи калидӣ, тугмачаи "Enter" ё "Google Search" пахш карда мешавад (3).

3. Дар ҳар як сохторҳои ҷустуҷӯ индекс (2) мавҷуд буда, он ҳангоми ташрифи аввал ба калимаҳои калидии воридшуда мос рӯйхати ҳамаи калимаҳои калидӣ ва вебсаҳифаҳоро дар бар мегирад.

Барои ҷустуҷӯи индекси сохтори ҷустуҷӯ ва пайдо кардани вебсаҳифа , ки ба калимаҳои дар сатри ҷустуҷӯ воридшуда (ё сатри суроғаҳо) мувофиқат мекунад, алгоритми мураккаб истифода мешавад, пас натиҷа дар рӯйхати вебсаҳифаҳои интихобшуда нишон дода мешавад.

4. Ҷойгиркунии рӯйхат аз боло ба поён низ бо ёрии алгоритми дигари мураккаб ба амал баровардa мешавад. Пас, дар системаҳои ҷустуҷӯии гуногун (Google, Yahoo, Yandex, Bing ва ғайра) натиҷаҳои гуногун акс карданашон мумкин аст.

Дар асоси натиҷаҳои ҷустуҷӯ ба маълумоти моси калимаи калидии ҷустуҷӯшудаистода манзили URL (4), сарлавҳааш (5) ва матни кӯтоҳи он оварда мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE









Барои дида баромадани ин маълумот, нишондоди мушакча ба болои сарлавҳаи он пахш карда мешавад.

5. Аз сабаби сохторҳои ҷустуҷӯии ба монанди Kiddle, ки барои ҷавонон пешбинӣ шудаанд, натиҷаҳоеро, ки ба синну соли истифодабаранда мувофиқ нест, барои филтркунӣ ёрӣ мерасонад.




### Ҷустуҷӯи маълумот дар системаи ҷустуҷӯӣ

Қоидаҳои асосии истифода кардан аз системаи ҷустуҷӯӣ:

1) пурсиши аз як калимаи калидӣ иборат бударо нанавиштан лозим аст. Зеро калимаи калидӣ якто бошад, дар натиҷаи пурсиш аз байни рӯйхати миллионҳо саҳифаҳои интернетӣ ҷудо карда гирифтани зарурӣ худаш як муаммо шуданаш мумкин аст;

2) калимаҳои калидӣ набояд бо ҳарфҳои калон навишта шаванд, зеро дар ин ҳолат маълумоте, ки бо ҳарфи хурд навишта шудааст, монда рафтанаш мумкин;

3) агар дар охири ҷустуҷӯ ягон натиҷа ба даст наояд, калимаҳои калидиро барои хатогиҳои имло тафтиш кунед.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Калимаи калидӣ** – калима ё ибораи аз шаклҳо иборат будаест, ки дар намуди умумии маълумотҳои ҷустуҷӯшаванда мебошад.

**Филтр** – қисми дастурест, ки барои гирифта партофтани маълумоти дилхоҳ ё ки ёфтани маълумотҳои зарурӣ истифода мегардад.

Забони пурсиш дар системаи ҷустуҷӯ - ин як қоидаи махсусест, ки барои самаранок ҷустуҷӯ кардани маълумот истифода мешавад. Дар бисёр системаҳои ҷустуҷӯӣ усулҳои васеъи ҷустуҷӯи маълумот мавҷуд аст.

Пурсишҳои дар намуди мураккаб буда, тез ва аниқ ёфтани маълумотҳоро таъмин мекунад.

Ҳангоми ташкил кардани ин гуна пурсишҳо аз нишонҳои махсус ва ҳам AND (ва), OR (ё ки), NOT (не) барин калимаҳо истифода мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


| Нишон | Мазмун | Мисолҳо ба пурсишнома |
|---|---|---|
| +<br>(ҷамъ) | Дар ҳар як саҳифа иштирок кардани калимаҳои додашударо мефаҳмонад. Ба як пурсишнома якчандто оператори +-ро истифода бурдан мумкин аст. | **Самарқанд + таърихӣ + ёдгориҳо**<br>Рӯйхати ҳамаи саҳифаҳое, ки дар онҳо бо калимаҳои мушаххаси дар таркибашон "Самарқанд", "Таърихӣ" ва "Ёдгориҳо" дучор меоянд, ёфта мешаванд. |
| –<br>(тарҳ) | Иштирок накардани калимаи дар саҳифаҳо додашударо мефаҳмонад. Танҳо саҳифаҳои дучор омадае, ки дар онҳо калимаҳои дар пешашон оператори тарҳ иштирок кардааст, баровартда намешаванд. | **Ёдгориҳои таърихӣ**<br>Рӯйхати ҳамаи саҳифаҳои дар як вақт калимаи «Таърихӣ» дучоршаванда, аммо калимаи "Ёдгорӣ"-и дучорнашаванда ҳосил мешавад. |
| "..."<br>(нохунакҳо) | Дар саҳифа калима ва ҷумлаҳои дар байни нохунак дучоршударо мефаҳмонад. | **«Ёдгориҳои таърихии Самарқанд»**<br>Дар саҳифаҳо иштирок кардани ҷумлаи дар байни нохунакҳо бударо ифода мекунад.<br>Агар ҷумла дар дохили нохунак нависта нашавад, он гоҳ саҳифаҳои иштирокдори калимаҳои алоҳида навишташудаи "Самарқанд", "Таърихӣ" ва "Обидаҳо" ҳам ба рӯйхат илова мегарданд. |
| *<br>(ситорача) | Калимаҳои дар ягон ҷумла афтида монда ҷустуҷӯ карда мешавад. Ба як оператори * як калима рост меояд. Оператори * танҳо дар таркиби оператори нохунак "..." кор мекунад. | **"Таърихӣ * ёдгориҳо"**<br>Рӯйхати ҳамаи саҳифаҳое, ки дар он ҷумлаи мазкур, ки калимаи афтодаро фаро гирифтааст, баровартда мешавад. |
| & ё ки AND –<br>(ва) | Дар ёфтани саҳифаҳое, ки дар онҳо ду ва ё зиёда калимаҳои зарурӣ иштирок мекунанд, кор фармуда мешавад. | **Тавассути пурсиши таърихӣ AND ёдгориҳо**<br>Саҳифаҳое, ки калимаи ҳам "Таърихӣ" ҳам "Ёдгориҳо" дучор меояд ёфта мешавад. |
| \| ё ки OR<br>(ё ки) | Дар ёфтани саҳифаҳое, ки аз ду ва ё зиёда калимаҳои даркорӣ танҳо яктоаш иштирок мекунанд, кор фармуда мешаванд. | **Тафассути пурсиши таърихӣ OR ёдгориҳо**<br>Саҳифаҳое, ки калимаҳои "Таърихӣ" ё "Ёдгориҳо" дучор меоянд, ёфта мешавад. |
| NEAR ё ки [ ] –<br>(қавсҳои калон) | Дар ёфтани саҳифаҳое, ки аз якдигар камаш бо даҳ калима ҷудо кардашуда, ки дар онҳо аз ду ва ё зиёда аз он калимаҳои даркорӣ иштирок кардаанд, кор фармуда мешаванд. | **Тавассути пурсиши таърихӣ NEAR ёдгориҳо**<br>Саҳифаҳои калимаҳои монанди "Таърихӣ", "Ёдгориҳои таърихӣ", "Ёдгориҳо..." фаро гирифта ёфта мешавад. |

**Эътимоднокии иттилоот**

Ҳар як донишҷӯ интернетро барои анҷом додани лоиҳаи мактабӣ ё гирифтани маълумоти ҷолиб истифода мебарад. Яке аз равандҳои душвортарини истифодаи интернет ин муайян кардани эътимоднокии маълумотҳои гирифташуда мебошад. Маълумоти

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



эътимоднокро танҳо аз манбаъҳои боэътимод гирифтан мумкин аст. Сарчашмаи боэътимод одатан метавонад як ширкати бонуфуз, созмон ё манбаи расмӣ бошад.

Маълумоте, ки дар ин гуна манбаъҳо ҷой дода шудааст, дар асоси далелҳои зиёд тасдиқ карда мешавад.

Аксари корбарон вебсайти “Wikipediya” -ро манбаи боэътимод медонанд.

Аммо ҳангоми истифодаи он барои дарёфти маълумот эҳтиёт шудан зарур аст. Маълумотҳои дар вебсайти “Wikipediya” бударо ҳар кадом коргар тағйир доданаш мумкин аст. Пас, ҳарчанд дар “Wikipediya” маълумотҳо зиёд бошанд ҳам, ба сифати манбаъ ба онҳо бовар накардан зарур аст.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Манбаи боэътимод** – манбаъест, ки ба компютер зарар намерасонад, маълумоти аниқ медиҳад, таҳдид намекунад ё ки таҳқир наменамояд.

**Википедия** – энсклопедияи онлайнии ройгон аст, ки кормандони зиёди дунё дар якҷоягӣ навистаанд.

**Хатчӯп** – нишонаи маҳфуздошта, ки имкони ба ягон вебсаҳифаи маълум гузаштанро медиҳад.

### Вебсаҳифаро маҳфуз доштан

Пас аз баъзе вебсаҳифаҳои фоиданок боз истифода бурдан ва ҳам барои нишон додани аз куҷо будани маълумот рӯйхати онҳоро маҳфуз доштан мумкин аст.

Ба ин бо усулҳои зерин ноил мегарданд:

1) вебсаҳифаро маҳфуз доштан;

2) вебсаҳифаро ишора карда мондан (ба хатчӯп илова кардан);

3) манзили вебсаҳифаро маҳфуз доштан;

*Вебсаҳифаро маҳфуз доштан*

Барои маҳфуз доштани вебсаҳифа тугмачаи рости мушакро дар ҷойи холии дилхоҳи вебсаҳифа пахш кардан, сипас аз менюи контекстӣ фармони “Save as...”-ро интихоб кардан лозим аст(1). Ба куҷо маҳфуз доштани вебсаҳифа нишон дода шуда, тугмачаи “Save” пахш карда мешавад. Дар ҷойе, ки вебсаҳифа маҳфуз шудааст. Вебсаҳифаро дидан мумкин аст.




*Вебсаҳифаро ишора карда мондан (ба хатчӯп илова кардан)*

Барои боз осонакак кушодани вебсаҳифа, онро ба хатчӯпҳо илова карда мондан мумкин. Барои ишора кардани вебсаҳифа ба болои ситорачаи дар охири сатри манзил буда пахш карда мешавад(3). Дар майдони нишон додашуда бошад, тугмачаи “Done” пахш карда мешавад (4).

Барои ёфтани хатчӯпҳои маҳфузшуда менюи хатчӯпҳоро кушодан лозим аст. Одатан, онро аз кунҷи рости болоии вебсаҳифа ёфтан мумкин аст.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Манзил (URL)- и вебсаҳифаро маҳфуз доштан:*

- барои нусхабардорӣ кардани манзили URL-и вебсаҳифа, дар сатри манзил манзили вебсаҳифа ишора карда мешавад;
- дар болои матни интихобшуда тугмачаи рости мушак пахш карда мешавад ва аз меню фармони

“Copy” – нусха гарифтан интихоб карда мешавад;

-барои ҷойгир кардани URL дар ҳуҷҷат, ҳуҷҷат кушода мешавад.

- дар ҷойи холии ҳуҷҷат тугмачаи рости мушак пахш карда мешавад ва аз меню фармони “Paste” – ҷойгир кардан интихоб карда мешавад.




**Вебсаҳифаро чоп кардан**

Барои маҳфуз доштани нусхаи вебсаҳифа онро чоп кардан мумкин аст. Барои ин дар қисми холии дилхоҳи вебсаҳифа тугмачаи рости вебсаҳифа пахш карда шуда, аз менюи контекстӣ бахши “Print” интихоб мешавад (2). Сипас, саҳифаи дар экран чоп шуданаш лозимро дида баромадан ва тугмачаи “Print”-ро пахш кардан лозим аст.

**Аз матни дар вебсайт буда нусхабардорӣ кардан**

Пеш аз кӯчонда гирифтани матни вебсаҳифа барои лоиҳа нағзакак андеша намоед. Хубтараш, ба аз сари нав навистани матн бо ифодаҳои худиатон ҳаракат карданатон маъқул аст. Агар дар коратон аз матни вебсаҳифа истифода намоед, аз куҷо гирифтани онро нишон доданатон лозим аст. Ин гуна ҳолат ба саҳифаи зерин муроҷиат карданатонро ифода менамояд. Агар ин тавр накунед, пас шумо метавонед ба рафтори бадахлоқона, ҳатто плагиат айбдор карда шавед.

1. Барои аз матни дар вебсайт буда нусха гарифтан онро бо курсор ишорат кунед.
2. Дар болои матни интихобшуда тугмачаи рости мушакро зер кунед ва аз менюи контекстӣ тугмачаи “Copy”-ро пахш кунед
3. Дар Microsoft Word ё ки Wordpad ҳуҷҷати нав офаред.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Плагиат** – асари ягон касро ҳавола накарда нусхабардорӣ кардан, онро берухсат азхуд кардан.

**Контент** - маводҳои монанди матн, тасвир, видео

**Ҳуқуқи муаллифӣ** – соҳиби контент ё ки ҳуқуқи қонуние, ки ба офаранда (соҳиб) дода шудааст.

**Рафторҳои ахлоқӣ** – ба кори дигарон ҳурмат нишон додан, ҳалолӣ ва адолат.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



4. Тугмачаи рости мушакро дар майдони корӣ боз як маротиба пахш кунед ва аз меню тугмачаи “Paste” –ро интихоб намоед.
5. Ба манбаъи матн муроҷиатро таъин кунед. Муроҷиатро ба манбаъ ба сифати ҳавола ё ки адабиёти истифодашуда гузоштан мумкин аст. Дар ин манзили вебсайт, муаллифи вебсайт (агар маълумот мавҷуд бошад), сана ва вақти ба вебсайт дохилшуда нишон дода мешавад.

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

**Супориши 1.**

1. Тавассути веббраузер ба системаи ҷустуҷӯии Google ворид шавед.
2. Ба майдони ҷустуҷӯ калимаи “қадимӣ”-ро нависед.
3. Ба майдони ҷустуҷӯ калимаҳои “қадимӣ+обидаҳо”-ро нависед. Ба натиҷаҳои ҷустуҷӯии дар саҳифаи натиҷаҳои ҷустуҷӯ пайдошуда нигаред.
4. Акнун “самарқанд+қадимӣ+обидаҳо”-ро ворид кунед. Ба натиҷаҳои ҷустуҷӯии дар саҳифаи натиҷаҳои ҷустуҷӯ пайдошуда нигаред. Оё дар натиҷаҳо фарқият вуҷуд дорад? Оё дар натиҷаи илова кардани калимаҳои иловагӣ миқдори маълумотҳо тағйир ёфт?
5. Аз натиҷаҳои ҷустуҷӯ 5-то натиҷаро нависта гиред.
6. Акнун системаи ҷустуҷӯии “Bing”-ро кушоед ва ҳамон ҷумларо ворид кунед.
7. Сипас "Kiddle” -ро кушоед ва айнан ҳамон зинаҳоро иҷро кунед.
8. Ба панҷ натиҷаи ҷустуҷӯи ҳар яктояш нигаред.. Чандтои онҳо яксхелаанд? Чандтои онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд? Оё ҳамаи онҳо дар як тартиб ҳастанд? Барои зиёд кардани эътимоднокии маълумоти ёфтшуда аз якчанд сарчашмаҳо истифода баред. Ҳангоми ҷустуҷӯи як маълумот дар ду ё зиёда манбаъҳо,ҳамаи онҳо маълумоти якхела доданашон ё ки мавҷуд будани фарқиятҳоро диниста мегиред

Агар маълумоти якхела дар якчанд манбаъ дода шуда бошад, ин маълумот боваринок буданаш мумкин аст.

**Супориши 2.**

1. Дар сатри ҷустуҷӯ калимаи “Самарқанд”-ро ворид кунед. Дар системаи ҷустуҷӯ аз усулҳои ҷустуҷӯи ахборот истифода баред.
2. Панҷ маълумоти аз ҳама нағз гуфта гирифтаро дида бароед.
3. Ба манбаъи ахборот нигаред. Ташкилот ё манбаъи расмиро тафтиш кунед.
4. Ба фикри шумо кадом натиҷа аз ҳама боэътимодтар ва барои чӣ?

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Кадом системаҳои ҷустуҷӯиро медонед? Манзилҳои онҳоро гуфта диҳед.
2. Чанд усули маҳфуз доштани вебсаҳифа мавҷуд аст?
3. Матни вебсаҳифаро ба ҳуҷҷати матнӣ чӣ гуна рӯйбардор карда гирифтан мумкин?
4. Манзили вебсаҳифаро чӣ гуна рӯйбардор кардан мумкин аст?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

**Иди Наврӯз**

1. Дар компютери худ файлеро бо номи Navruz docx созед.
2. Дар бораи Наврӯз ва таърихи он маълумот ҷӯед.
3. Аз ду маълумоти дарёфткардаатон  матни нағзашро нусхабардорӣ кунед ва ба файли худ кӯчонед.
4. Суроғаи (URL) ҳар як саҳифаи интернетиро нусхабардорӣ карда, дар охири матнҳои моси файл гузоред.
5. Тасвири мувофиқи ҷашни Наврӯзро зеркашӣ кунед ва дар файл ҷойгир кунед.

# ДАРСИ 19. Ҷустуҷӯи график, аудио ва видеомаълумотҳо

Дар раванди эҷоди лоиҳа танҳо иттилооти матнӣ кифоя намекунад. Барои ғанӣ гардонидани лоиҳа, шумо метавонед ба мундариҷаи он тасвирҳои гуногун илова кунед ё презентатсияҳои лоиҳаро тавассути аудио ва видео ҷолибтар созед. Барои ин аз интернет маълумоти гуногуни тасвирӣ, аудио ва видеоиро ҷустуҷӯ карда, гирифтан лозим аст

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Зеркашӣ** (кӯчондан) - дар шабакаи интернет маълумотро ба компютери шахсӣ нусхабардорӣ кардан аст.

Барои захира кардани тасвир аз вебсайт, шумо бояд аввал муайян кунед, ки оё нусхабардорӣ иҷозат дода шудааст ё на. Баъзе тасвирҳо дар Интернет метавонанд аз ҷониби соҳибони онҳо, муаллиф ё созандаҳо ҳуқуқи муаллифӣ дошта бошанд. Дар интернет сомонаҳое низ вуҷуд доранд, ки ҳуқуқи муаллифӣ надоранд ва вақте лоиҳаҳо дар онҳо матн ё тасвирро истифода мебаранд, суроғаи онҳо бояд нишон дода шавад.

**Ҷустуҷӯ ва зеркашӣ кардани маълумоти графикӣ**

1. Дастури браузерро оғоз карда, ба воситаи он ба яке аз соҳаҳои ҷустуҷӯ ворид мешаванд.

2. Дар майдони ҷустуҷӯ калимаи калидӣ (масалан, Укёнус) ворид карда шуда, Enter (ё ки тасвири лупа) пахш карда мешавад (1). Шумо инчунин метавонед бо пахш кардани микрофон (2) калимаи калидиро ворид кунед.

3. Барои дидани тасвир ба бахши " Images "-и системаи ҷустуҷӯ гузаред (3).




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






4. Вақте ки шумо рӯи тасвир мушакро пахш мекунед, дар тарафи рост рӯйхати тасвирҳои монанд ба ин тасвир пайдо мешавад. Андозаи тасвирро тавассути равзанаи тарафи рост дидан мумкин аст (4).

5. Барои зеркашии тасвир аз вебсайт, тугмачаи рости мушак дар болои тасвир пахш карда мешавад ва аз менюи контекст “Save image as...” интихоб мешавад (5).

6. Дар равзанаи мулоқот барои захира кардани тасвир суроға нишон дода, тугмаи "“Save” " пахш карда мешавад.

7. Барои аз тасвир истифода кардан дар кори лоиҳа дар ҳолати маҳфуз доштани ҳуқуқи муаллифӣ суроғаи онро ҳам нишон додан лозим аст. Барои ин тавассути “Copy link address” нусхабардорӣ кардани манзили тасвир ва онро ба зери тасвири кори лоиҳа ҷойгир кардан мумкин аст (6).







**Ҷустуҷӯи маълумотҳо аз рӯи тасвир**

Барои донистан ё ки ҷустуҷӯи маълумот аз интернет дар хусуси тасвири дар шумо буда ва аз кучо гирифта шудани тасвирҳои кори лоиҳаи дар асоси маълумоти интернет тайёр кардашуда аз “Images” истифода карда мешавад. Барои ин:

1) барномаи браузерро зеркашӣ кунед ва онро ба яке аз системаҳои ҷустуҷӯ дохил кунед ( масалан https: // google. uz);

2) барои анҷом додани ҷустуҷӯ аз рӯи тасвир аз саҳифа ба бахши " Images " (1) гузашта мешавад;

3) аз майдони ҷустуҷӯ “Search by image” (2) интихоб карда мешавад;

4) барои зеркашӣ кардани тасвир, “Upload an image” (3) интихоб мегардад ва ба воситаи “Choose File” (4)" тасвир кӯчонда мешавад;




5) пас аз бор кардани тасвир, натиҷаҳо дар оинача акс кунонда мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**Ҷустуҷӯ ва зеркашӣ кардани аудиомаълумотҳо**

1. Дар майдони ҷустуҷӯ калимаи калидӣ (мусиқии ӯзбек)-ро ворид кунед ва тугмаи "Enter" -ро пахш кунед (ё тасвири лупа). Шумо инчунин метавонед бо пахш кардани микрофон (1) калимаи калидиро ворид кунед.

2. Аз байни натиҷаҳо, ба сайт(масалан, uzhits.net)- и имкондоштаи рӯйбардоршудаи мусиқаҳо гузашта мешавад (2).




3. Бо пахш кардани тугмачаи мушак мусиқӣ гӯш карда мешавад (3).

4. Файли аудиоӣ тавассути иконкаи зеркашӣ (4) зеркашӣ карда мешавад. Иконкаи зеркашӣ дар сайтҳои гуногун метавонад мухталиф бошад, масалан, расми дискет, стрелкаи ба пастӣ равона кардашуда ва ғ.

**Ҷустуҷӯ ва зеркашӣ кардани видеомаълумотҳо**

1.Дар майдони ҷустуҷӯ калимаи калидӣ (масалан, Алишер Навоӣ)-ро ворид кунед ва тугмаи "Enter" (ё тасвири лупа) -ро пахш кунед. Калимаи калидиро инчунин бо пахши микрофон бо овоз ворид кардан мумкин аст (1).

2 Ба сифати натиҷаҳо, асосан рӯйхати маълумотҳое, ки аз системаи ҷустуҷӯии видеоҳои Youtube (www.youtube.com) гирифта шуда оварда шудааст.

3. Барои дидани маълумоти видеоӣ, ба бахши "Videos" гузашта мешавад (2).

4. Бинобар натиҷаҳо ба видеои зарурии системаи ҷустуҷӯии видеоии Youtube (www.youtube.com) гузашта мешавад (3).

5. Видеофайл аз назар гузаронда мешавад. Агар видео ба шумо маъқул набошад, ба калимаи калидии зерини тарафи рости оинача мос дигар видеофайлҳо ҳам оварда шудаанд(4).

6. Барои интихоби видеои мувофиқ тугмачаи мушакро дар болои видео пахш кардан лозим аст.

7. Барои рӯйбардор кардани видео, видеои дар қатори манзили браузер бударо бо URL-и дар манзил (https://www. youtube.com/watch?v=6GriaeBngeQ) -и назди калимаи ютуб буда пасванди "ss"-ро илова кардан (https:// www.ssyoutube.com/watch?v=6GriaeBngeQ) ва тугмачаи Enter-ро пахш намудан зарур аст (5).

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE









8. Дар оиначаи ҳосилшуда тавассути нишондоди “Скачать без установки” қисми рӯйбардоршавандаи видео ба кор дароварда мешавад (6).

9. Бо ёрии тугмачаи “Скачать” видео рӯйбардор карда мешавад(7). Видеои рӯйбардоршударо ба воситаи қисми “Download”-и тугмачаҳои дастгоҳ дидан мумкин аст.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

**Супориши 1**

1. Ба системаи ҷустуҷӯии Google тавассути браузери веб ворид шавед.
2. Дар майдони ҷустуҷӯ калимаи "Самарқанд" -ро нависед.
3. Барои нигоҳ доштани маълумот дар компютери худ ҷузвдон кушоед.
4. Ба бахши “Images” гузашта, тасвири дилхоҳатонро пайдо кунед ва онро дар ҷузвдони компютери худ ҷойгир карда зеркашӣ намоед.

**Сурориши 2**

1. Дар майдони ҷустуҷӯ "Samarkand + mp3" -ро нависед
2. Аз рӯйхат ба шахси боэътимод равед ва сурудро дар формати mp3 мувофиқи мавзӯъ зеркашӣ кунед.

**Супориши 3**

1. Дар майдони ҷустуҷӯ калимаи "Самарканд"-ро нависед
2. Ба бахши "Videos" гузаред то видеои дилхоҳатонро пайдо кунед, онро аз назар гузаронед ва агар ба шумо писанд омада бошад ба ҷузвдони компютери худ зеркашӣ кунед.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Барои ҷустуҷӯ карда ёфтани тасвирҳо ва ба компютер кӯчонидани онҳо кадом амалҳо иҷро карда мешаванд?
2. Ҷустуҷӯ ва зеркашӣ кардани аудиомаълумотҳо чӣ тавр ба амал бароварда мешавад?
3. Барои ҷустуҷӯи видеомаълумотҳо кадом амалҳо пайдарпай иҷро карда мешаванд?
4. Видеомаълумотҳоро асосан аз кадом система ёфтан мумкин?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Дар бораи ҷашни Наврӯз ва таърихи он маълумотҳои тасвириро ҷустуҷӯ кунед.
2. Беҳтарин тасвирҳое, ки шумо ёфтаед, ба ҷузвдони дар компютери худ сохтаатон зеркашӣ кунед
3. Дар майдони ҷустуҷӯ калимаи "Наврӯз + mp3" -ро нависед.
4. Беҳтарин маълумотеро, ки шумо ёфтаед, ба ҷузвдони дар компютери худ сохтаатон гузаронед.
5. Ба бахши " Videos " ворид шуда, видеои мувофиқи Наврӯзро ҷустуҷӯ кунед ва агар ба шумо писанд омада бошад, онро ба ҷузвдони компютери худ зеркашӣ кунед
6. Дар файли Navruz.docx тасвири ба Наврӯз мувофиқро ҷойгир кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 20. Офаридани қуттичаи почтаи электронӣ

Сабаби маъруфияти интернет дар ин сатҳ на танҳо ғании иттилоот, балки осон ва роҳати паёмнависӣ, иртибот тавассути он аст. Яке аз роҳҳои зудтарини мубодилаи паёмҳо пайдоиши почтаи электронӣ мебошад, ки шумораи корбарони интернетро ба таври назаррас афзоиш додааст. Агар паём дар тӯли чанд рӯз тавассути почтаи муқаррарӣ ба касе расад, он метавонад дар тӯли чанд дақиқа тавассути почтаи электронӣ ба ҳар гӯшаи ҷаҳон расад.

**Почтаи электронӣ** - хизмати интернетиест, ки барои мубодилаи ахбор (хатҳои электронӣ) бо ёрии қуттиҳои почтаи электронӣ пешбинӣ шудааст.

Хидмати почтаи электронӣ имкониятҳои зеринро пешниҳод мекунад:

-мубодилаи зуди паёмҳо (якчанд дақиқа);

- ба хабарҳо маълумоҳои замима илова кардан;

-ба хабарҳо маълумотҳои расм ва мултимедияро ҷойгир кардан.

Барои қабул ва фиристодани паёмҳои электронӣ, қабулкунанда ва ирсолкунанда бояд суроғаи почтаи электронии шахсии худро дошта бошанд.

Ҳар як суроғаи почтаи электронӣ ягона аст. Агар суроғаи почтаи электронии ду корбар як хела бошад, он гоҳ онҳо метавонистанд паёмҳоеро, ки онҳо аз суроғаҳои почтаи электронии якдигар гирифтаанд, хонанд. Аз ин рӯ, имкон надорад, ки ду нафар дар ҷаҳон як суроғаи почтаи электронӣ дошта бошанд.

Суроғаи почтаи электронӣ аз таркибҳои зерин иборат аст:

- логин - номи шартии соҳиби почтаи электронӣ;

- номи компютери шабакавӣ (сайт) ё сайти хадамоти почта, ки дар он почтаи электронӣ ҷойгир аст.

info@edu.uz

info – номи соҳиби почтаи электронӣ (истифодабаранда) мебошад, ки ин суроға ба кӣ тааллуқ дорад ё паём бояд ба кӣ фиристода шавад, нишон медиҳад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Почтаи электронӣ** (инг. Electronic Mail, E-mail) - намуди хизмат аз рӯи қабул ва ва фиристодани паёмҳои электронӣ мебошад.

**Суроғаи** (қуттӣ) почтаи электронӣ – суроғаи ягонае, ки барои фиристодани паёмҳо истифода мешавад.

Он ба суроғаи пурраи хонае, ки шахс дар он зиндагӣ мекунад, монанд буда, корбар тавассути ин суроға паём мефиристад.

**Ягона** - нотакрор, ҳаммонанд надорад. Ду суроғаи почтаи якхела буда наметавонанд, бинобар ин ба як суроға ин калимаҳо кор бурда мешаванд.

**Номи корбар** – номи соҳиби суроғаи почтаи электронӣ аст. Он аз ҳарфҳои лотинӣ, рақам ва аломатҳо иборат мебошад.

**Рамз** (парол) – сухани калидист, ки аз ҷониби соҳиби суроға барои ҳифзи суроғаи почтаи электронӣ ворид карда шудааст.

**Аккаунт** (инг. account – ҳисоб) - ҳисобе, ки маҷмӯи маълумоти корбарро дар системаи компютер нигоҳ медорад. Он ба корбар барои ба система ворид шудан имкон медиҳад.

**ДАР ЁД ДОРЕД!**

Суроғаи почтаи электронӣ бо ҳарфҳои лотинӣ бе пробел (фосила) нависта мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**edu.uz** – номи сервери почта (домен) мебошад, ки маънои дар кучо чойгир будани почта ё ба кучо фиристодани паёмро дорад.

Номи истифодабаранда  ва номи домен бо истифода аз тасвири @ (сабачка) ба ҳамдигар пайваст карда мешаванд. Ин рамз манзили почтаи электронии калимаи дар якҷояги̅ кор карда шударо мефаҳмонад.

Хати электрони̅ ҳамеша дар манзили почтаи электрони̅ нигоҳ  дошта мешавад. Барои сохтани манзили почтаи электрони̅, шумо бояд дар вебсайти хадамоти почта сабти ном кунед.

**Офаридани қуттичаи почтаи электрони̅**




1. Дастури веббраузер ба кор даровaрда мешавад.

2. Дар сатри суроғаи браузер суроғаи сайти хадамоти почтаро ворид кунед (масалан, https://passport.yandex.uz/, https://gmail.com).

3. Бо зер кардани тугмачаи "Enter" аз форма “Create account (for myself)” интихоб мегардад.

4. Варақаи бақайдгири̅ пур карда мешавад (ном, насаб, номи корбар, парол ва дубора ворид кардани парол барои тасдиқ) ва тугмаи "Next" пахш карда мешавад (1).

Агар номи корбар аз ҷониби шахси дигар истифода шавад, он гоҳ дар ин бора паём пайдо мешавад.

*Дар дафтарчаи киссагии худ суроғаи почтаи электронии худ (масалан, aqlvoyxamidov@gmail.com) ва пароли барои истифода аз почта ворид кардаатонро нависта монед.*

5. Рақами телефон ворид карда шуда тугмачаи  “Next” пахш  карда мешавад (2).

6. Коди ба телефон омада ворид карда шуда тугмачаи “Verify” пахш мегардад (3).

7. Дар оиначаи навбати̅ сана, моҳ, сол ва ҷинс интихоб мегардад ва ҳам тугмачаи “Next” пахш карда мешавад.

8. Қоидаҳои истифодаи хадамот дар оиначаи охирин дода шуда, бо истифода аз тугмаи “I agree” ба шартҳо рози̅ буданашро мефаҳмонад.

Пас аз бақайдгирии бомуваффақият, паёмдони почтаи электрони̅ офарида мешавад. Ба воситаи он навистани паёмҳои электрони̅, ирсол кардан, қабул намудан, хондан ва маҳфуз доштан мумкин аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Барои таъмини амнияти шахсӣ ҳангоми истифодаи почтаи электронӣ ин қоидаҳоро риоя кардан зарур:**

1) кӯшиш кунед, ки пароли мураккабтар ва саволи махфӣ барои қуттии почтаи электронӣ интихоб намоед. Ба сифати рамз номатон ё ки маълумоти шахсии ба ҳамин монанди ба дигарон маълумро нагузоред;

2) вақте ки шумо ба қуттии почта аз компютери бегона ворид мешавед, ҳамеша бо чидани парол ворид шавед. Агар дар браузер функсияи “Сохранить пароль” фаъол бошад, онро пахш накунед. Зеро пароли шумо дар компютер нигоҳ дошта мешавад ва дигарон ба воситаи ҳамин компютер ба почтаатон ворид шуданашон мумкин аст;

3) агар шумо аз шахси бегона паёми электронӣ гиред, ба калонсолон (муаллим ё волидайн / хешовандонатон) хабар диҳед ва почтаи электрониро нест кунед. МАКТУБҲОИ ЭЛЕКТРОНИРО НАКУШОЕД

4) ҲЕҶ ГОҲ файлҳои иловагиро дар мактубҳои шахсони бегона накушоед. Агар дар мактуб файлҳои иловагӣ дастрас бошанд, дар паҳлӯи почтаи электронӣ ишораи маҳкамкунаки коғазӣ мешавад;

5) бодиққат тафтиш кунед, ки номи почтаи электронӣ аз кӣ омадааст. Суроғае, ки шумо бо он шинос нестед ба он ҶАВОБ НАДИҲЕД. Дар ин бора ба калонсолон хабар диҳед;

6) вақте ки шумо почтаи электрониро мекушоед, агар он дорои гиперҳавола бошад, то даме ки ба амнияти он боварӣ ҳосил намекунед - ЗЕР НАКУНЕД. Ҳамеша аз ҳама пеш аз калонсолон пурсиданатон маъқул аст. Гиперҳавола метавонад ба вебсайти қалбакӣ оварда расонад ё баъзе дастурҳои зараровarro, аз қабили вирус ба компютери шумо зеркашӣ кунад, вирус метавонад ба маълумоти компютери шумо зарар расонад;

7) ба одамоне, ки шумо намешиносед, бидуни машварат бо калонсолон мактуб НАФИРИСТЕД. Ҳамеша боварӣ ҳосил кунед, ки шумо паёми электрониро ба кӣ мефиристед. Боварӣ ҳосил кунед, ки суроғаи почтаи электронии худро тафтиш кардаед, зеро ҳатто як ҳарф ҳам тағйир ёбад, почтаи электронӣ ба суроғаи шахси дигар рафтанаш мумкин аст;

8) ҳеҷ гоҳ суроғаи почтаи электронии худро ба ягон вебсайт бе шахси калонсол ДОХИЛ НАКУНЕД;

9) ҳеҷ гоҳ паролро, ки барои дастрасӣ ба почтаи электронии худ истифода мекунед, ба касе НАГӮЕД.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Дастури зараровар** – дастуре, ки бо мақсади ба компютер зарар расондан офарида шудааст. Ҳангоми зер кардани гиперҳаволае, ки ба он равона карда шудааст, дастур ба таври автоматикӣ ҷойгир карда мешавад.

**Вирус** - як намуди дастури зараровар аст. Он нусхаҳои худро меофарад ва ба маълумотҳои компютер зарар мерасонад.

**ОЁ ИНРО МЕДОНЕД?**

Аз ҷониби дастурсоз Рей Томлинсон дар соли 1971 дастури ба масофаи дурдаст фиристондани хабар дар компютер кор карда баровarda шудааст.Паёми дар ин барнома қабул кардашуда ба файл, яъне ба қуттии почта ҷойгир карда мешавад. Ҳамин тавр почтаи электронӣ пайдо мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Барои кушодани почтаи электронӣ ба сайти хидмати почта ворид шавед.
2. Ба саҳифаи бақайдгирии сайт ворид шавед.
3. Шакли бақайдгириро пур кунед.
4. Ном ва пароли возеҳ ва фаҳмо аз қуттии почта интихоб кунед ва онро ба форма дароред.
5. Суроғаи почтаи электронӣ (логин) ва пароли худро дар дафтарчаи кисагии худ нависта монед.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Почтаи электронӣ чист?
2. Барои кушодани почтаи электронӣ кадом маълумотҳо зарур аст?
3. Оё як корбар метавонад якчанд паёмдони почтаи электрониро кушояд?
4. Ҳангоми истифодаи почтаи электронӣ кадом қоидаҳои бехатариро бояд риоя кард?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

**1. Кадоме аз инҳо суроғаи почтаи электронӣ ҳисобида мешавад?**

**Суроғаи почтаи электрониро дар дафтари худ нависед:**

aqlvoy xamidov@mail.ru — aqlvoy&gmail.com

aqlvoy@mail — aqlvoy#gmail.com

info@rtm.uz — a.xamidov@gmail.com

**2. Дар дафтари худ ҷадвали зеринро кашед. Ҷадвалро бо маълумоти анъанавӣ ва почтаи электронии пешниҳодшуда пур кунед.**

| | Почтаи анъанавӣ | Почтаи электронӣ |
|---|---|---|
| Хабар ба қабулкунанда дар чӣ қадар вақт рафта мерасад? | | |
| Хабарро кадом вақт фиристодан мумкин аст? | | |
| Чӣ тавр хабар фиристода мешавад? | | |

**3. Почтаи электронӣ нисбат ба почтаи анъанавӣ кадом бартариятҳоро дорад?**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 21. Қабул ва фиристодани хабарҳо дар почтаи электронӣ

Почтаи электронӣ назар ба почтаи анъанавӣ қулайтар аст, шумо метавонед дар вақти дилхоҳ паём ирсол кунед ва дар чанд сония ҷавоб гиред.

**Навистан ва фиристоднаи паёми нав дар почтаи электронӣ**

1. Барои навиштани паёми электронии нав бахши “Compose” интихоб мегардад (1), дар натиҷа оиначаи “New Message” пайдо мешавад (2).

2 Дар майдони “To/Recipients” суроғаи почтаи электронии шахси қабулкунандаи хабар нависта мешавад (3). Агар суроға ворид карда нашавад, паём фиристода намешавад.

Агар суроғаи қабулкунанда дуруст навишта шуда бошад, ирсолкунанда метавонад инчунин нусхаи паёмро ба суроғаи почтаи худ фиристад, то ба ӯ хабар диҳад, ки паём ба ӯ расидааст. Барои ин "CC"-и тарафи рости майдони “To” пахш карда мешавад.

3. Дар майдони “Subject” мавзӯи ахбор нависта мешавад(4).

4. Матни паём бошад дар майдони холӣ  навишта мешавад(5).

5. Ба хабари электронӣ файлҳои гуногунро илова карда  фиристондан мумкин аст. Барои ин, нишондоди “Attach files” пахш карда мешавад (6) ва файли дилхоҳ интихоб шуда, тугмачаи “Open” пахш мегардад(7).

6. Ҳама майдонҳо санҷида шуда, хати электронӣ ба воситаи тугмачаи “Send” фиристода мешавад(8).

7. Паёмҳои ирсолшуда дар папкаи “Sent” –и почтаи электронии ирсолкунанда ҷой мегиранд (9).

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Subject** – мавзӯ ё ки сарлавҳаи паёми электронӣ аст. Қабулкунанда бо ёрии subject дар бораи чӣ будани хабарро нахонда истода донистанаш мумкин аст.

**Қабулкунанда** – шахсе, ки ба он хабари электронӣ  фиристода шудааст.

**Меъёри одобу ахлоқ** - қоидаҳои одобу ахлоқи риояашон зарурӣ ва мезонҳои хулқу атвори намунавӣ дар интернет.

**Китоби суроғаҳо** — майдончае, ки дар он суроғаҳои почтаи электронии шиносон нигоҳ дошта мешавад.

**Inbox** – папкаи таркиби почтаи электронӣ аст. Паёмҳои воридотӣ дар он ҷой мегиранд ва онҳоро хондан мумкин аст.

**Reply** (ба хат ҷавоб баргардондан) – гирифтани хабар аз почтаи электронӣ ва ба шахси хатнавис хати ҷавобӣ навистан аст.

**Forward** (мубодила) – барои хондани дигарон ҳам хатҳои омадаро ба суроғаи почтаи онҳо ирсол намудан аст.

8. Паёмҳои хаттӣ, вале ирсол нашуда дар қуттии “Drafts” меистанд (10). Онҳоро кушода ва таҳрир карда, ба суроғаи зарурӣ  фиристодан мумкин аст.

Паёмҳои ба суроғаи муайяншуда фиристодашуда ба почтаи электронии қабулкунанда фиристода мешаванд ва то он даме, ки соҳиби почта онҳоро нест накунад, дар он қуттӣ боқӣ мемонанд.

**Истифода бурдан аз китоби суроғаҳо**

Дар почтаи электронӣ барои нигоҳ доштани ном ва суроғаҳои почтаи электронии дигар

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


корбарон китоби суроғаҳо мавҷуд мебошад. Ин маънои онро дорад, ки дар хотир нигоҳ доштани ҳар як суроғаи почтаи электронӣ шарт нест, онҳоро дар китоби суроғаҳо (11) нигоҳ доштан кифоя аст.




**Дидан ва ҷавоб гардондан ба хабарҳои ба почтаи электронӣ омада**

1. Вақти ба почтаи электронӣ ворид шудан, паёмҳои нави омада дар паёмдони “Inbox” пайдо мешаванд (1).

2. Дар паҳлӯи қуттича адади паёмҳои нав омада нишон дода мешавад(2).

3.Паёмҳои нав омада бо навишти ғафс  ҷудо карда шуда, хондашудаҳо бо ҳуруфи  оддӣ навишта мешаванд.

4. Барои алоҳида ишора кардан ба сифати ягон хабари муҳим дар хатҳои омада нишонаи ситорача зер карда мешавад (3). Агар миқдори хатҳои ба почтаи электронӣ омада зиёд шавад,  паёмҳои муҳимро тавассути қуттичаи “Starred”  даромада дидан мумкин аст(4).

5. Барои дар архив гирифта мондани хат иконкаи “Archive” пахш карда мешавад(5).

6. Барои нест кардани паём нишонаи “Delete”  интихоб карда мешавад (6). Паёмҳои ҳазфшуда ба қуттии “Trash”  интиқол дода мешаванд ва онҳоро ба макони қаблии худ барқарор кардан мумкин аст.

7. Хати ба қуттии почта омадаро ба рӯйхати хондашудаҳо гузарондан (Mark as read) ва ҳам хонданашудаҳо баргардондан (Mark as unread) мумкин аст (7). Барои ин тугмачаи мушакро дар болои иконка як  маротиба зер кардан кифоя аст.

8. Хати омадаро тавассути “Snoozed” муваққатан боздоштан ҳам мумкин аст(8). Барои бозгардондан ба қуттичаи “Snoozed”(9) ворид мешавад ва ҳамон нишонаи паёмро бори дигар зер карда, “Unsnooze” интихоб мегардад.

9. Дар оинача аз ҷониби кӣ фиристода (10) шудани хати нав, мавзӯи мактуб (11) ва як қисми паёмро (12) дидан мумкин аст.

10. Барои хондани матни паём тугмачаи мушак дар болои хат  пахш карда мешавад ва бо матни хабар шиносо мегардад(13).

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



11. Барои ба хат ҷавоб навистан тугмачаи “Reply” интихоб карда мешавад (14) ва дар оинаи ҳосилшуда хати ҷавобӣ växависта шуда, тугмачаи “Send” пахш мегардад (15).

12. Хати ба қуттии почта омадаро барои ба дигарон фиристондан тугмачаи “Forward” интихоб мегардад (16) ва дар майдони “To” манзили почтаи онҳо нависта мешавад ва тугмачаи “Send” пахш карда мешавад (17).




**Дар навистан ва бадали хабарҳои электронӣ ҳар як шахс ба меъёрҳои одобу ахлоқи зерин амал карданаш шарт аст:**

1. Дар вақти навистани хат ба меъёрҳои ҳурмати байниҳамдигарӣ ва мулоқоти дуруст риоя кардан;

2. Дар бадали ахбор бо хушмуомилагӣ муроҷиат намудан ва ҳам изҳори ташаккурро фаромӯш накардан;

3. Дар хат мавзӯи хабарро мухтасаран ва мушаххас ифода намудан;

4.Ахбори электрониро бо салому алек оғоз намуда бо ташаккур ва ниятҳои нек тамом кардан;

5. Матни хабарро фаҳмо, калимаҳои асосиро нишон додан ва ҳам дар ҳолати ба сарсатрҳо ҷудо кардашуда навистан. Аз ҳуруфи оддӣ, мухтасару осон истифода намудан (аз рангҳои гуногун, шрифтҳои рангоранг истифода накардан ё ки калимаҳоро бо ҳарфҳои калон нанавистан).

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


Яке аз ҷиҳатҳои ба худ хоси бадалиёти хабарҳои электронӣ – барои ифода кардани ҳиссиётҳо мавҷуд будани аломатҳо (смайликҳо)-и гуногуни истифодашаванда мебошад. Ҳар як аломат маънои алоҳида дошта, хатча – бинӣ, дунуқта – чашм, қавс – даҳон ва ғайраҳоро ифода менамояд;

6) дар охири хат аслу насабатонро нависед, масалан “Бо эҳтиром Ақлвой Ҳамидов”;

7) ворид карда шудани сарлавҳаи ахбор ва ҳам ба хабар мувофиқ будани онро санҷед;

8) пеш аз фиристондани хабарҳои электронӣ онро аз сари нав хонед, вуҷуд доштан ё надоштани хатоҳои имлоии онро санҷед;

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Бозии “Хабари нав”. Синф ба се зергурӯҳ ҷудо мешавад. Ҳар як талабаи ин гурӯҳҳои худ манзили почтаи электронии талабагони ҳамин гурӯҳро нависта мегирад.

2. Дар байни гурӯҳҳо мавзӯъҳои “Намудҳои варзиш”, “Таомҳои миллӣ”, “Ҷашнвораҳо” тақсим карда мешавад.

Ҳар як талаба дар вақти хабар навистан:

-шрифт, стил, андоза, ранги матни хабари навистаи худро тағйир додан;

-хатоҳои имловӣ ва грамматикии хабарашро санҷидан ва пурра кардан;

-нусхаи хабарро ба воситаи “cc” ба манзили талаба фиристонданаш лозим аст.

3. Дар ҳар як гурӯҳ як талаба хати нав меофарад, доир ба мавзӯи ба вай додашуда хабар менависад, масалан, ба сарлавҳаи хат номи мавзӯ (масалан, намудҳои варзиш), ба матни хабар калимаи мутааллиқи мавзӯъ (масалан, футбол) нависта мувофиқи он расм ҳам илова кардан мумкин аст. Ахбори тайёршударо ба талабаи дуюм мефиристонад.

4. Талабаи дуюм хабарро гирифта, ба он тибқи мавзӯъ хабари нав илова мекунад (масалан, калимаи баскетболро менависад) ва мувофиқи он расм илова мекунад. Хабарро ба талабаи сеюм мефиристонад.

5.Ҳамин тавр ҳар як аъзои гурӯҳ аз рӯи мавзӯъҳои ба худашон дода шуда, дар дохили гурӯҳ байниҳам хабарҳо иваз менамоянд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Ахбори почтаҳои электронӣ аз кадом қисмҳо таркиб меёбад?
2. Барои офаридани почтаи электронӣ чӣ гуна маълумотҳо заруранд?
3. Файли иловагӣ ба матни хабар чӣ гуна ҳамбаст карда мешавад?
4. Хабари ба почтаи электронӣ омадаро барои ба дигарон гузарондан кадом вазифаҳо иҷро карда мешавад?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

**Китоби дӯстдоштаи ман**

1. Хати нав офаред.
2. Дар хат доир ба мавзӯи “Китоби дӯстдоштаи ман” ҳикоя тартиб диҳед. Дар он доир ба номи китоб, муаллиф, соли нашр ва ҷиҳатҳои ба шумо маъқули он нависед.
3. Ба матни хабари мазкур расми китоби дӯстдоштаатонро илова кунед.
4. Ба қисми “Kimga” манзили почтаи электронии омӯзгоратонро ворид намоед.
5. Ба қисми “cc” манзили почтаи электронии дӯсти наздикатонро ворид намоед ва хатро фиристонед.
6. Доир ба ҳикояатон фикри омӯзгоратонро аз рӯи хати ба почтаи электрониатон омада донparam гиред.

# ДАРСИ 22. МАДАНИЯТИ КОР БО АХБОРОТ ВА ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ

Инсоният ҳаёти худро бе интернет тасаввур карда наметавонад. Дар дунё, барои донистани воқеаю ҳодисаҳои дар атрофамон содир шуда истода ва донистани ахбори навин интернет роли бузург мебозад. Баҳогузорӣ ба сифат ва эътимоди ҳама гуна ахбори интернет, аз онҳо дуруст истифода намудан ва омӯхтани нуқтаи назари танқидӣ ба ҳар як маълумот аз вазифаҳои асоситарини ҳар як шахс ҳисобида мешавад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Ҳуқуқи муаллифӣ** - (ingl. copyright) – ғоя (фикр)-и аз ҷониби шахс офаридашуда ё ҳуқуқи нисбат ба асар доштаи вай аст.

**Плагиат** (lot. plagio– дуздидан) – аз асар бе нишон додани муаллифи он истифода намудан, яъне сӯистеъмол кардани ҳуқуқи муаллиф мебошад.

**Ҳуқуқ** – имконияте, ки аз ҷониби давлат дода шуда, аз он истифода бурдан мумкин аст.

### Маданияти кор бо ахбор

Ҳарчанд тавсифи истилоҳи “Ахбор” зиёд бошад ҳам, ба таври умумӣ, он маънои маълумоти дастҷамъӣ, аз нав кор карда шуда ва шарҳёфта, ба намуди осон тақдимшударо мефаҳмонад (ахборот – ин “донишҳои дар шаклҳои осон барои дарк кардан дода шуда” мебошад; ахборот – “ин мафҳум ба тафаккури инсон рафта расанда ва дониши онро зиёдкунанда” мебошад).

Ҷустани ахборот, дар он ба маълумотҳои сохтаи гуногун фирефта нашудан, ахбороти заруриро ҷудо карда тавонистан, аз нав кор кардан, ба тартиб овардан, мазмуни онро фаҳмонидан, ба дӯстон манбаъҳои холисро фиристодан, мантиқӣ фикр кардан барин ҷараёнҳоро бо номи умумӣ маданияти кор бо ахборот меноманд. Барои кӣ нависта шудани ахбор, фаҳмида тавонистани ба чӣ мақсад тайёр шудани он ҳам аҳамияти муҳим дорад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Ҳуқуқи муаллифӣ

Имрӯзҳо асари аз интернет рӯйбардоршудаҳо (расм, мақолаи шавқовар, шеър, мусиқа, кино ё нашри дигар)-ро ба манбаи онҳо ҳавола нишон надода истифода намудан ҳолати муқаррарӣ гардидааст. Ҳаммаи истифодабарандагони интернет ҳам вуҷуд доштани муаллифи ин асарҳо ва аз онҳо рухсат гирифтанро намедонанд. Дар интернет ҷойгир шудани ахборот маънои онро надорад, ки аз онҳо ба таври дархост фоида бурдан мумкин бошад. Ҳар як асари дар интернет ҷойгиршуда соҳиби худро дорад. Ҳар як асар дар асоси қонун “Дар бораи ҳуқуқи муаллифон” ҳимоя карда шудааст. Дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон меъёрҳои асосии ҳуқуқи муаллифон бо “Кодекси шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон” (моддаҳои 1041-1073) ва ҳам бо қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Доир ба ҳуқуқи муаллифӣ ва монанди он” қатъӣ муайян шудааст. Агар ягон шахс асари бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳимояшударо ғайриқонунӣ нусхабардорӣ намояд, паҳн созад, аз он ба сифати манбаи даромад истифода намояд, муаллиф барои ҳимоя кардани ҳуқуқи муаллифии худ ба муроҷиат кардан ба идораҳои дахлдор имкон дорад. Қонунҳо доир ба ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ дар ҳаммаи кишварҳои ҷаҳон мавҷуд аст. Бинобар ин бе иҷозати муаллиф асари ӯро кор фармудан, паҳн кардан мумкин нест!




Баъзан дар дӯконҳо нусхаҳои китоб, диск ва дастурҳоро ғайриқонунӣ буданашонро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин гуна ҳолатҳо ҳам нусхабардорон ва ҳам савдогарони онҳо низ дар назди қонун ҷавобгар ҳисобида мешаванд.

Маълумоти аз интернет гирифташударо дар компютер маҳфуз доштан ва аз он шахсан истифода бурдан амали зидди қонунӣ нест. Ин маълумотҳоро дар вебсайтҳо, саҳифаҳои иҷтимоӣ, шабака ё гурӯҳҳо нашр кардан зарур шавад, албатта дар манбаи он нишондоди ҳавола қайд шуданаш лозим аст.

**Ҳамчунин, маводҳои бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳимоя карда нашуда ҳам мавҷуд буда, онҳо аз зеринҳо иборатанд:**

- ҳуҷҷатҳои расмӣ (қонунҳо, қарорҳои суд, ҳуҷҷатҳои қонунӣ ва ғайра) ва тарҷимаҳои расмии онҳо;
- рамз ва нишонаҳои давлатӣ (парчамҳо, герб (нишон), эмблема (рамз) ва ғайраҳо);
- асарҳои эҷодиёти халқӣ;
- ахбор дар хусуси воқеа ва фактҳои характери ахборидошта;
- ном ва шиорҳои кӯтоҳкардашуда;



**Аз маълумотҳои интернет барои вайрон накардани ҳуқуқи муаллифӣ ба таври зерин истифода кардан мумкин аст:**

-нишонаи ҳуқуқи муаллифиро ҷойгир намудан;

-сарчашмаро нишон додан;

-ба сайти аслӣ, ки маълумотҳо ҷойгир шудаанд, ҳаволаро айнан кӯчондан;

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Литсензияҳои ҳуқуқи муаллифӣ**

Ҳар як муаллиф барои эълони ҳуқуқи муаллифи худ аз литсензияҳои ҳуқуқи муаллифӣ истифода бурда метавонад.

**Copyright litsenziyasi** (©) – аз номи соҳиби ҳуқуқи муаллифӣ( ё ки сарлавҳа) ва соли аввали нашри асар иборат аст.

Ташкилоти **Creative Commons** (CC) Creative Commons (CC) дар Иёлоти Муттаҳида дар соли 2001 аз ҷониби профессорҳои машҳур Лоуренс Лессиг, Ҳел Абелсон ва Эрик Элдред барои ҳуқуқи муаллифӣ ташкил карда шуда, литсензияҳои ройгони ҳимояи ҳуқуқи муаллифиро тақдим менамояд. Шаш намуди иҷозатномаҳое, ки аз ҷониби ташкилот эълон шуда буданд,ба воситаҳои ахбори оммавии тамоми ҷаҳон материалҳои худро бо роҳҳои гуногун имкони ҳимоя карданро медиҳад.

**Иҷозатномаи Creative Commons аз чаҳор унсур иборат буда ба таври зерин шарҳ дода мешаванд:**

– *дар ҳолати нишон додани муаллиф (Attribution):* дар ҳолати нигоҳ дошта шудани ҳуқуқи муаллифи асар ба нусхабардорӣ, паҳн кардан, истифода бурдан, коркард кардан иҷозат дода мешавад;

– *дар ҳолати дохил накардани ягон тағйирот (No Derivative Works):* асар тағйир дода нашуда он метавонад нусхабардорӣ, паҳн ё истифода шавад. Агар касе асарро тағйир додан ё аз нав кор кардан хоҳад, бояд иҷозати муаллифро гирад:

– *мувофиқи шартҳо (Share Alike):* версияи аз нав кор карда ва такмилёфтаи асарро танҳо дар асоси литсензияи барои кори аслии муаллиф гирифта шуда ба паҳн кардан рухсат дода мешавад.

– *дар мақсадҳои ғайритиҷоратӣ (Non-Commercial):* нусхаи асар барои мақсадҳои ғайритиҷоратӣ ба нусхабардорӣ, паҳнкунӣ, истифода карадан, аз нав коркардан иҷозат дода мешавад. Истифодабаранда

агар онро ба мақсадҳои тиҷоратӣ истифода карданӣ бошад, бояд ба муаллиф муроҷиат кунад

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Инчунин 6 намуди литсензияҳои омехта мавҷуданд, ки аз унсурҳои зерин иборатанд:**

1) **(CC-BY)** – *истифода бо нишон додани муаллиф.* Ин литсензия дар ҳолати нишон додани муаллиф ба паҳнкунӣ, таҳрир, мутобиқсозӣ, такмил ва ҳатто тиҷорат кардан иҷозат дода мешавад.

2) **(CC BY-SA)** – *истифода бо нишон додани муаллиф ва бо дарназардошти шартҳо.* Ин навъи иҷозатнома метавонад тибқи шартҳои муаллиф бо зикри муаллифи асар ба таҳрир, мутобиқсозӣ,такмил рухсат дода мешавад. Агар асар ба мақсадхои тиҷоратӣ истифода шавад, ба муаллиф додани кредит, барои гирифтани иҷозатнома барои асари беҳтаршуда литсензияи қаблии муаллиф бояд ба назар гирифта шавад;

3) (**CC-BY-ND**) – *истифода кардан бо нишон додани муаллиф,вале ягон тағйирот ворид накардан.* Чунин литсензия барои мақсадҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ нест, истифодаи бетағйирот дар пурра бо нишон додани муаллиф иҷозат дода мешавад;

4) **(CC BY-NC)** – *истифода бо нишон додани муаллиф бо мақсади ғайритиҷоратӣ.* Ин навъи литсензия бо нишон додани муаллифи асар ба истифодаи ғайритиҷоратӣ, тағйирот, мутобиқ шудан ва такмил додани он имкон медиҳад;

5) **(CC BY-NC-SA) –** *истифода кардан бо нишон додани муаллиф ва амал намудан ба шартҳо ва ҳам барои мақсадҳои ғайритиҷоратӣ.* Иҷозатнома бо нишон додани муаллиф барои мақсадҳои ғайритиҷоратӣ ба таҳрир, мутобиқсозӣ ва такмил иҷозат медиҳад. Ба кори такмилёфта барои гирифтани иҷозатнома шартҳои қаблии иҷозатномаи муаллиф бояд ба назар гирифта шаванд;

6) **(CC BY-NC-ND)** – *истифода кардан бо нишон додани муаллиф дар ҳолати дохил накардани ягон тағйирот ва ҳам дар мақсадҳои ғайритиҷоратӣ.* Ин литсензия дар байни ҳамаи 6 иҷозатномаи асосӣ аз ҳама махдудтаринаш ҳисобида шуда, асарро дар ҳолати нишон додани муаллифаш танҳо ба нусхабардорӣ кардан имкон медиҳад.Тағйир додани асар ва аз он дар мақсадҳои тиҷоратӣ истифода кардан таъқиқ карда мешавад.

**МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ**

**Супориши 1.** Дар муҳаррири матнӣ доир ба мавзӯи «Уқёнусҳо» мавод тайёр кунед.

1.1. Аз интернет маълумот оиди мавзӯъ ва тасвирҳои уқёнусро гиред.

1.2. Ба маълумот ва расмҳо ҳавола ҷойгир кунед, манбаъ ё ки муаллифи онро нишон диҳед.

**Супориши 2.** Бисёр  китобҳо, аудио ва видеоматериалҳо, ки дар муҳити интернет мавҷуданд, дар асоси литсезияҳои Copyright ё ки Creative Commons паҳн карда мешавад. Супоришҳоро хонда баромада, ҳалли заруриро интихоб кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар бораи дастури Scratch дар асоси нишонаи литсензияи Creative Commons китоби онлайнии чоп кардашуда ёфтед. Китоб хеле шавқовар, аммо бо забони англисӣ навишта шудааст.

Аз сабабе, ки аксари дӯстонатон забони англисиро нағз намедонанд, аз китоб истифода бурдан наметавонанд.Онро тарҷима карда, ба дӯстонатон фиристодани ҳастед. Оё литсензияи нишон додашуда ба ин рухсат медиҳад?

**Ишорат кунед, ки кадоме аз ҳалҳои зерин дуруст ё нодуруст аст.**

| Ҳалҳо | дуруст (+)<br>нодуруст (–) |
|---|---|
| Аз китоб дар ҳолати нишон додани манбаъи он истифода бурдан мумкин, аммо тарҷума кардан мумкин нест. | |
| Китобро тарҷима кардан мумкин, танҳо бо мақсади ғайритиҷоратӣ. | |
| Аз китоб истифода бурдан ва онро ба мақсади тиҷоратӣ тарҷума кардан мумкин аст. | |

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Маданияти кор бо ахборот чист?
2. Плагиат чист?
3. Ҳуқуқи муаллифӣ чист?
4. Литсензияҳои ҳуқуқи муаллифӣ ба кадом мақсад кор фармуда мешавад?
5. Кадом литсензияҳои ҳуқуқи муаллифӣ мавҷуд аст?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Супориши тайёр кардани видеоролик барои иди Наврӯз дода шуд. Видеои ба худатон заруриро аз саҳифаи YouTube ёфтед. Ҳангоми дидани видео ба нишонаи литсензияи Creative Commons-и зерини ба он мондашуда дучор омадед:

**Ишорат кунед, ки кадоме аз ҳалҳои зерин дуруст ё нодуруст аст.**

| Ҳалҳо | дуруст (+)<br>нодуруст (–) |
|---|---|
| Аз видео истифода бурдан, онро таҳрир кардан мумкин аст. Видеоро танҳо дар ҳолате, ки муаллифаш нишон дода шудааст, паҳн кардан мумкин аст. | |
| Аз видео бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода бурдан, онро тағйир додан ва паҳн кардан мумкин аст. | |
| Аз видео танҳо бо тартиби аз тарафи муаллиф ҷойгиркардашуда истифода бурдан мумкин аст. | |

2. Барои чӣ ахборотро бе рухсати муаллиф нусхабардорӣ ва паҳн кардан ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад? Фикратонро нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 23. ХАВФУ ХАТАРИ ИНТЕРНЕТ ВА ҲИМОЯ АЗ ОНОН

Бо рушди босуръати интернет, хатарҳои гуногун ва хавфҳо низ дар бисёр мавридҳо зиёд мешаванд ва таъсири онро дар ҳаёти реалӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Қоидаҳои муошират дар ҷаҳони воқеӣ чӣ хеле ки бошад, дар интернет ҳам ҳамин чиз ба ҷаҳони маҷозӣ дахл дорад: «Агар хоҳӣ, ки бо ту дар чӣ гуна муносибат бошанд, ту низ бо дигарон ана дар ҳамин гуна муносибат бош». Дар ҷаҳони виртуалӣ шахсе, ки паёмро гирифтааст, шояд тамоман маданияти дигар дошта бошад,ин гуна ҳолат хавфи пайдо шудани нофаҳмиҳоро ба миён овარданаш мумкин. Масалан, аз сабаби он ки фаҳмиши ҳазлу мутоиба бевосита ба анъанаҳои маданӣ мутааллик ва ҳам ба тарбия вобастагӣ дорад,бо кӣ ҳамсӯҳбат шуданатонро надониста истода,ба ҳазл кардан эҳтиёт шуданатон маъқул аст. Хусусан, агар ҳамсӯҳбататон чеҳраи шуморо набинад, оҳанги сухани шуморо ҳис накунад, ба ӯ бо шӯхӣ интиқоли паём душвор аст.

Ҳамин тавр, ба одамони дигар дар интернет бо риояи қоидаҳои одоби шабакавӣ муносибат кардан маданияти истифода аз интернетро мефаҳмондааст.

Азбаски интернет воситаи муошират аст, ҳангоми истифода бурдани он қоидаҳои мушаххасро риоя бояд кард. Қоидаҳои маъмули дар зер оварда шуда меъёрҳои умумиқабулшудаи одобанд:

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Виртуалӣ** (лотинӣ. virtualis) — ихтироъ шудааст, хаёлӣ.

**Олами виртуалӣ** – муҳити интернет.

**Шабакаи иҷтимоӣ** – маҷмӯи сайтҳоест,ки ба корбар барои аз матн, расм, видео барин материалҳо истифода кардан ва ҳам бо дигарон сӯҳбатҳо оростан ба маводи аз ҷониби дигарон интишоркарда шарҳҳо навистан имкон медиҳад, масалан,Facebook, Instagram, Telegram ва ғ.

**Fishing** ( анг.моҳигирӣ) — ҷараёни гирифтани маълумотҳо дар хусуси бо мақсади гирифтани пул аз суратҳисобҳои бонкӣ, рақами ҳисобсурати шахсии онҳо,махсусан рақами идентификатсияи шахсии (PIN) шаҳрвандон мебошад.

**Gruming** – бо мақсади таҳдид ва шантаж бо ба воя нарасидагон алоқаи тавассути интернет ба роҳ мондашуда.

**Буллинг** – хатту ҳаракатҳои беахлоқона.

**Офаридани профил** – Бо роҳи ворид кардани маълумотҳои шахсӣ дар сайтҳо аз рӯйхат гузаштан, тавассути маълумотҳои шахсӣ худро ба дигар истифодабарандагон шинос кардан аст.

- Асар (масалан, расм, мақолаи шавқовар, шеър, суруд, кино ё ки асарҳои дигари нашр гардида)- ҳои аз тарафи шахси дигар офарида шударо берухсат паҳн кардан, аз он нусхабардорӣ кардан ё ки тавассути плагиат

ҲУҚУҚИ МУЛЛИФИРО ВАЙРОН КАРДАН МУМКИН НЕСТ;

- Дар интернет АХБОРИ нодурустро ПАҲН КАРДАН МУМКИН НЕСТ. Ба ин ахборҳо тасвири аз дубора кор кардашуда дар муҳаррирҳои графикӣ, хабарҳои дурӯғи дар шабакаҳои иҷтимоӣ додашуда дохил мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



- Маълумот ва тасвирҳои шахсии ба ҳаёти инсон дахлдорро БЕ РУХСАТИ ОНҲО ПАҲН КАРДАН МУМКИН НЕСТ. Ҳамсинфонатон ё ки дигаронро ба пинҳонӣ сурат гирифтан, маълумотҳои дар бораи онҳо бударо бе рухсати онҳо ба дигарон паҳн кардан мумкин нест.

### Хатарҳои интернет

**Сайтҳое, ки ба синну соли шахс мувофиқ нестанд.** Интернет барои корбарони ҳамаи синну солҳо сайтҳои гуногунро пешниҳод мекунад ва тавассути ин истифодабарандагони оммавӣ ва ҳам низ манфиатҳои гуногуни гурӯҳҳои алоҳидаро қонеъ мегардонад. Ба ин нигоҳ накарда, бачаҳо ва навҷавонон аз ҳаммаи сайтҳо ҳам истифода карданашон мумкин нест. Сайтҳои ба синну сол рост наоянда, хусусан, маълумотҳои ба калонон пешбинишуда ба ҷавонон зарар расонданаш мумкин аст. АГАР НОГАҲОН БА ИН ГУНА САЙТҲО ВОРИД ШАВЕД, ОНҲОРО БА ЗУДӢ ПӮШЕД Ё ки БА КАЛОНСОЛОН МУРОҶИАТ КУНЕД.



**Тафтиш накардани сайтҳо.** Маълумотҳои дар интернет буда аз ҷониби мутахассисон санҷида намешавад. Ҳамин тавр, ба маълумотҳо аз нуқтаи назари танқидӣ рӯй овардан ва ба ҳамаи онҳо кӯр-кӯрона бовар накардан зарур аст. БА ҲАМАИ МАЪЛУМОТҲОИ ОНЛАЙНӢ БОВАР КАРДАН НАМЕШАВАД.



**Маълумоти беэътибор дар шакли таблиғот.** Ба бачагон дар зери таъсири рекламаи номуносиб, ки барои онҳо пешбинӣ нашудааст хариди мол ва хидматҳо (масалан, ҷарроҳии пластикӣ) имконпазир аст. Корбар маълумоти шахсии худро (ном, синну сол, ҷинс) чӣ қадаре ки ошкор кунад, ҳамон қадар эҳтимоли бештар дар таблиғ иштирок кардан ё ба лотерея даъват карда шуданаш зиёд мешавад. ДАР САҲИФАҲО ДАР БОРАИ ШАХСИЯТИ ХУД ҲАНГОМИ НАВИШТАНИ МАЪЛУМОТ ЭҲТИЁТ БОШЕД.




**Бехатарии ҳаёти шахсӣ.** Маълумот дар интернет ба таври номаҳдуд дар гӯшаву канори ҷаҳон паҳн шуда метавонад. Матни бо некӣ ё расмҳои шумо гузошта аз нав коркард шуда, ба бехатарии ҳаёти шумо эҳтимоли пайдо кардани зарарҳо дошта метавонанд. Бинобар ин, тамоми маълумоти шахсии худро дар интернет ҷойгир накунед. ҶИҲАТҲОИ БА ХУД ХОСИ ИНТЕРНЕТРО БА БА ҲИСОБ ГИРЕД.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





**Маслиҳати зараровар.** Форумҳои интернетӣ, блогҳо ва дигар сайтҳо барои огоҳ кардани корбарон ва ба мубодилаи маслиҳатҳо платформа мекушоянд. Умуман, ин гуна ёрӣ хеле муфид аст, вале ба алоқаҳои номатлуб, ҳатто зараровар оварданаш мумкин аст. Хавфи машваратҳои зараровар, махсусан хавфи гирифтани чунин маслиҳатҳо дар кӯдакон ва наврасон дар шабакаҳои иҷтимоӣ нисбат ба вебсайтҳои муқаррарӣ хеле баландтар аст. ПЕШ АЗ АМАЛ КАРДАН БА ЧУНИН МАСЛИҲАТҲО ДАР ИНТЕРНЕТ ДАР ИН БОРА БО КАЛОНСОЛОН ҲАМФИКРӢ КАРДАН ЗАРУР АСТ.



**Фишинг** (пулдуздӣ, фиребгарӣ) – бренди маъруф аст. Фиристодани паёмҳои почтаи электронӣ аз номи бонк ва хизматҳои дигар аст. Масалан, ба шумо “ 1000 доллор пул буридед, агар маълумоти картаи бонкиатонро фиристонед, ба шумо мукофотро мефиристонем” барин хабар омаданаш мумкин аст. Дар хотир доред, ки бонк ҳеҷ вақт маълумот доир ба ҳисобсурат, парол ва ғайраро аз шумо пурсида мактуб намефиристонад. Наврасон вебсайти қалбакии паёмҳоро аз воқеият ҷудо карда наметавонанд. Дар натиҷа, онҳо метавонанд надониста реквизитҳои бонкии волидайн ё бародарони худро ифшо кунанд.

**Қаллобии тиҷоратӣ.** Фурӯшандаи виртуалӣ маҳсулот ё хидмати босифати худро тавсия медиҳад, ҳангоми анҷом додани он бошад, маҳсулот ё хидмат хусусиятҳои тавсифшударо надоштан ё ки умуман ба фармоишгар нарасиданаш ҳам мумкин аст. Чунин вазъиятро дар савдо фиребгарӣ меноманд. ТАВАССУТИ ИНТЕРНЕТ БАРОИ БА АМАЛ БАРОВАРДАНИ САВДО АЗ КАЛОНСОЛОН КӮМАК ПУРСИДАН ЛОЗИМ АСТ.



**Груминг** – алоқа тавассути интернет бо кӯдакон ва наврасон дар ҳолати пинҳон доштани синну соли худ аст. Барои ин аз шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмҳои почтаи электронӣ, чатҳои бозии онлайнӣ ва дигар вебсайтҳо истифода карда мешавад.. Шахси нопоки бо грумминг машғулшаванда ёрии худро аз рӯи тӯҳфа додан ё ҳал кардани ягон муаммо тавсия дода, вохӯрӣ ҳам таъин карданаш мумкин аст. ДАР ИНТЕРНЕТ БО ШАХСОНИ НОШИНОС ВОХӮРӢ ТАЪИН НАКУНЕД.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





**Буллинг** – аз бисёр ҷиҳат ба дигарон зарар расондан. Ба туфайли интернет чунин равандҳои манфӣ сабук гардид, имкониятҳо барои кори пинҳонӣ офарида шуд. Аз сабаби номаълумиҳо доштани интернет, одамони нопок матнҳои таҳқиркунанда ва суратҳои гуногун фиристоданашон мумкин аст. Зеро онҳо худашон чеҳраи ҳарифро намебинанд ва натиҷаи кирдори худро фикр намекунанд. Аз ин рӯ, шумо дар интернет бо афроди ношинос дӯстӣ накунед ва дар сурати пайдо шудани ихтилоф дарҳол робитаро қатъ кунед.



**Офаридани профил**. Корбар бо мақсади шиносонидани худ ба дигарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ барои офаридани профил ахборотҳои шахсии худро пешниҳод карда метавонад. Ба ин раванд наврасону ҷавонон ҷалб мешаванд ва баъзан суроғаи шахсӣ ё инчунин рақамҳои телефонро пешниҳод мекунанд. Аксарият иттилооти муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба одамоне, ки маълумоташонро нишон медиҳанд таблиғот мефиристад. Чӣ қадаре ки корбар дар бораи худ маълумоти бештар диҳад, реклама ҳамон қадар ҳадафноктар мешавад. Профилҳои корбар дар пойгоҳи маълумоти вебсайтҳо пайдо мешаванд. Провайдери платформа инчунин метавонад ин маълумотро дар вақти дилхоҳ ба шахси сеюм фурӯшад.

### Тобеият ба интернет

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Тобеият ба интернет** – пайвастшавӣ ба интернет буда, аксарияти вақтро ба пайвастагӣ сарф кардан аст.

Пайвастшавӣ ба интернет имрӯзҳо муаммои ҷиддитарин дар ҷаҳон шуда монд. Тавассути интернет, ки воситаи алоқаи ҷолиб аст, имконияти дӯстёбӣ афзуд. Ҷавонон ва наврасон ба туфайли бозиҳои компютерӣ вақти холии худро мегузарондагӣ шуданд. Аксарият муддати зиёд видеоҳои интернетӣ ва маълумотҳои нодаркориро тамошо мекардагӣ шуданд. Онҳо ҳатто вақти ба интернет ҷудо кардаашонро дарк намекунанд. Ин аввалин нишонаҳои ҳодисаи вобастагӣ ба интернет аст. Дар оянда барои пеш наомадан ба мушкилотҳо вақти интернетро маҳдуд кардан мувофиқ аст.

**Дар зер тобеият ба интернет, таъсири манфии он ба рӯҳият ва рафтори инсон нишон дода шуда, роҳҳои чӣ гуна бартараф кардани ин оқибатҳои манфӣ оварда шудааст:**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| Таъсирии манфии интернет | Роҳҳои бартараф кардани тобеият ба интернет |
|---|---|
| Вақти беҳуда ба интернет сарф шударо аз волидон ва наздикон пинҳон доштан, дар натиҷа дурӯғ гап задан. | Вақти дар интернет гузарондаро мунтазам ба мушоҳида гарифтан. |
| Ба воқеаҳои атроф дар муносибати лоқайдӣ будан, танҳо дар олами виртуалӣ андеша кардан. | Вақти холиро дар ҳавои тоза гузарондан, бо варзиш машғул шудан, китобҳои шавқоварро хондан. |
| Аз мулоқот бо дигарон гурехтан, ба ҷойҳои ҷамоавӣ нарафтан, бо дӯстон ва наздикон кам дар алоқа шудан ё ки дар алоқа нашудан, ба аз онҳо дуртар шудан ҳаракат кардан. | Бо ҳамсинфон, хешовандон ва дӯстон ба мулоқоти ҳақиқӣ бисёртар вақт ҷудо кардан, аз интернет камтар истифода кардан. |
| Тағйир ёфтани муносибатҳои оилавӣ, падару-модарон, дар байни наздикон пайдо шудани низоъҳо. | Дар корҳои рӯзгордорӣ ба волидон ёрӣ расондан, бо наздикон бозиҳои шавқовар бозӣ кардан. |
| Дар натиҷаи ба ҷои иҷро кардани вазифаи хонагӣ бозиҳои онлайниро бозӣ кардан, вақтҳои холиро дар сайтҳои нодаркор ё ки суҳбатҳо гузарондан пас шудани меъёри баҳоҳои азхудкунӣ. | Аз интернет танҳо барои гирифтани маълумотҳои фоиданок ва зарурӣ истифода кардан. Аз вақт самаранок истифода карда, тартиби рӯзро офаридан ва ба он риоя кардан. |

**Бозиҳои компютерӣ**

Бозиҳои электронӣ ба ҳаракат асоснок карда шуда, ҳаракати ҳар як бозингар ба рафти бозӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, ба бозӣ дил мондан нисбати ба хондани китоб ошно шудан осон ва тез рӯй медиҳад. Баъзе бозингарон дар ҳолати аз ёд баровардани меъёр ба бозӣ аз ҳад зиёд дил мемонанд, ин гуна ҳолат бошад ба бозӣ тобеъиро мебарорад. Ба ин гуна "Бозингар"-ҳо сари вақт ёрӣ расондан зарур аст. Пеш аз ҳама, ин танҳо як бозии виртуалӣ ва аз ҳақиқат хеле дур буданашро фаромӯш накарданамон зарур аст. Ҳеҷ кас суперқаҳрамон ё пойгачии ҷасур нест. Бозингар дар бозии виртуалӣ ғолиб бroom баромаданаш, дар асл бошад мошин ронданро умуман надонистанаш мумкин аст.

**Ҳангоми истифода аз интернет ба қоидаҳои бехатарӣ риоя кунед:**

1. Маълумотҳои шахсиатонро ба интернет ҷойгир накунед;
2. Ба ҷои расм аз аватар истифода баред;
3. Ба сайтҳои шубҳанок ворид нашавед;
4. Танҳо бо одамоне, ки шинос ҳастанд муошират кунед;
5. Бе нишон додани манбаъ (муаллиф ё сайт)-и ахборот нусхабардорӣ накунед;
6. Ҳангоми муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамеша ба боахлоқ шудан ҳаракат кунед;
7. Аз номи дигарон хабар нанависед, пароли дигаронро вайрон накунед;
8. Ҳангоми кор каданатон дар интернет ё ки компютер баъд аз тамом кардани кор аз қисми "History"-и браузер рӯйхати сайтҳои ташриф кардаатонро нест кунед;
9. Дар интернет беназорат аз гузарондани бисёр вақт худдорӣ намоед, бо корҳои бефоида машғул нашавед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

**1. Таъсирҳои манфии интернет.**

Ба ҷуфтҳо тақсим шавед. Дар асоси ишораҳои тобеӣ ҳамсинфатон ба интернет пайваст шудааст ё ки нашудааст аниқ кунед. Боз кадом хулқу атворҳо ба интернет тобеъ шуданро нишон медиҳад?

**2. Муаммоҳои ба интернет пайвастшавиро бартараф кардан.**

Барои аз ин ҳолат баромадан ба ҳамсинфатон чӣ гуна тавсияҳо медиҳед? Тавсияҳоятонро нависед.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Барои чӣ ҷавонон аз интернет истифода карданро дӯст медоранд?
2. Хавфу хатарҳои интернетӣ гуфта чиро мефаҳмед?
3. Дар интернет чӣ гуна хавфу хатарҳо мавҷуд?
4. Оё маълумотҳои дар интернет буда боваринок аст? Барои чӣ?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

Дар зер маълумотҳои профилҳои ду корбари сабти номшуда дар шабакаи иҷтимоӣ оварда шудааст. Бо онҳо шинос шуда, намоиши ин маълумотҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ то чӣ андоза дақиқ ҳастанд, таҳлил кунед.

**Маълумотҳои профили истифодабарандаи 1**



Ман, Лола Асилова, 11-солаам. Дар шаҳри Тошканд зиндагӣ мекунам. Дар яке аз ҳавлиҳои маҳаллаи Ракати ноҳияи Яккасаройи шаҳри Тошканд бо падару модар, бародар ва хоҳарам меистам. Ман дар мактаби 443 мехонам. Орзуи ман дизайнер-стилисти хуб шудан аст. То имрӯз якчанд вариантҳои мӯдро офаридаам, онҳоро дар сайти шахсиям диданатон мумкин: www.dizaynerlola.com. Ғайр аз соҳаи дизайнерӣ ва мӯд бо дугонаҳоям сайр карданро хуб мебинам. Ба ман байни дугонаҳоям аз ҳама наздиконаш - Санобар ва Комила.Санобар ҳаммаҳаллаам, вай низ ман барин 11 сола аст. Дар вақтҳои холиамон мо ба боғи Бобур барои велосипедронӣ рафта меистем. Суроғаи почтаи электрониам: lolaasilova@gmail.com; рақами телефонам: +99897 777 77 77.

**Маълумотҳои профили истифодабарандаи 2**



Ба ҳама салом! Ман дар шаҳри Тошканд дар яке аз мактабҳои умумтаълим мехонам. Ба ман суратҳои автомошинаҳоро ҷамъ кардан, вақтҳои холиамро бо спорт гузарондан маъқул аст. Яке аз орзуҳоям муҳандиси хуб шудан аст. Ин соҳа ба ман машғулот ҳам гӯям мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| Ҷадвали таҳлили маълумоти профил | |
|---|---|
| ____ – маълумотҳои профили корбар | |
| Маълумотҳое, ки имкони рӯшаниандозиро дар профили онлайнӣ доранд. | Таҳлил кардани ҷиҳатҳои фоиданок ва хатарноки ошкор кардани маълумотҳо. |
| Номаш<br>Ҳа ☐ Не ☐ | Агар номаш нишон дода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред.<br>Агар номаш нишон надода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред. |
| Ҷинсаш<br>Ҳа ☐ Не ☐ | Агар ҷинсаш нишон надода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред. |
| Сонну солаш<br>Ҳа ☐ Не ☐ | Агар синну солаш нишон дода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред.<br>Агар синну солаш нишон надода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред. |
| Мактабаш<br>Ҳа ☐ Не ☐ | Агар мактабаш нишон дода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред.<br>Агар мактабаш нишон надода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред. |
| Машғулоти дӯстдоштааш<br>Ҳа ☐ Не ☐ | Агар машғулоти дӯстдоштааш нишон дода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред.<br>Агар машғулоти дӯстдоштааш нишон надода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред. |
| Рақами телефони мобилӣ<br>Ҳа ☐ Не ☐ | Агар рақами телефони мобилӣ нишон дода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред.<br>Агар рақами телефони мобилӣ нишон надода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Мисол оред. |
| Суроғаи почтаи электронӣ<br>Ҳа ☐ Не ☐ | Агар суроғаи почтаи электронӣ нишон дода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Барои кӣ? Мисол оред.<br>Агар суроғаи почтаи электронӣ нишон дода шуда бошад, ин дар кадом ҳолатҳо фоиданок ё ки хатарнок аст? Барои кӣ? Мисол оред. |

Маълумоти ҳарду профили корбарро мувофиқи ҷадвали дар боло овардашуда таҳлил кунед ва хулоса бароред.

Ба фикри шумо, ҳангоми сӯҳбат дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо дӯстон боз ба чиҳо эътибор додан ва дар бораи чиҳо сукут варзидан лозим аст, гӯед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# БОБИ IV.
# КОР БО ФАЙЛҲОИ АУДИОӢ ВА ВИДЕОӢ

**МАҚСАДИ ОМӮЗИШ**

Дар ин боб шумо:

- иттилооти аудиоӣ ва форматҳои он;
- шаклҳои аналогӣ, дискретӣ ва рақамии иттилооти аудио;
- иттилооти видеоӣ ва форматҳои он;
- мафҳумҳои кодеки аудио ва видеоро

меомӯзед.

**МАҲОРАТ**

Шумо бо ёрии боб зеринҳоро дониста мегиред:

- сабти иттилооти аудиоӣ;
- сабти иттилооти видеоӣ;
- кор бо иҷрои дастурҳои файлҳои аудиоӣ ва видеоӣ;
- тағйири форматҳои файлҳои аудиоӣ (конвертатсия кардан);
- тағйири форматҳои файлҳои видеоӣ (конвертатсия кардан);
- (табдил додан).

**ВОСИТАҲО**

123apps.com

Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 24. ДАСТУРҲОИ ИДОРАКУНАНДАИ АУДИО ВА ВИДЕОФАЙЛҲО

Сабти аудиоӣ ва видеоӣ, таҳрири онҳо на танҳо навозандагони касбӣ, овозхонҳо, балки ҳаваскоронро низ ба худ ҷалб мекунад. Танҳо дастурҳои содда ва оддӣ ба рӯзноманигорон, донишомӯзон, донишҷӯён ва ҳаваскорон барои сабт ва таҳрир кардани аудио ва видеоҳо ёрӣ доданаш мумкин аст. Барои сабти овози шахсӣ ё эскизи садоӣ якчанд функсияҳои таъминоти барномаҳои замонавӣ зарур мешавад. Барои офаридани ягон кори лоиҳа натанҳо аз ахбороти матндор, балки истифода аз ахбороти мултимедиалии гуногун сифати онро меафзояд.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Аудио** (лотинӣ шунидан) – садои сабтшуда, система ва технологияи коркарди садо ва овоз.

**Кадр** (фр. cadre — кадр) — қисми филм ё пайдарпаии видео, тасвири алоҳида.

**Фотокадр** (чорчӯбаи акс) – тасвири суратгирии ягонаи анҷом, манзара ва ва ғайра.

**Плейлист** (рӯйхати навозиш) – рӯйхати ба тарзи дилхоҳ чидашудаи аудио ва видеофайлҳо.

**Маълумоти аудиоӣ** – ахбороти овоздор бо ёрии ягон усули сабтшуда ва ё иҷрошаванда.

### Аудио ва видеофайлҳо

Иттилооти аудиоӣ дар форматҳои аналогӣ ва рақамӣ дастрас мешавад. Лаппиши садо дар ҳаво (хабари овоздор), яъне мавҷҳо - *шакли аналогии* иттилооти аудиоӣ номида мешаванд.

Пештар ахбори аудиоӣ дар шакли аналогӣ дар студияҳо, инчунин граммофонҳо ва ба воситаи магнитофонҳо иҷро карда мешуд.

Бо рушди компютерҳо сигналҳои садоӣ рақамӣ карда шуданд, яъне дар натиҷаи ивазшавии мавҷҳо бо маҷмӯи сигналҳои нуқтадор (импулс) *шакли дискретӣ* пайдо шуд.

Сипас, миқдори импулсҳо бо рамзҳои рақамӣ иваз карда шуда, дар натиҷа *шакли рақамии* иттилооти аудиоӣ ба вуҷуд омад.




| Шакли аналогӣ | Шакли дискретӣ | Шакли рақамӣ |
|---|---|---|

**Файли аудиоӣ** – файлест, ки дорои маълумоти аудиоӣ дар шакли рақамӣ мебошад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**Маълумоти видеоӣ** – тасвири объектҳои ҳаракаткунандаест, ки онҳоро бо ҳама гуна усул сабт ва иҷро кардан мумкин аст. Дар вақти намоиш дар экран фотокадрҳои алоҳидаи кинотасма якҷоя шуда, тасвирҳои ҳаракаткунандаро ҳосил мекунанд. Видеоахбороти шакли рақамӣ маҷмӯи аудиоахборот ва тасвирҳои электронӣ ҳисобида мешавад.

**Файли видеоӣ** – файли видеоахборотест, ки дар шакли рақамӣ бо ҳамҷоягии аудиоахборот сабт шудааст.

### Формати файлҳои аудио ва видео

**Формати аудиофайл** – усул ва хусусияти дар файл сабт кардани аудиоахбороти рақамӣ. Имрӯзҳо зиёда аз 40-то форматҳои аудиофайл мавҷуд буда, асоситарини онҳо дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

| Номи формати файл | Мухтасари файл | Номи формати файл | Мухтасари файл |
|---|---|---|---|
| WMA Audio | .wma | Free Lossless Audio Codec | .flac |
| WAVE Audio | .wav | MP2 Audio | .mp2 |
| MP3 Audio | .mp3 | OGG Vorbis Audio | .ogg |
| MIDI | .mid | Digital Theater Systems | .dts |
| MOD | .mod | AAC Audio | .aac |
| AC3 Audio | .ac3 | AIFF Audio | .aiff |

Номи формат ба сифати тафсилоти номи аудиофайл хизмат мекунад. Масалан, tor.mp3, musiqa.wma, music.mid.

Аудиоисабти рақамӣ метавонад аз якчанд канал иборат бошад: моно (1то канал), стерео (2-то канал), Dolby Digital (6 то канал) ва ғайра.

Формати WAV барои сабти баландсифати аудио истифода мешавад. Бо файлҳои форматҳои дигар дар муқоиса, файлҳои ин формат ҳаҷман калонтаранд. Ин гуна файлҳоро бо усули махсуси фишурдакунӣ андозаашро хурд кардан мумкин аст. Аммо, сифати аудио низ дар ҷараёни фишурдашавӣ коҳиш ёфтанаш мумкин аст.

MP3 – формати маъмултарин аст. Дар раванди табдил додани файл аз WAV ба MP3 андозаи файл хурд мешавад.

**Формати файли видеоӣ** – усул ва хусусиятҳои сабти иттилооти видеоии рақамӣ, ки бо иттилооти аудиоӣ ҳамроҳ мешавад. Номи формат ҳамчун мухтасари (тамдид) файли видео хизмат мекунад. Имрӯзҳо зиёда аз 70-то форматҳои видеофайлҳо мавҷуд буда асоситарини онҳо дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| Номи формати файл | Мухтасари файл | Номи формати файл | Мухтасари файл |
|---|---|---|---|
| Audio-Video Interleave | .avi | Flash Video | .flv |
| Moving Picture Experts Group - 4 | .mp4 | Shockwave Flash | .swf |
| Windows Media Video | .wmv | 3gp | .3gp |
| Moving Picture Experts Group | .mpeg | MOV | .mov |

Барои сабти аудио ва видеофайлҳо ғайр аз дастурҳо аз кодекҳо ҳам истифода мебаранд.

**Кодек** – дастури махсусест барои барқарории ҳаҷми асл ва ихтисораи аудио ё видео. Аудио ва видеокодекҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба аудиокодекҳо номи формати аудиофайл дода шудааст. Номи видеокодекҳо ба номи формат мувофиқ намеояд.

**Номҳои аудио ва видеокодекҳо**

Масалан, ҳангоми навиштан ва иҷро кардани видеофайлҳо, ҳамеша ҷуфти видео ва аудиокодек истифода мешавад. Форматҳои видеофайл аз кодекҳои ҷуфти гуногун истифода мебарад. Видеокодеки H.264 ва аудиокодеки MP3 дар формати видеофайли машҳури AVI кор фармуда шуданаш мумкин аст. Ҷуфти видеокодеки MPEG4 ва аудиокодеки AC3, ҷуфти видеокодеки XviD ва аудиокодеки MP3 барин комбинатсияҳои дигар ҳам мавҷуданд.

| Кодекҳои аудиоӣ | Кодекҳои видеоӣ |
|---|---|
| MP3 | H.264 |
| WMA | DivX |
| Ogg Vorbis | Xvid |
| AC3 | MPEG-4 |

**Навистани аудио ва видеоахборотҳо**

Барои навишти аудиоахборотҳо дар смартфон тавассути микрофон дастуроти диктафони махсус кор фармуда мешавад(1). Барои сабти видеоахборотҳо бошад, иловаи «Камера» васеъ истифода мегардад(2). Ҳамчунин, дар фотоапаратҳои рақамӣ ҳам ана ҳамин режимҳо мавҷуданд. Барои навистани аудио ва видеоахборотҳо дар компютерҳои шахсӣ дастгоҳи микрофон ва ҳам вебкамера бояд бошад. Дар нотбукҳо бошад, микрофон ва вебкамера дар худаш ҷойгир карда шудааст.

1




2



Офаридани аудио ва видеофайлҳо ё ки барои коркарди онҳо дастурҳои махсус зарур мешавад. Дар замони ҳозира намуди ин гуна дастурҳо хеле зиёданд. Бо баъзе аз онҳо шинос шуда мебароем.

**Audacity (http://audacity-free.ru/)** – воситаи ройгон барои сабти овоз ва таҳрири он мебошад. Бо ёрии дастур ҳама гуна амалҳои марбут ба  овозро иҷро кардан мумкин аст. Дар Audacity бо офаридани аудиоахборотҳо ё файлҳои тайёри MP3 кор кардан мумкин аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Free Audio Recorder (http://www.freeaudiorecorder.net)** – дастури ройгон барои навишт ва таҳрири овоз. Дастури соддаест, ки имконияҳои мураккаби функсионалӣ надорад.

**123Apps (https://123apps.com/)** – вебсайти онлайнӣ, ки имконияти файлҳои аудио ва видеоиро зуд ва ба осонӣ эҷод ва таҳрир кардан дорад.

Бо истифода аз **123Apps** амалҳои зеринро иҷро кардан мумкин аст:

- Audio Cutter (http://mp3cut.net/) – буридани аудиофайл;
- Audio Converter (http://online-audio-converter.com/) – табдил додани файлҳои аудиоӣ онлайнӣ аз як формат ба формати дигар;
- Audio Joiner (http://audio-joiner.com/) – якҷоякунандаи якчанд аудиофайл дар як файл;
- Video Converter (http://convert-video-online.com/) – табдил додани файлҳои видеоӣ аз як формат ба дигар;
- Video Cutter (http://online-video-cutter.com/) – буридани як қисми видео;
- Voice Recorder (http://online-voice-recorder.com/) - сабти овоз бо истифода аз микрофон;
- Video Recorder (http://webcamera.io/) – бо истифода аз вебкамера сабти видео.

**Барои сабти садо тавассути микрофон дар компютер, ба сайти 123apps.com ворид мешаванд:**

1) гузаштан ба бахши сабт. Барои ин:

**Усули 1.** Аз қатори менюҳо “Audio Tools” → “Voice Recorder” интихоб карда мешавад(1).

**Усули 2.** Тавассути мушакча ба поёни саҳифа фуромада шуда, аз таркиби “Audio Tools” “Voice Recorder” интихоб мегардад(2).







2) барои сабти овоз мушакча дар болои расми микрофон пахш карда мешавад(3). Сипас, ҷумлаҳои зарурӣ бо овоз хонда мешавад;




3) барои истондани ҷараён дар вақти сабти овоз тугмачаи “Pause” (4) пахш карда мешавад. Пас аз он тугмачаро пахш карда, ба воситаи он равандро идома додан мумкин аст. Дар раванди сабти садо пас аз анҷоми кор тугмачаи “Stop” (5) пахш карда мешавад;




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



4) овози сабтшударо бо истифода аз тугмачаи "Play" (6) гӯш кардан мумкин аст. Барои гирифта партофтани саршавӣ ва қисмҳои холии охири овози сабтшуда бо ёрии мушакча ду қисми канорӣ (7) давонда шуда, қисми зарурӣ гузошта мешавад.




5) барои нигоҳ доштани овози сабтшуда тугмачаи “Save” (8) пахш карда мешавад.

6) барои хотима додани ҷараёни сабти овоз тугмачаи баст (×) зер карда мешавад (9). Дар оинача саволи “оё ҷараёни таҳрирро анҷом медиҳед?” мебарояд, барои тасдиқи он “Yes”, дар ҳоли баръакс тугмачаи “Cancel” пахш карда мешавад.

**Аз барномаи стандартӣ дар системаи оператсионии дар компютер насбшуда барои сабти садо низ истифода бурдан мумкин аст. Масалан, ҳангоми сабт дар Windows 7:**

1) нишондоди “Пуск” → “Все программы” → “Стандартные” → “Звукозапись” пайдарпай иҷро шуда дастур ба кор даровърда мешавад;

2) барои сабти овоз тугмачаҳои “Начать запись” ё ки тугмачаҳои “Alt+S” пахш карда мешавад;

3) пас аз ба дараҷаи кофӣ сабт шудани маълумот тугмачаи  “Остановить запись” ё тугмачаҳои “Alt+S” пахш карда мешаванд.

### Иҷро кардани аудио ва видеофайлҳо

Барои иҷро кардани аудиофайлҳо дастури махсус – аудиоплеер кор карда баровърда шудааст.

**Mediaplayer** – дастуре, ки ҳам аудио ҳам видеофайлро иҷро мекунад. Дар замони ҳозира барои компютер якчанд дастурҳои аудио ва медиаплеер кор карда баровърда шудаанд.

**KMPlayer** – дар замони ҳозира барои Windows  яке аз плеерҳои мултимедаи қудратнок аст. Якчанд эффектҳои визуалӣ ва садоро дар бар мегирад. Имкони босуръат иҷро кардани видеоклипҳо ва ҳам равшансозии тасвирҳоро медиҳад. Дар он имконияти гирифтани скриншот, сабти аудио ва видео мавҷуданд.

**Winamp** – дастури ёрирасон барои иҷро кардани файлҳои гуногуни мултимедиа мебошад, ки дар муддати солҳо аз санҷиш гузаштаанд. Якчанд қобиқ (зина)-ҳое дорад, ки ба корбар имкони тағйир додани интерфейсро медиҳад. Воситаи сабти маълумотҳо дар дискҳои оптикӣ дорад.

**Плеери медиаи AIMP ба бемалол шунидани ҳама гуна формати оҳангҳо** (WAV, FLAC, MP3, OGG, CDA ва ғ.) имкон медиҳад. Дар он функсияҳои сабти овоз ва аз нав номгӯ кардани мусиқаҳо мавҷуд буда, онҳоро дар плеерҳои машҳури дигар ёфтан мушкил аст. Бо ёрии он плейлистҳои аз шеърҳои дӯстдошта таркибёфтаро ҳам офаридан мумкин аст.

**Windows Media Player** – медиаплеери стандартӣ, ки ба системаи оператсионии Microsoft ворид карда шудааст. MP3, AAC, WAV, AIFF, FLAC, APE, WMA, WMV, MP4, M4A ва ҳоказоҳоро қувват мебахшад. Ба тез иҷро кардани рӯйхати калони аудиоҳои дӯстдошта имкон медиҳад. Дастур аз вебсайти расмии Microsoft ба таври мунтазам нав карда шуда меистад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Дар дастури Windows Media Player аудио ва видеоро иҷро кардан**

Windows Media Player як қисми стандартии системаи амалиётии дар компютер насбшуда буда, барои ба кор даровардани он:

1) пайдарпайии “Пуск” – “Все программы” – “Стандартные” – “Windows Media Player” иҷро карда мешавад;

2) барои рӯйбардор кардани аудио ё видеоахбор:

(а) “Музыка” (1) ё "Видео" (2) интихоб мегардад. Маълумоти аудио ё видео бо мушак даст гирифта шуда, ба ҷои файлҳои дар мобайн истода интиқол карда мешавад;

(б) “Упорядочить” (3) – "Управление библиотеками" – "Фонотека" ё "Видео" интихоб мегардад. Тавассути тугмачаи “Добавить” аудио ё видеофайл рӯйбардор карда мешавад.

3) барои иҷро кардани аудио ё видео файл интихоб карда шуда, тугмачаи “Play” пахш мегардад(4) ва барои истондан аз тугмачаи “Pause”-и дар ҷои ҳамон тугмача истода истифода карда мешавад;

4) программа имкон медиҳад, ки ба кадри пештара баргардед (5) ва ба кадри оянда (6) гузаред;

5) бо ёрии тугмачаи идора кардани овоз (7) амали паст ё баланд кардани он иҷро карда мешавад.

6) инчунин имконияти такрории файл (8) ё иҷрои файли тасодуфӣ (9) мавҷуд аст.




Тугмачаи рости мушакро дар болои аудио ё ки видеоахбор пахш карда, тавассути «Открыть с помощью” – “Проигрыватель Windows Media» ҳам амалро иҷро кардан мумкин аст.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ**

1. Тавассути браузер ба сайти 123apps.com ворид шавед ва ба саҳифаи сабти аудио гузаред.
2. Шеъри охиринеро, ки дар дарси адабиёт аз ёд карда будед, бо овози баланд хонед ва дар файли аудио сабт кунед.
3. Файли аудиоии сабтшударо дар ҷузвдони компютери худ маҳфуз доред.
4. Аудиои шеъри азёдкардаатонро бо истифода аз Windows Media Player гӯш кунед.

**САВОЛ ВА СУПОРИШОТ**

1. Маълумоти аудиоӣ чист?
2. Маълумоти видеоӣ чист?
3. Шакли рақамии иттилооти аудиоӣ гуфта чиро дар назар доред?
4. Формати файли аудио чӣ гуна буда метавонад?
5. Форматҳои видеофайл чӣ гуна буда метавонанд?

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

1. Иловаи “Камера”-и смартфонатонро ба кор дароред ва видеоахбори овоздор тайёр кунед.
2. Барои тайёр кардани видеоахбор ба сифати рӯзноманигор хона, маҳалла, деҳа ё ягон манзараро ба навор гирифта онро бо овозатон тасвир кунед.
3. Видеофайли худро тавассути “Windows Media Player” тамошо кунед.

# ДАРСИ 25. ТАҒЙИР ДОДАНИ ФОРМАТИ АУДИО ВА ВИДЕОФАЙЛҲО

Барои шунидан ва дидани аудио ё видеофайлҳои аз интернет рӯйбардор карда шуда, қисми заруриро бурида гирифтан ё дар намуди тақдимот ба лоиҳа ҷойгир намудан дастурҳои аудио ё ки видеомуҳаррир зарур мешаванд. Бо ёрии дастурҳои аудио ё видеомуҳаррир аудио ё видеофайлро аз як формат ба формати дигар гузаронда, онҳоро таҳрир кардан мумкин аст.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Bitrate** (суръати бит) – миқдори битҳои дар навишти дуӣ дар як сония содир шавандаи амали иҷро мебошанд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Ду намуди аз нав коркарди файлҳои аудио вуҷуд дорад: таҳрир ва табдил.**

**Таҳрири файли аудиоӣ** - раванди табдили аудио мебошад. Ин раванд аз буридан, ҷойгир кардан, нест кардан ва якҷоя кардани қисмҳои фрагментҳо номдоштаи аудиофайлҳо иборат аст. Инчунин, таҳриркунӣ татбиқи эффектҳои овозро ба ҳамаи аудиоахборҳо ва қисмҳои онҳо дарбар мегирад.

Барои таҳрир кардани аудиофайлҳо аз дастурҳои аудиомуҳаррири дар дарсҳои пешин аз назар гузаронда шуда, истифода бурда мешавад.

Табдилдиҳии файли аудиоӣ - раванди табдил додани формати файли аудио мебошад.

Чаро файли аудиоиро табдил додан зарур аст?

Фарз кардем, ки аудиои аз интернет гирифта шударо ба тақдимот мондан зарур аст, аммо муҳаррири тақдимот ин намуди формати аудиофайлро қабул намекунад. Дар ин ҳолат зарурияти тағйир додани формати файл пайдо мешавад. Муҳаррирони аудио инчунин барои табдил додани файлҳои аудиоӣ истифода мешаванд. Муҳаррирони аудио ба нигоҳ доштани формати гуногуни аудиофайлҳо  имкон медиҳанд. Пас, барои табдилдиҳӣ аудиофайлро ба як формат рӯйбардор карда гирифтан, сипас дар дигараш нигоҳ доштан кифоя аст.

Параметри асосии сифати аудиои рақамӣ ва видеосабтҳо Bitrate номида мешавад. Bitrate дар сония бо килобит (кбит/с ё кбпс) чен карда мешавад.  Bitrate  ҳар қадар баланд бошад сифати навишт ҳам, ҳаҷми файл ҳам ҳамон қадар калон мешавад.

Муносибати байни сифати аудиосабтҳои дуканалаи формати MP3 ва Bitrate:

32 кбпс - сифати сабт дар диктофон;

96 кбпс - сабти садои пастсифат тавассути каналҳои алоқа;

192 кбпс - сатҳи сифати мақбул барои навиштани мусиқӣ;

256 кбпс - сифати баланд барои навиштани мусиқӣ;

320 кбпс - сифати баландтарини аудио мебошад, ки дар формати MP3 дастгирӣ мешавад.

### Табдил додани файли аудио

Барои табдил додани формати аудиофайл ба сайти **123apps.com** ворид мешаванд.

1. Барои гузаштан ба бахши табдилдиҳӣ:

**Усули 1.** Аз қатори менюҳо “Converters” → “Audio Converter” интихоб мегардад (1);




**Усули 2.** Ба воситаи мушакча ба поёни саҳифа фаромада мешавад ва аз таркиби “Converters” сабти “Audio Converter” интихоб мегардад (2);

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





2. Файли табдилшаванда тавассути “Open files” рӯйбардор карда мешавад(3).

3. Формати файли интиқолшаванда интихоб карда мешавад(4).

4. Сифати файл дар лентаи “Quality” тағйир дода мешавад(5).

5. Барои дидан ва ҳам тағйир додани дастгоҳҳои асосӣ, “Advanced settings” интихоб мегардад (6). Дар оиначаи ҳослшуда “Bitrate”, канал ва ғайраҳо тағйир дода шуданаш мумкин аст (7).

6. Бо ёрии “Edit track info” номи файли зерин, номи албом, сол ва дигар маълумотҳо ворид карда мешаванд (8).




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






7. Вақте ки ҳамаи амалиётҳо анҷом меёбанд, тугмачаи “Convert” пахш карда мешавад (9). Тавассути оинаачаи “Conversion complete” бо ёрии гипперҳаволаи "Download" файл ба компютер рӯйбардор карда мешавад (10);

8. Барои табдил додани файли нав дар болои ҳаволаи “Convert another file” пахш карда мешавад.

**Табдил додани видеофайл**

Барои табдил додани формати видеофайл ба сайти 123apps.com ворид мешаванд:

1. Барои гузаштан ба бахши табдилдиҳӣ:

**Усули 1.** Аз қатори менюҳо “Converters” → “Video Converter” интихоб мегардад (1).




**Усули 2.** Ба воситаи мушакча ба поёни саҳифа фуромада мешавад ва аз таркиби “Converters” ҳаволачаи “Video Converter” интихоб мегардад (2).




2. Файли табдилшаванда тавассути “Open files” рӯйбардор карда мешавад (3).
3. Формати файли интиқолшаванда интихоб мегардад (4).
4. Андозаи тасвири видео тавассути қисми “Resolution” тағйир дода мешавад (5).

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



5. Барои дидан ва ҳам тағйир додани дастгоҳҳои асосӣ "Settings" интихоб мегардад (6). Дар оиначаи ҳасилшуда аудио ва видеокодек, ҳаҷм ва ғайраҳо тағйир дода шуданаш мумкин аст (7).




6. Вақте ки ҳамаи амалҳо анҷом меёбанд, тугмачаи "Convert" пахш карда мешавад (8). Тавассути оиначаи "Conversion complete" бо ёрии гиперҳаволаи "Download" файл ба компютер рӯйбардор карда мешавад (9).

7. Барои табдил додани файли нав, гиперҳаволаи "Convert another file" пахш карда мешавад (10).




## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Тавассути браузер ба манзили 123apps.com ворид шавед.
2. Ба саҳифаи "Audio Converter" – и сайти 123apps.com гузаред.
3. Аз дарсҳои пештара барои кори лоиҳа аудио (масалан, шеъри Самарқанд)-и аз интернет рӯйбардоршударо ба сайт кӯчонда гиред.
4. Форматро ба mp3 ё формати дигар табдил диҳед ва тағйиротҳои "Advanced Settings"-ро дар дафтаратон нависта равед.
5. Файли формати навро ба компютери худ кӯчонда гиред.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**САВОЛ ВА СУПОРИШОТ**

1. Аудиокодек чист?
2. Видеокодек чист?
3. Битрейт чист ва он барои чӣ зарур аст?
4. Формати аудиофайлро чӣ гуна тағйир додан мумкин?
5. Формати видеофайлро чӣ гуна тағйир додан мумкин?
6. Таҳрири аудиофайл гуфта чиро мегӯянд?

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

1. Тавассути браузер ба манзили 123apps.com ворид шавед.
2. Ба саҳифаи "Video Converter" – и сайти 123apps.com гузаред.
3. Аз дарсҳои пештара барои кори лоиҳа видеои аз интернет рӯйбардоршударо ба сайт кӯчонда гиред.
4. Форматро ба mp4 ё формати дигар табдил диҳед ва тағйиротҳои "Settings"-ро дар дафтаратон нависта равед.
5. Файли формати навро ба компютери худ кӯчонда гиред.

# ДАРСИ 26. КОРИ НАЗОРАТӢ

**1. Мувофиқати вазифаҳои менюи дастгоҳҳои браузери Google Chrome-ро ёбед.**

| Номҳои фармон | | Вазифаҳояшон |
|---|---|---|
| New tab | | масштаби саҳифаро тағйир додан |
| History | | саҳифаҳои рӯйбардошуда ё файлҳоро дидан |
| Downloads | | таърихи вебсаҳифаҳои рӯйбардоршударо дидан |
| Zoom | | аз вебсаҳифа матни заруриро ҷустан |
| Print | | қисми интихобшудаи саҳифаро дар ҳуҷҷати матндор барои нусхабардорӣ гузоштан |
| Find | | кушодани вебсаҳифаи нав |
| Copy | | нашр кардани вебсаҳифа |

**2. Тағйир додани формати файлҳои аудио ё видео гуфта чиро мефаҳмед?**

Ҷавоб ба таври хаттӣ дода мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**3. Аз додашудаҳо кадомашон сохтори ҷустуҷӯӣ ҳисобида мешаванд?**

https://www.facebook.com/;

https://www.google.com/;

https://www.instagram.com/;

http://www.bing.com/;

http://www.info.uz/;

https://www.yahoo.ru/;

https://www.kiddle.co/.

**4. Қатори дуруст нишон дода шудаи суроғаи почтаи электрониро нишон диҳед:**

А) info@gmail.com;

Б) info@gmail;

В) infor#gmail.com;

Г) info xat@gmail.com.

**5. Қонун «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои ҳаммонанд» дар таҳрири нав кай қабул шудааст?**

А) 20-уми июни соли 2005;

Б) 20-уми июли соли 2006;

В) 22-юми июни соли 2006;

Г) 22-юми июни соли 2005.

**6. Литсензияи Creative Commons аз чанд хел ташкил ёфтааст?**

А) 6 хел;

Б) 4 хел;

В) 5 хел;

Г) 2 хел.

**7. Fishing чист?**

А) тавсия ба зараррасонӣ;

Б) поймол кардани ҳуқуқҳои инсонӣ;

В) пулдуздӣ, фиребгарӣ;

Г) бехатарии ҳаёти шахсӣ.

**8. Кодек чист?**

А) дастури махсус барои барқарори ҳаҷми асл ва ихтисори аудио ё видеофайл;

Б) дастури махсус барои офаридан ё ороиш додани аудио ё видеофайлҳо;

В) дастури махсус барои иҷро кардани аудиофайлҳо;

Г) дастури иҷрокунандаи ҳам аудио ҳам видео.

**9. Сохтори ҷустуҷӯӣ барои кӯдакон пешбинишударо нишон диҳед:**

А) https://www.kiddle.co/;

Б) https://www.yahoo.ru/;

В) http://www.info.uz/;

Г) http://www.bing.com/.

**10. Creative Commons чанд хел намудҳои литсензияи комбинатсионӣ дорад?**

А) 6 хел;

Б) 4 хел;

В) 5 хел;

Г) 2 хел.

**11. Истифода аз асар бе нишон додани муаллифи он, яъне тағйир додани ҳуқуқи муаллифӣ чӣ ном дорад?**

А) плагиат;

Б) ҳуқуқи муаллифӣ;

В) кор бо ахбор;

Г) литсензияи ҳуқуқи муаллифӣ.

**12 Вобаста шудан ба интернет, аксар қисми вақтро дар интернет гузарондан чӣ ном дорад?**

А) Fishing;

Б) Gruming;

В) Офаридани профил;

Г) Тобеӣ ба интернет.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# БОБИ V.
# ТЕХНОЛОГИЯИ ОФАРИДАНИ ТАҚДИМОТ

**МАҚСАДИ ОМӮЗИШ**

Шумо дар ин боб:

- дар компютерҳо офаридани дастурҳои тақдимот;
- имконият ва интерфейси дастури MS PowerPoint;
- формат кардани слайдҳои тақдимот;
- тартиби ҷойгир кардани объектҳо дар слайдҳо;
- имкониятҳои иловагии дастури MS PowerPoint-ро донистa мегиред.

**МАҲОРАТ**

Шумо бо ёрии боб:

- дизайни тақдимотро интихоб намудан;
- ба слайдҳо матн ворид кардан ва онҳоро формат намудан;
- ба слайдҳо шакл, расм, ҷадвал ва диаграммаҳо ҷойгир намудан;
- ба слайдҳо мусиқа ва видео ҷойгир кардан;
- дар офаридани тақдимотҳо аз гипермуроҷиатҳо истифода кардан;
- ба тақдимот аниматсияҳо ва эффектҳои гузариш ҷойгир карданро донистa мегиред.

**ВОСИТАҲО**

MS PowerPoint

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 27. ИНТЕРФЕЙС ВА ИМКОНИЯТИ ОФАРИДАНИ ДАСТУРҲОИ ТАҚДИМОТҲО ДАР КОМПЮТЕР

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Макет –** маҷмӯи қисмҳои махсус барои ворид кардани ахборот дар намудҳои гуногун мебошад.

**Инфографика –** бо объектҳои графикӣ ва матнӣ тасвир ёфтани ягон чараён, объект, ҳодиса мебошад.

Дар ҳаёти рӯзмарра бо истилоҳи «тақдимот» бисёр дучор меоем. Ба тариқи мисол, тақдимоти кинофилми нав ё спектакл, тақдимоти ягон маҳсулоти нав ё хидмат, тақдимоти асар ва китобҳои олимони ягон соҳа барин бисёр ҷумлаҳоро овардан мумкин аст. Бахусус, ҷамъияти бо технологияҳои рақамӣ рушд ёфта истодаамонро бе тақдимотҳои компютерӣ тасаввур кардан хеле мушкил аст. Вазифаи тақдимот дар шунаванда аз бедор кардани завқ нисбат ба чараён ё предмети тасвиршаванда иборат аст.

**Се зинаи асосии ташкили босамари тақдимот вуҷуд дорад:**

- ҷамъ кардани маълумотҳо доир ба мавзӯи тақдимот;
- тайёр кардани тақдимоти дорои дизайни инфографикии бенуқс;
- бо маҳорат намоиш додани тақдимоти тайёршуда.

**Тақдимот –** усулест, ки бо ёрии воситаҳои техникӣ ё бе иштироки онҳо ба намоиш додани кадом як чизи нав (предмет, чараён) равона карда шудааст. Бомуваффақият ташкил кардани тақдимот ба усули намоиш ва дизайни он вобаста аст. Истифодаи бевоситаи компютер ба ҳосил кардани тасаввуроти пурра дар хусуси объекти офарида шудани тақдимот имконият медиҳад.

**Истилоҳи** тақдимот аз калимаи лотинии *praesentatio* гирифта шуда, маънои "тақдим кардан"-ро мефаҳмонад. Дар ҷадвал барои офаридани тақдимот аз дастурҳои машҳури истифодашаванда намунаҳо оварда шудаанд:

| № | Номи дастур | Логотип |
|---|---|---|
| 1. | MS PowerPoint (ба таркиби пакети Mikrosoft Office дохил мешавад) | |
| 2. | Prezi Classic Desktop | Prezi |
| 3. | Keynote | |
| 4. | ProShow Producer | |
| 5 | Focusky | Fs |

Миқдори истифодабарандагон аз дастури MS PowerPoint аз миқдори корбарони дигар дастурҳо хеле зиёд мебошанд. Дастури MS PowerPoint дар соли 1987 барои компютерҳои Apple Macintosh кор карда баровarда шуда, муаллифони дастур Роберт Гаскинс ва Деннис Остин ҳисобида мешаванд. Дастур дар вақти аввали кор карда баровarда шуданаш ба имконияти офаридани тақдимот фақат дар формати сиёҳу сафед соҳиб

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


будааст ва ҳам бо номи “Prezenter” номбар шудааст. Дастур ҳанӯз дар соли кор карда бароварда шуданаш аз ҷониби компанияи Microsoft харида шудааст ва дар соли 1990 ба таркиби пакети Microsoft Office ворид карда шудааст.

## Имкониятҳои асосии дастури MS PowerPoint

- офаридани тақдимоти компютерӣ;
- аз нав коркарди тақдимоти компютерӣ;
- ба тақдимоти компютерӣ эффектҳои махсус гузоштан ва дуруст кардани онҳо
- намоиш додани тақдимоти компютерӣ
- сабт кардани тақдимоти компютерӣ ва чоп кардани онҳо

## МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ

**Тақдимоти компютерӣ** – ҳуҷҷати электронии дар дастури компютер офаридашудае, ки барои ба шунавандагон намоиш кардани ахборот хизмат мерасонад. Одатан, тақдимоти компютерӣ аз ҷамъомади слайдҳое, ки ахборотҳои доири як мавзӯъро дар бар мегиранд, иборат мебошад.

**Слайд** – вараҷи алоҳидаи тақдимоте, ки барои ҷойгир кардани ахборотҳо нигаронида шудааст. Дар забони Англисӣ “slide” маънои “гузариш” – ро мефаҳмонад.

**Офаридани тақдимоти компютерӣ** – Ҷараёне, ки аз офаридани тақдимоти аз слайдҳо иборатбуда, таҳрири онҳо, додани пайдарпайӣ ва дизайни замонавӣ ҳосил намудан иборат аст.

Пеш аз офаридани тақдимоти компютерӣ дастур ба кор даровarda мешавад.

## ДАР ЁД ДОРЕД!

### Усулҳои ба кор даровардани дастури MS PowerPoint

**Усули 1:**

1.Тугмачаи “Пуск”- и дар мизи корӣ буда интихоб карда мешавад.

2.Мушакча ба болои нишондоди “Все программы” бурда мешавад.

3.Аз рӯйхати дастурҳои компютер дастури MS PowerPoint интихоб мегардад.



**Усули 2:**

Ба қисми холии мизи корӣ тугмачаи рости мушакча зер карда мешавад.

Аз менюи контекст банди “Создать” интихоб карда мешавад.

Аз рӯйхат “Презентация Microsoft PowerPoint” интихоб карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Усули 3:**

Тугмачаи чапи мушакча ба нишондоди дастури Microsoft PowerPoint ......., ки дар мизи кори чойгир аст, ду маротиба тез зер карда мешавад.




Менюи асосии дастури MS PowerPoint 2019 дар қисми болоии оина ҷойгир буда, он аз қисмҳои зерин иборат аст ва ҳам форматкунӣ иҷро карда мешавад: “Главная”, “Вставка”, “Конструктор”, “Переходы”, “Анимация”, “Слайд-шоу”, “Рецензирование”, “Вид” ва “Справка”. Бо ёрии ин бандҳо амалҳои офаридани слайд, тақдимоте, ки аз матн, расм ва дигар объектҳои дар он ҷойгирбуда иборат аст, форматкуниро иҷро карда мешавад.

Барои офаридани тақдимот дар вақти бо слайдҳо кор бурдан аз режимҳои гуногун яктояшро интихоб кардан мумкин аст. Барои аз як режим ба режими дигар гузаштан аз сатри ҳолатҳо тугмачаҳои  ё ки аз менюи “Вид” ягон фармоиш истифода бурда мешавад.

Барои бо тақдимот кор кардан дар дастури MS PowerPoint аз режимҳои асосии зерин истифода бурда мешавад:




- Режими “Обычный” барои офаридани слайдҳои алоҳида ва таҳрири онҳо нигаронида шудааст. Ба мизи корӣ як то слайди фаъоли интихобшуда ҷойгир карда мешавад, боқимонда бошад аз панели слайдҳо ҷой мегиранд. Вақте ки дастур ба кор медароядд, режими мазкур дар ҳолати фаъол мешавад.
- Дар мизи корӣ макети слайдҳо ҷойгир буда, бо ёрии режими “Сортировщик слайдов” амалҳои ҷои слайдҳои дар тақдимот будаpo иваз кардан, нест кардан

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


ва нусха бардоштанро ба амал баровардан мумкин аст. Аммо дар режими мазкур мазмуни слайдҳоро иваз кардан мумкин нест.

- Аз режими “Слайд-шоу” барои намоиши тақдимот истифода бурда мешавад. Вақте ки режими мазкур интихоб мегардад, слайд экранро пурра ишғол мекунад.
- Пеш аз офаридани тақдимоти компютерӣ дар мазмуни он чӣ гуна маълумот ( номи тақдимот, аз чандто слайт иборат будан, видео, аудиофайлҳо) акс ёфтанаш зарур ва макете, ки онҳоро дар слайд ҷойгир мекунанд, интихоб кардан зарур аст.

Бо фармоиши “Главная” → “Макет” макете, ки ба маълумотҳои ҷойгир мекардаатон мос меояд, интихоб карда мешавад. Барои дар тақдимот ҷойгир кардани шаблонҳои диаграмма ё ки ҷадвал макети “Заголовок и объект” интихоб мешавад. Дар макети мазкур ҷои сарлавҳаи слайд ва объектро ҷойгиркунанда алоҳида нишон дода шудааст.

**МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ**

1.Донишомӯзони азиз, ба таври дилхоҳ ( хоҳед бо ёрии муаллим) ба гурӯҳҳое, ки аз се ё ки чор нафар иборатанд, ҷудо шавед. Ҳар як гурӯҳ яке аз мавзӯҳои зеринро интихоб карданаш зарур аст. (Дар ин, мавзӯъҳо набояд такрор шаванд):

Орзуҳоям

Садбарг

Рӯзномаи муқаррари ман

Оилаи ман

Тартиби офаридани тақдимот

Маҳсулотҳои Apple

Маҳсулотҳои Samsung

Маҳсулотҳои Artel

Даставвал дастури MS PowerPoint ба кор даровaрда мешавад. Доири мавзӯи интихобшуда тақдимот офаред ва онро бо ёрии пурракунии .pptx дар папкаи бо номи гурӯҳатон будаи диски D сабт кунед.

2.Ба слайди якуми тақдимоте, ки доири мавзӯъ офаридаед, сарлавҳаи асосиро гузоред. Слайдро бо ёрии тугмачаҳое, ки дар сатри ҳолатҳо ҷойгиранд, дар режимҳои гуногун дида бароед.

3.Аз менюи “Вид” тугмачаҳои зеринро интихоб карда бинед. Чиҳо иваз шуд?. Таҳлил кунед.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Бо ёрии диаграммаи Венн фарқ ва монандии дарки тақдимот ва слайдро эзоҳ диҳед.
2. Дастурҳои барои офаридани тақдимот истифодашавандаро бо иконкаҳо дуруст кунед.

| | | |
|---|---|---|
| MS PowerPoint (ба таркиби пакети Mikrosoft Office дохил мешавад) | | |
| Prezi Classic Desktop | | |
| Keynote | | |
| ProShow Producer | | |

3. Усулҳои ба кор даровардани дастури MS PowerPoint –ро фаҳмонед ва дар амал иҷро кунед.
4. Интерфейси дастури MS PowerPoint аз чиҳо ташкил ёфтааст.
5. Режими корӣ бо тақдимотҳо чист? Дар кадом ҳолат аз як режим ба режими дигар гузаштан натиҷаи хуб медиҳад.

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Дар расми зерин фармоишҳои кадом меню тасвир ёфтааст? Аз онҳо дар кадом ҳолатҳо истифода бурдан маъқул?




2. Дар компютери хонаатон дастури MS PowerPoint будан ё ки набуданашро аниқ кунед.
3. Дастури MS PowerPoint - ро ба кор дароред ва макети слайдро иваз кунед.
4. Доир ба мавзӯи дар вақти машғулот интихобшуда маълумот ҷӯед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 28. КОР БО ДИЗАЙНИ ТАҚДИМОТ

Ба сифати асоситарин тарафҳои устувории офаридани тақдимот дар дастури MS PowerPoint , аз шаблонҳои гуногун иборат будани онро нишон додан мумки аст. Дар дарси мазкур амалҳои ба тақдимот офаридани шаблон, аз сайтҳои интернет нусха бардоштани шаблонҳои гуногун, ба тақдимот ҷойгир кардани матнҳои дар намуд ва андозаҳои нотакрорбударо меомӯзем.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Шаблони тақдимот -** намуди тақдимоте, ки аз аввал барои тақдимот офарида шудааст.

**Мавзӯи дизайн (ing. themes) –** ҷамъомади матн, ахбороти графикӣ, ранг ва макетҳо

Дар ҷараёни дар компютер нимоиш кардани тақдимот якумин ҷиҳати диққати шунавандагонро ҷалбкунанда – диззайни тақдимот мебошад.

**Тартиби ба тақдимот интихоб кардани мавзӯи дизайн**

Вақте ки дастур ба кор даровaрда мешавад дар соҳаи корӣ слайди якум (титул) ҷойгир мебошад. Макети слайд ба таври автоматикӣ дар намуди "Титулный слайд" кушода мешавад.

Барои ба тақдимот слайди нав ҳамроҳ кардан яке аз амалҳои зеринро интихоб кардан мумкин аст.

– "Главная" → "Создать слайд" ва макети зарурӣ;

– "Вставка" → "Создать слайд" ва макети зарурӣ;

– комбинатсияи тугмачаҳои "Ctrl + M" ;

– аз менюи контекст нишондоди "Создать слайд"

**ДАР ЁД ДОРЕ!**

**Барои интихоби дизайни тақдимот зеринҳо ба назар гирифта мешавад.**

- Мавзӯи дизайн: шрифт, рангҳо, фони слайд.
- Ҳаҷми матнҳо
- Графика (расм, иконкаҳо, шаклҳо)
- Мултимедиа (видеомаълумотҳо ва овоздор)
- Ҷадвалҳо ва диаграммаҳои ба он муносиб

Бо ёрии банди "Темы" (1) – и менюи "Конструктор" ба тақдимот мавзӯи дизайнро интихоб кардан мумкин аст. Дар мавзӯи дизайн намуди матн, андозаҳои он аз аввал нишон




дода шудааст, ранг барои фон, дар фон графикҳо мавҷуд мебошад. Истифодабаранда имконияти бо хоҳиши худ онҳоро иваз карданро дорад.

Бо ёрии банди "Варианты" (2) – и менюи "Конструктор" ранги фони барои мавзӯи дизайн интихобгардида иваз карда мешавад.

Бо ёрии банди "Настроить" (3) – и менюи "Конструктор" андозаи слайдро иваз кардан ва онро ба рангҳои гуногун рангубор кардан мумкин аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Адади слайди тақдимот чандто бошад ҳам, мавзӯи дизайни интихобгардидаро ба ҳаммаи слайдҳо гузоштан мумкин аст. Агар онро танҳо ба як слайди интихобгардида гузоштан лозим бошад, дар он ҳол аз менюи контексти мавзӯи дизайни зарурӣ фармоиши “Применить к выделенным слайдам” интихоб карда мешавад.




Бо интихоб кардани амалҳои “Конструктор” → “Настроить” → “Формат фона” фони слайдро ба усулҳои гуногун рангубор кардан мумкин аст.

Барои расмҳои дар хотираи компютер бударо ба фони слайд ҷойгир кардан фармоиши “Рисунок или текстура” интихоб карда мешавад.

**Кор бо шаблонҳои аз интернет гирифта**

Аз сабаби он ки шаблонҳои дар менюи “Конструктор” –и дастури MS PowerPoint буда бисёр маротиба истифода шудааст, бо ёрии онҳо тақдимотро шавқманд кардан душвор аст. Хӯш, дар он ҳол шаблонҳои шавқманд ва ба назари омма наафтидаро аз куҷо гирифтанамон мумкин? Албатта, интернет. Якчанд сайтҳои бепул барои шаблонҳои навро кӯчонда гирифтан мавҷуд аст.

Барои ба дастури MS PowerPoint шаблон кӯчонда гирифтан аз сайти www.powerpointbase.com истифода бурдан мумкин аст. Баъд аз рӯйхат гузаштан аз сайт шаблони зарурӣ интихоб мегардад (1 2) ва ба компютер кӯчонда мешавад.(3)

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






Шаблони кӯчондашударо барои ба таркиби “Темы” – и менюи “Конструктор” ҳамроҳ кардан, фармоиши “Сохранить текущую тему ...”-и дар он буда истифода бурда мешавад.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ДАР ЁД ДОРЕД!

**Баъд аз ба тақдимот интихоб кардани фон, ба он маълумотҳои матндор дароварда мешавад. Тавсияҳо доир ба ҷойгир кардани матнҳо:**

1) ранги матнро аз ранги фони слайд ҷудогона интихоб кардан;
2) шрифтҳое, ки бисёр зеб доранд, истифода набурдан;
3) дар тақдимот на зиёд аз 3 то шрифт истифода бурдан;
4) гурехтан аз ҳамаи ҳарфҳои калимаро бо ҳарфи калон навистан;
5) дар даровардани рӯйхати матн аз шрифти асосӣ фарққунанда истифода бурдан;
6) аз шрифти амудӣ дар даровардани ҷумлаи умумӣ не, балки барои ҷудогона нишон додани калимаи дар таркиби ҷумла буда истифода бурдан;
7) дар даровардани матн аз кегли на кам аз 24 истифода бурдан.

**Барои офаридани тақдимот дар амалиёт шрифтҳои аз ҳама зиёд ва самаранок истифодашаванда:**

- Helvetica
- Garamond
- Rockwell
- Futura
- GillSans

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Тақдимоте, ки дар дарси 27 офарида будем аз компютер ёбед ва кушоед. Ба слайди нав кушодашуда макети бо номи “Титульный слайд” бударо интихоб кунед.

Ба қисми сарлавҳа сарлавҳаи хурдакак доири мавзӯатон гузоред.

Баъд аз сарлавҳа ному насаб ва маълумоти тасвирмекардаатонро нависед. Дар дохил кардани маълумотҳои матндор шрифтҳои тавсиякардашударо истифода баред.




2. Ба тақдимоти дар машқи аввала тайёр карда слайди нав ҳамроҳ кунед.

Макети “Заголовок и объект” -ро интихоб кунед.

Ба сарлавҳаи слайд маълумоти рӯйхатдори доири мавзӯъ дохил кунед.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



3. Намуди рӯйхати маркерие, ки дар слайди тақдимот офарида шудааст, бо хоҳиши худ иваз кунед.

4. Сайти www.powerpointbase.com-ро ба кор дароред.Ягон шаблони доири мавзӯъро интихоб карда онро кӯчонда гиред. Шаблони кӯчондашударо ба тақдимот гузошта, онро ба рӯйхати шаблонҳо сабт кунед.

5. Ба тақдимот слайди нав ҳамроҳ кунед ва танҳо барои ҳамин слайд ягон шаблони слайдро бо ёрии банди “Темы” – и менюи “Конструктор” ҳамроҳ кунед.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Шаблони тақдимот гуфта чиро мефаҳмед?
2. Барои ба тақдимот слайди нав ҳамроҳ кардан аз чӣ гуна амалҳо истифода бурдан мумкин аст?
3. Чӣ гуна усулҳои интихоби шаблон барои слайди тақдимот мавҷуд аст?
4. Барои ба тақдимот ҷойгир кардани маълумотҳо ба чӣ гуна қоидаҳои форматкунӣ аҳамият додан зарур аст?
5. Ба фикри шумо барои офаридани шаблони диққати шунавандагонро ҷалбкунанда кадом омилҳо муҳим мебошад?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Дастури MS PowerPoint –ро ба кор дароред. Бо он ба таври ихтиёрӣ 5-то слайд ҳамроҳ кунед.
2. Бо ёрии банди “Темы”- и менюи “Конструктор” ба тақдимот шаблони ихтиёрии дар ранги кабуд буда интихоб кунед.
3. Бо ёрии “Размер слайда” –и банди “Настроить”- и менюи “Конструктор” андозаи слайдро ба 16:9 иваз кунед. Аз намуди аввала бо чӣ фарқ карданашро фаҳмонда диҳед.
4. Дар мавзӯи “Чои маъқул барои дамгирӣ” тақдимот офаред.

## ДАР ЁД ДОРЕД!

**Дар намоиши тақдимот ба зеринҳо аҳамият диҳед:**

1. Нодуруст ба нақша гирифтани дизайни тақдимот шунавандаро хотирпарешон мекунад.
2. Дар баъзе вақтҳо тақдимот шунавандагонро аз мазмун дур сохтанаш мумкин аст.
3. Танҳо ба тақдимот вобаста шуда мондан, маърӯзачиро лоқайд мекунад.
4. Пеш аз намоиш муаммоҳои техникиро ҳал кардан зарур аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 29. ДАР СЛАЙДҲО ИМКОНИЯТҲОИ ҶОЙГИР КАРДАНИ ШАКЛ, РАСМ, ҶАДВАЛ ВА ДИАГРАММАҲО

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Диаграмма –** яке аз усулҳои пайвастии бузургӣ ва миқдорро бо график ифода кардан.

Дар тақдимот маълумотҳоро на дар намуди матн, балки шакл, расм, ҷадвал ва диаграмма тасвир кардан, ба одамон фаҳмо ва шавқовар шуданашро таъмин мекунад. Маълумотҳои бо ёрии матн ифодашуда, дар шахсони гуногун фикри гуногун пайдо карданаш мумкин аст.

Ба слайди тақдимот объектҳо одатан бо ёрии бандҳои менюи “Вставка” ҳамроҳ карда мешавад.

**Дар тасвири зерин объектҳоро ба тақдимот бо кадом банди меню ҳамроҳ кардан мукин аст, эзоҳ дода шудааст:**




Баъд аз ҷойгир кардани объекти ихтиёрӣ ба слайди тақдимот, дар охири сатри меню, менюи нав барои формат кардани объект ҳосил мешаваад. Бо ёрии фармоишҳои менюи мазкур объекти тааллуқдорро таҳрир ва формат кардан мумкин аст.

Калимаи диаграмма аз юнонӣ ба тарзи *нақша, расм, шакл* тарҷима мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Ҷойгир кардани шакл дар слайд

Барои ҷойгир кардани шакл дар слайд аз фармоиши “Вставка” (1) → “Фигуры” (2) истифода бурда мешавад. Бо ёрии тугмачаи чапи мушакча шакли зарурӣ интихоб карда мешавад ва онро ба ҷои зарурии слайд оварда, дар ҳолати зер карда истодани тугмачаи чапи мушакча шакл ҷойгир карда мешавад.

Дар охири қатори менюҳо аз фармонҳои менюи ҳосилшудаи “Средства рисования” истифода бурда, дар шакл амалҳо иҷро кардан мумкин аст.




**Намунаи ҷойгир кардани шакл дар слайд**

Барои ҷойгир кардани тасвири экран фатмоиши “Вставка” → “Снимок” интихоб мегардад ва тасвир ба слайд ҳамроҳ мешавад. Бо ёрии менюи “Работа с рисунками” тасвир таҳрир карда дар он амалҳо иҷро мегардад.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Тартиби ҳошия гузоштан дар тасвир**




**Ин шавқовар.** Барои гирифтани тасвири экран аз тугмачаи “PrtSc (Print Screen)” истифода бурдан мумкин аст. Барои ин оинаи ба тасвир гиранда кушода шуда аз клавиатура тугмачаи “PrtSc (Print Screen)” як маротиба зер карда мешавад. Дар натиҷа тасвири гирифташуда муваққатан дар хотираи компютер нигоҳ дошта мешавад. Барои тасвирро ба слайд ҷойгир кардан комбинатсияи тугмачаҳои “Ctrl + V” ё ки фармоиши “Вставить” интихоб мегардад.

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Дастури MS PowerPoint –ро ба кор дароред. Файле, ки дар машғулоти аввала офарида будем, ба кор дароред. Бо усули дилхоҳ ба тақдимот дуто слайд ҳамроҳ кунед.

2. Ба слайди дуюми тақдимоти офаридашуда, дар ҳолати ба кор даровардани дастури MS Word тасвири интерфейсро бо ёрии фармоиши “Вставка” → “Снимок” ҷойгир кунед.



3. Бо ёрии қисми “Стили рисунков” – и менюи “Работа с рисунками”, ба тасвир намуди дилхоҳро интихоб кунед. Андозаи тасвирро тағйир диҳед: барои васеъ 15 см, барои баланди 3 см қимат диҳед. Дигаргуниро асоснок кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



4. Баъд аз ҷойгир шудани тасвир дар слайд, бо ёрии банди “Стили рисунков” ба канори он ҳошияро ҷойгир кунед.

5. Ба тақдимоти тайёршуда слайди нав ҳамроҳ кунед. Ба слайди мазкур бо усули дилхоҳ ҷадвали 4-то устун ва 5-то сатрдошта ҷойгир кунед.

6. Ҷадвали офаридашударо бо ёрии маълумотҳои қад ва вазни 5-то талаба пурра кунед.




7. Ба тақдимот слайди нав ҳамроҳ кунед. Дар слайди мазкур дар асоси маълумотҳои дар боло буда дуто диаграммаи паҳлӯ ба паҳлӯ офаред. Барои ин аз фармоиши “Макet” интихоби супориши “Два объекта” тавсия карда мешавад. Диаграммаи авваларо маълумотҳо оиди қад, дуюмашро оиди вазн созед.




**Дар слайд ҷойгир кардани диаграмма, ҷадвал ва танзими он**

**Объектҳои диаграмма ва ҷадвалро дар слайди тақдимот бо ду усули зерин ҷойгир кардан мумкин аст:**

1) бо ёрии тугмачаҳои макети барои слайд интихобшуда.

2) **бо ёрии истифода аз менюи “Вставка”:**

– бо ёрии фармони “Вставка” → “Таблица” → “Вставить таблицу” ба слайд стун ва қатори заруриро ҷойгир кардан мумкин аст;

– аз фармони “Вставка” → “Диаграмма” истифода бурда, дар слайд диаграммаҳои гуногун ҷойгир карда мешавад.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО** ?

1. Объектҳои графикӣ ба слайди тақдимот бо кадом меню ҷойгир карда мешавад ва формат мегардад?
2. Оё пеш аз ба тақдимот ҷойгир кардани диаграмма ҷадвал гузоштан зарур аст?
3. Усулҳои ҷойгир кардани тасвири экранро фаҳмонда диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1.Дастури MS PowerPoint-ро ба кор дарoред. Ба он ба таври ихтиёрӣ 5-то слайд ҳамроҳ кунед.

2.Аз фармони "Фигуры" истифода бурда, тасвири зеринро ҳосил кунед. Ба он тасвири ихтиёрии навро ҳамроҳ кунед. Тасвирро бо номи “эҷоди ман” сабт кунед.




3. Бо ёрии фармоиши “Вставка” → "Трехмерные модели" намуди нави технологияҳоро дар слайд ҷойгир кунед ва онҳоро дар 3 андоза дигаргун кунед.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 30. ДАР СЛАЙДҲО ҶОЙГИР КАРДАНИ МУСИҚА ВА ВИДЕО

Одамон ахборро дар намудҳои гуногун қабул мекунанд. Маълумот ва ахборҳоро дар намуди видео ва аудио намоён кардан яке аз усулҳои оммавии замони ҳозира мебошад. Агар дар тақдимот аз овозҳо ва видеохабарҳо дуруст истифода бурда шавад, тақдимот боз ҳам ҷозибанок ва хотирмон мегардад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Мултимедиа -** қисме, ки имконияти бо графики матн, овоз ва видеохабарҳо кор карданро медиҳад. (дастурҳо ва асбобҳо)

**Барои дар слайди тақдимот ҷойгир кардани мусиқа ва видео пайдарпайии амалҳои зерин интихоб карда мешавад:**




– “Вставка” → “Мультимедиа” → “Видео” (1)

– “Вставка” → “Мультимедиа” → “Звук” (2)

– “Вставка” → “Мультимедиа” → “Запись экрана” (3)




**Дар слайди тақдимот ҷойгир кардани видеофайлҳо**

Аз версияи PowerPoint 2003 инҷониб имконияти ҷойгир кардани видеофайлҳо дар тақдимот оғоз шуд. Дар версияи 2003 имконияти фоидабарӣ аз форматҳои AVI ва WMV мавҷуд бошад, дар верияи PowerPoint 2019 имконияти бо 6 хел формати видефайлҳо кор кардан пайдо шуд. Инҳо: ASF, AVI, MP4, MPG, SWF ва WMV. Дар версияи PowerPoint 2013 дар тақдимот имконияти ҷойгир кардани видеоҳо аз YouTube пайдо шуд.

Дар тақдимот барои мурочиат кардан ба видеофайлҳо, аз пайдо кардани гипермуроҷиат ё ки бо ҷойгир кардани видео дар слайд истифода кардан мумкин аст. Фарқи ин ду усули ҷойгиркунии видео дар ҷадвали зерин эзоҳ дода шудааст.

| Бо ёрии видеофайли дар ягон веб-сайти интернет буда, пайдо кардани гипермуроҷиат | Бо ёрии ҷойгир кардани видео дар слайд |
|---|---|
| Дар ин ҳаҷми видео ба ҳаҷми умумии тақдимот таъсир намерасонад, яъне аз манзили дар интернет будаи он истифода мешавад. | Ба ҳаҷми умумии файл ҳаҷми видео ҳам ҳамроҳ мегардад. |
| Агар видеофайл дар компютер ҷойгир бошад, дар он ҳол намоиш айнан дар ҳамон компютери видеодошта гузаронида шуданаш зарур аст. | Дар ҷараёни мазкур дар вақти намоиши видео эҳтимолияти пайдоиши маълумотҳо кам мегардад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






Бо ёрии фармоиши “Мультимедиа” (1) – “Видео” видеофайлҳои дар саҳифаҳои интернет буда (2) ё ки дар компютер буда (3) -ро ба слайд ҷойгир карда мумкин аст.

Баъд аз ҷойгир кардани видеофайли зарурӣ дар слайд, барои таҳрир кардани он аз фармонҳои менюи ҳосилшудаи “Работа с видео” (4) истифода бурда мешавад.




Аз фармоишҳои “Закладки” → “Добавить закладку” (5) истифода бурда, дақиқаҳои зарурии видеоро ҳамроҳ кардан, аз дақиқаҳои мазкур имконияти оғоз кардани видео пайдо мешавад.

Аз фармоиши “Работа с видео” → “Редактирование” (6) истифода бурда, қисми зарурии видеои дар тақдимот будаpо бурида гирифтан мумкин аст .




**Дар слайди тақдимот ҷойгир кардани мусиқа.**

Бо ёрии фармоиши “Мультимедиа” → “Звук” (1) аудиофайлҳои дар компютер будаpо (2) ё ки маълумотҳои бо ёрии баландгӯяк нависташудаpо (3) дар слайд ҷойгир кардан мумкин аст.

Баъд аз ҷойгир кардани мусиқа дар слайд, тугмача барои иҷрои мусиқа ҳосил мегардад. Барои таҳрир кардани он аз фармонҳои менюи ҳосилшудаи “Работа с звуком ” (4) истифода бурда мешавад.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Ба тақдимоти дар машғулиятҳои дарси аввала тайёр кардаамон, се ё ки чортто слайд ҳамроҳ кунед. Ба слайди дуюм мусиқаи дилхоҳи дар папкаи D:\musiqa\ будаpо ҷойгир кунед. Мусиқаи ҷойгиршударо гӯш кунед ва 6-то калимаҳои дар он иштирок кардаро дар қисми болоии слайд бо шрифти ARIAL дар андозаи 28 дохил кунед.
2. Аз имкониятҳои менюи “Работа со звуком” истифода бурда, мусиқаи ҷойгиршударо дар вақти намоиши ҳаммаи слайдҳо пайваста садо доданашро таъмин кунед.
3. Бо ёрии фармоиши “Мультимедиа” → “Видео” ба слайди нави тақдимот аз папкаи D:\films\ видеофайли ихтиёриро ҷойгир кунед. Бо ёрии менюи “Работа с видео” 30 сонияи охирини видеофайлро бурида сабт кунед.
4. Ба тақдимоти бо номи “Multimedia.pptx” буда, боз якто слайд ҳамроҳ кунед. Ба он бо ёрии фармоиши “Мультимедиа” → “Запись экрана” видеои тартиби ба слайд шакл ҷойгир карданро нависед ва сабт кунед.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Бо ёрии фармоиши “Мультимедиа” –и менюи “Вставка” ба слайд чӣ гуна объектҳоро ҷойгир кардан мумкин аст?
2. Ба тақдимот ҷойгир кардани видео чӣ гуна ба амал баровардa мешавад?
3. Оё барои намоиши тақдимот овозро аз аввал нависта ба слайд ҷойгир кардан мумкин аст? Барои ин чӣ хел ҷиҳоз лозим аст?
4. Ба фикри шумо, оё ба як слайд ҳам маълумоти видеогӣ ва овоздор ҷойгир кардан мумкин аст? Ҷавобатонро асоснок кунед.
5. Истифода бурдан аз фармоиши “Запись экрана” дар кадом вақт самара медиҳад?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Тақдиомти супориши вазифаи хонагии дарси аввала, ки бо номи “Эҷоди ман” буд, кушоед. Ба он слайди нав ҳамроҳ кунед. Ба он бо ёрии фармоиши “Мультимедиа” → “Запись экрана” видеои тартиби ба слайд диаграмма ҷойгир карданро нависед ва сабт кунед.
2. Ба слайди аввалаи тақдимот гузаред ва ба он файли овоздоре, ки аз аввал дар компютер вуҷуд дошт, ҷойгир кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 31. ДАР ТАҚДИМОТҲО ҲОСИЛ КАРДАНИ ГИПЕРМАТН ВА ГИПЕРМУРОҶИАТ

Дар вақти намоиши тақдимот аз як слайд ба слайди дигар гузаштан ё ки дар вақти намоиши слайд ба файли дар компютер ҷойгир буда, ба веб-сайт мурођиат мекунем. Дар ин гуна вазъият муамморо бо истифода аз гиперматн ҳал кардан мумкин аст.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Гипермуроҷаат** (ingl.hyperlink, rus. гиперссылка) – мурођиате, ки имконияти аз як қисми ҳуҷҷат гузаштан ба қисми дигар ё ки гузаштан ба ҳуҷҷати дигарро медиҳад.

**Гиперматн** – матне, ки имконияти тез ва осон дохил шудан ба як қисми матн ё ки дохилшавӣ ба ҳуҷҷати дигарро медиҳад.

Барои дар тақдимот офаридани гипермуроҷаат аз объектҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Масалан: матн, шакл, тасвир ва ғ.

Офаридани тартиби гипермуроҷаат барои аз як слайд ба слайди дуюм гузаштан дар тақдимот:

1) барои аз матн ба сифати гипермуроҷаат истифода бурдан, матни мазкур интихоб карда мешавад.

2) фармоиши “Вставка” (1) → “Ссылка” (2) интихоб карда мешавад.

3) аз оиначаи нави ҳосилшуда фармоиши “Место в документе” интихоб мегардад, рӯйхати слайдҳои дар тақдимот буда кушода мешавад. Аз рӯйхат слайди зарурӣ интихоб мегардад ва тугмачаи “ОК” зер карда мешавад.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Тартиби офаридани гиперҳавола барои гузаштан ба вебсаҳифа ё ки файли дар компютер буда:**

1) объекти ҷойгиршавии гипермуроҷаат муайян карда мешавад.

2) фармоиши “Вставка” (1) → “Ссылка” (2) интихоб мегардад.

3) аз оинаи нави ҳосилшуда фармоиши “файлом, веб-страницей” (3) интихоб мегардад, бо ёрии нишондоди ⌄ (4) ки баъд аз фармоиши “Искать в:” ҷойгир аст, ба файли ихтиёрии дар компютер ҷойгирбуда ё ки бо тугмачаи Интернет (5) ба вебсаҳифаи ихтиёрии интернет гипермуроҷиат ҷойгир карда мешавад.



**Бо ёрии шаклҳои “Управляющие кнопки” ба тақдимот ҷойгир кардани гипермуроҷиат.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

**Бо ёрии шаклҳои тайёри гипермуроҷаат амалҳои аз як слайди тақдимот ба слайди аввала ё ки баъдина, слайди якумин ё ки ихтиёрӣ гузаштанро ба амал баровардан мумкин аст. Барои ин амалҳои зерин иҷро карда мешавад:**

1) фармоиши “Вставка” (1) → “Фигуры” (2) интихоб карда мешавад.

2) дар қисми поёнии оиначаи “Фигуры” қисми “Управляющие кнопки” (3) мавҷуд буда, шакли тугмачаи идоракунии зарурӣ бо ёрии мушакча интихоб мегардад.

3) баъд дар ҳолати зер карда истодани тугмачаи чапи мушакча шакли тугмачаи идоракунии барои слайд интихобшуда ҷойгир карда мешавад.(4)

**Тугмачаҳои идоракунандаи асосан истифодашаванда ва вазифаҳои он:**



Тугмачаи идоракунандаи бо номи “Назад” ё ки “Предыдущий” – барои гузаштан ба слайди аввала



Тугмачаи идоракунандаи бо номи “Вперед” ё ки “Следующий”– барои гузаштан ба слайди баъдина



Тугмачаи идоракунандаи “На главную” бошад, барои ба слайди якум, асосӣ гузаштан истифода бурда мешавад.

Тугмачаи ихтиёрии дар боло омада интихоб шуда, ба слайд монда шавад, гипермуроҷиати слайде, ки барои баста кардани тугмачаи мазкур лозим аст, пайдо мегардад. Бо ҳамроҳии гипермуроҷиати дар оина овардашуда бо ёрии тугмачаи гузаштан (1) манзили слайдро иваз кардан мумкин аст.




## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Тақдимоте, ки дар машғулиятҳои дарси аввала офаридем, кушоед. Баъд аз слайди титулии тақдимот боз як слайд ҳамроҳ кунед ва калимаи “Мундариҷа”- ро ба қисми сарлавҳа дохил кунед. Дар қисми поёнии слайд рӯйхати дар намуди :

• расмҳо,

• шаклҳо,

• ҷадвалҳо.

будаleast тартиб диҳед. Аз слайди баъдина оғоз карда пайдарпай се то слайд ҷойгир кунед ва онҳоро мисли рӯйхат номгузорӣ кунед. Бо ёрии гипермуроҷиат слайдҳоро ба номи реҷаҳои мундариҷа муносиб пайваст кунед.

2. Ба слайди якум тугмачаи идоракунанда “Вперед” ба слайди охирин тугмачаҳои идоракунандаи “Назад” ва “На главную”, ба слайдҳои боқимонда бошад 3-то тугмачаи идоракунандаро ҷойгир кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



3. Ба тақдимот слайд ҳамроҳ кунед. Ба слайд шакли аввалиро ҷойгир кунед ва ба он матни “санҷиш” – ро дохил кунед. Онро бо манзили https://uz.wikipedia.org пайваст кунед.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Фарқ ва ҷиҳатҳои монанди фаҳмиши гиперҳавола ва гиперматнро эзоҳ диҳед.
2. Аз чӣ гуна объектҳои дар тақдимот буда, ба сифати гиперматн истифода кардан мумкин аст?
3. Афзалиятҳои истифода бурдани тугмачаҳои идоракунанда дар слайд, дар чист?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

Тақдимот офаред ва ба он номи “Тақдимот.pptx” – ро диҳед. Ба тақдимот сето слайд ҳамроҳ кунед. Ба қисми сарлавҳаи слайди якум калимаи “мундариҷа” –ро дохил кунед. Чӣ гуна объектҳоро ба слайд ҳамроҳ карданро донимта бошед, онҳоро ба қисми поёнии слайд дар намуди рӯйхат дохил кунед. Масалан:

1. Шаклҳо — 3. Видео

2. Мусиқӣ — 4....

Аз слайди дуюм оғоз карда слайдҳоро дар намуди рӯйхат пайдарпай номгузорӣ кунед. Ба номи реҷаҳои дар мундариҷа буда муносиб ба ҳар як слайд бо ёрии фармоиши “Мультимедиа” → “Запись экрана” видеоҳоро ҷойгир кунед ва онҳоро бо ёрии гипермуроҷиатҳо бо бандҳои мундариҷа пайваст кунед.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДАРСИ 32. ДАР ТАҚДИМОТ ҶОЙГИР КАРДАНИ АНИМАТСИЯ ВА ЭФФЕКТҲОИ ГУЗАРИШ

Маълум аст, ки дар ҷараёни намоиши тақдимот диққати шунавандагонро ҷалб кардан талаб карда мешавад. Яке аз элементҳои асосӣ дар ҷараёни диққат ҷалб кардан, объектҳои ҳаракатнок аст. Дар давоми тайёр кардани тақдимот асосан ду намуди эффектҳои ҳаракатнок истифода бурда мешавад.

**МАФҲУМҲОИ ТАКЯГОҲӢ**

**Аниматсия –** тасвирҳои алоҳидаро пайдар пай бо суръат нишон додан.

**Инҳо:**

1) намудҳои гуногуни эффектҳои гузарандаи дар ивазшавии слайдҳо гузошташаванда.

2) ба объектҳои (матн, расм, шакл, диаграмма ва ғ) дар слайд ҷойгирбуда гузоштани аниматсияҳо.

**МУҚАРРАР КАРДАНИ ЭФФЕКТҲОИ ГУЗАРАНДА**

1. Слайди эффект ҷойгиркунанда интихоб мегардад ва аз менюи “Переходы” бо тугмачаи қисми рости оинача оинаи “Переход к этому слайду” кушода мешавад.
2. Аз оиначаи кушодашуда эффектҳои гузарандаи дилхоҳ, ки ба сето банд: “Простые”, “Сложные”, “Динамическое содержимое” тааллуқ дорад, интихоб мегардад.
3. Фармоиши “Применить ко всем” (2) интихоб мегардад, эффектҳои гузаранда ба ҳаммаи слайдҳо ҷойгир карда мешавад, дар акси ҳол ҳаммаи слайдҳо алоҳида-алоҳида ҷудо карда шуда барои онҳо эффектҳои гузарандаро интихоб кардан мумкин аст.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Барои муқаррар кардани эффектҳои гузаранда аз менюи “Переходы” банди “Время показа слайдов” истифода бурда мешавад. Дар он имкониятҳои зерин мавҷуданд.




1-ба ивазшавии слайдҳо овозҳои гуногунро ҷойгир кардан;

2-давомнокии эффектҳои гузарандаро дохил кардан;

3-эффектҳои гузарандаи интихобшударо ба ҳаммаи слайдҳо ҷойгир кардан;

4-ивазшавии слайдҳоро бо зер кардани тугмача ба амал баровардан;

5- ба ивазшавии слайдҳо вақт дохил намудан;

**МАЪЛУМОТИ ШАВҚОВАР**

Якумин филми аниматсионӣ, ки аз тарафи компанияи "Walt Disney" дар соли 1937 офарида шудааст, "Орроqоу" ном дошт.

Барои ягон объекти дар слайд ҷойгир бударо аз дигараш ҷудо карда нишон додан аз аниматсия истифода бурда мешавад. Дар дастури MS PowerPoint чор намуди эффектҳои аниматсионӣ мавҷуд аст.

1) эффектҳои даромад;
2) эффектҳои баромад;
3) эффектҳои ҷудо намоишкунанда;
4) эффектҳои треакторияи ҳаракатро ҳамроҳ кардан;

Яъне, объекти интихобшуда дар слайд дар намуди гуногун пайдо шудан, ҷудогона намоиш кардан, нест шудан ва ҳам пайдарпай бо треактория ҳаракат карданаш мумкин аст.

## Тартиби ҷойгир кардани аниматсия

- объекти дар слайд буда интихоб карда мешавад;
- аз менюи “Анимация” (1) банди “Добавить анимацию” (2) интихоб мегардад ва намуди аниматсияи(3) ба объект ҳамроҳкунанда интихоб карда мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






## Муқаррар кардани аниматсияи дар объект ҷойгиршуда




**Баъд аз ба объект ҷойгир кардани аниматсия имконияти дуруст кардани баъзе андозаҳои он мавҷуд аст:**

1) барои дигаргун кардани параметри аниматсияи интихобшуда нишондоди "Анимация" → "Параметры эффектов" интихоб карда мешавад ё ки намуди дилхоҳро интихоб кардан мумкин аст. (4)

2) идора кардани ба ҳаракат даромадани аниматсия (бо ёрии интихоб кардани вақт ё ки тугмача), тартиби ҳаракатнок кунонидани якчанд аниматсияҳоро бо ёрии амалҳои фармоиши "Область анимации" (1, 2) менюи контекст ба амал баровардан мумкин аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Файли тақдимоте, ки дар машғулоти амалии 1 – и дарси 31 офарида будем, кушоед. Ба слайди 2-4 расмҳоро оиди мавзӯъ ҷойгир кунед. Дар расмҳо аниматсияҳои формати зерин доштаро гузоред.
"Вход" – "Масштабирование";
"Начало"– "После предыдущего"

2. Ба тақдимот слайди нав ҳамроҳ кунед. Ба он матни – "Табиати гирду атрофи ман – дар ҳимояи ман" –ро дохил кунед. Дар матн эффектҳои аниматсияи зеринро гузоред.
"Выделение" – "Пульсация";
"Выход" – "Панорама";
"Начало"– "После предыдущего".

3. Ба иваз шудани слайди тақдимот эффекти гузаришро ҷойгир кунед.
Эффект :"Галерея";
Параметр барои эффект: "Слева"

4. Эффекти гузариши интихобшуда ва муқаррар гардидаро ба ҳаммаи слайдҳо ҷойгир кунед.

## САВОЛ ВА СУПОРИШОТ

1. Кадом амалҳо эффекти гузариш ва муқаррар кардани онро мефаҳмонад?
2. Калимаи аниматсияро фаҳмонда диҳед.
3. Ба аниматсияҳои электронӣ ки дар ҳаёти рӯзмарра дидаем, намуна нависед.
4. Ба фикри шумо аниматсия барои боз ҳам ҷозибадор шудани слайди тақдимот ёрӣ мерасонад?

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

1. Файли тақдимоте, ки дар вазифаи хонагии аввала иҷро карда будем, кушоед. Аз фармоиши "Значки" истифода карда ба қисми бологии тарафи рости слайдҳо логотипи дилхоҳро ҷойгир кунед ва ба он аниматсияҳои дар формати зерин будаҷо ҳамроҳ кунед:

2) "Вход" – "Панорама";

3) "Выделение" – "Пульсация".

2. Ба тақдимоте, ки барои супориши 1 – уми машғулоти амалӣ офарида шудааст, эффекти гузариши "Двери" –ро барои "Длительность" 3 сонияро интихоб карда ҷойгир кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


# ДАРСИ 33. КОРИ АМАЛӢ. КОРИ ЛОИҲА

| |
|---|
| 1. Хонандагони дар синф буда ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:<br>Гурӯҳи 1. "бурдборӣ ва камбудиҳои истифода аз смартфонҳо"<br>Гурӯҳи 2.Тақдимот дар мавзӯи "Маҳсулотҳои Apple ва Samsung" меофаранд.<br>Гурӯҳи 3. Ба сифати гурӯҳи экспертӣ ба намоиши тақдимоти ду гурӯҳ фикр баён мекунанд – бурдборӣ ва камбудиҳои онҳоро нишон медиҳанд. |
| 2. Дар мавзӯи "Оилаи ман" фото-слайд офаред. Дар тақдимот танҳо аз расм, матн ва аниматсия истифода кардан мумкин. |
| 3. Дар мавзӯи "Мактаби ман" тақдимот офаред. Дар слайди тақдимот расми мактабатон буданаш зарур аст.<br>Фикр кунед, инро чӣ хел ба амал баровардан мумкин аст? |
| 4. Дар мавзӯи "Маҳсулотҳои техникии миллӣ" тақдимот офаред. Дар слайди тақдимот фикри овоздоратон дар бораи афзалиятҳои маҳсулоти миллии техникии дар хонаатон истифодашаванда ҷой гирифтанаш лозим аст. |

# ДАРСИ 34. КОРИ АМАЛӢ. КОРИ НАЗОРАТӢ

**1. Муносибии байниҳамдигариро созед.**

Номи менюро бо амалҳои иҷрокунандаи он ҳамроҳ кунед:

| | |
|---|---|
| Вставка | Формат кардани матни слайд |
| Главная | Барои слайд интихоби шаблон |
| Конструктор | Интихоби эффекти ба слайд гузаштан |
| Переходы | Ҷойгир кардани диаграмма дар слайд |
| Анимация | Ба объект ҳаракат додан |

**2. Муносибии байниҳамдигариро созед.**

| | |
|---|---|
| Слайд-шоу | Барои слайдҳои алоҳида ҷой гирифтаро офаридан ва таҳрири онҳо |
| Обычный | Дар майдони корӣ макети слайдҳо ҷой гирифта буда, дар режими мазкур амалҳои ҷои слайдҳои дар тақдимот бударо иваз кардан, нест кардан ва нусха бардоштанро ба амал баровардан мумкин аст. |
| Сортировщик слайдов | Барои намоиши тақдимотҳо истифода мешавад. Режими мазкур интихоб гардад, слайд экранро пурра забт мекунад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


**3. Ҷавоби дурусти пайдарпайии амали ба тақдимот ҳамроҳ кардани слайдро интихоб кунед.** (Имконияти то 4-то интихоб кардани ҷавоб мавҷуд аст)

- ☐ “Главная” → “Создать слайд” ва макети зарурӣ интихоб мегардад;
- ☐ “Вставка” → “Создать слайд” ва макети зарурӣ интихоб мегардад;
- ☐ Комбинатсияи тугмачаҳои “Ctrl + M”;
- ☐ Аз менюи контекст “Создать слайд”;
- ☐ “Конструктор” → “Создать слайд”;
- ☐ “Анимация” → “Создать слайд”.

**4. Шрифтҳое, ки дар офаридани тақдимот самаранок ва бисёр истифода мешаванд, интихоб кунед.**

- ☐ Helvetica
- ☐ Garamond
- ☐ Futura
- ☐ GillSans
- ☐ Rockwell
- ☐ Times New Roman
- ☐ Arial
- ☐ Calibri

**5. Вазифаи тугмачаи “Prt screen”- и клавиатураро чӣ хел ба амал баровардан мумкин аст?**

A) “Вставка” → “Снимок”

B) “Вставка” → “Звук”

D) “Вставка” → “Фигуры”

E) “Вставка” → “Ссылка”

**6. Вазифаи фармоишҳои “Вставка” → “Фигуры” → “Управляющие кнопки” дар кадом ҷавоб дуруст нишон дода шудааст?**

А) бо ёрии ҷойгир кардани тугмачаҳои идоракунанда ҷойгир намудани гипермуроҷаат;

Б) ба тақдимот ҷойгир кардани фигураҳо;

В) ба тақдимот ҷойгир кардани ҷадвал;

Г) ба тақдимот ҷойгир кардани диаграмма.

**7. Вақти эффектҳои гузариш бо ёрии..........сохта мешавад.**

А) фармоиши “Переходы” – и менюи “Область анимации”

Б) менюи “Область анимации”

В) менюи “Время показа слайдов”

Г) фармоиши “Переходы” – менюи “Время показа слайдов”

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**8. Дар дастури MS PowerPoint 4 то намуди аниматсия буда, онҳо:**

А) ________________

Б) ________________

В) ________________

Г) ________________

**9. Дар кадом ҷавоб вазифаи фармоишҳои “Ссылка”→ “файлом, веб-страницей” → “Искать в:” оварда шудааст.**

А) барои ба дигар слайди тақдимот гузаштан офаридани гипермуроҷиат

Б) барои ба файл ва вебсаҳифаи дилхоҳи компютер  гузаштан офаридани гипермуроҷиат;

В) нест кардани гиперматн;

Г) бо ёрии тугмачаҳои идоракунанда офаридани гипермуроҷиат.

**10. Барои ба объекти дар слайди тақдимот буда  ҳамроҳ кардани аниматсия аз кадом меню истифода бурда мешавад?**

А) “Переходы”;

Б) “Анимация”;

В) “Конструктор”;

Г) “Вставка”.

**11. Пайдарпайии дурусти амалҳои муқарраркунии эффектҳои гузаришро ҷойгир кунед.**

☐ Фармоиши “Применить ко всем” интихоб мегардад, эффекти гузариш ба ҳаммаи слайдҳо ҷойгир карда мешавад, дар акси ҳол ҳаммаи слайдҳо алоҳида- алоҳида ҷудо карда мешавад, барои онҳо эффектҳои гузаришро интихоб кардан мумкин аст

☐ Слайди эффект ҷойгиршаванда интихоб мегардад ва аз менюи “Переходы” оинаи “Переход к этому слайду” кушода мешавад

☐ Аз оинаи кушодашуда эффектҳои гузарише, ки ба 3-то банд:“Простые”, “Сложные”, “Динамическое содержимое” тааллуқдор аст, интихоб карда мешавад.

**12. Муроҷиате, ки барои ба як қисми ҳуҷҷат гузаштан офарида шудааст, чӣ ном дорад?**

А) гипермуроҷиат

Б) гиперматн

В) ҳавола

Г) аниматсия

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА


1. *AripovA. N. MirzaxidovX. M. ShermatovShX. vab.* “Axborotkommunikatsiyatexnologiyalariizohlilug‘ati”. “RaqamliRivojlanishTashabbusi” Dasturi, O‘zbekistonRespublikasi, Toshkentshahri.
2. *AminovM., MadvaliyevA., MahkamovN., MahmudovN., OdilovY.* "Davlattilidaishyuritish", Amaliyqo‘llanma. Toshkent, 2020.
3. *Alaminov M., Avezov M., Qodirov D.* “MS WORD 2016”, Mustaqil o‘rganish uchun o‘quv-metodikqo‘llanma. Nukus, 2019.
4. *Lengoiboni G.* Curriculum guide for ict integration in education. 2019, 56 p.
5. *Sarah Lawrey and Donald Scott.* Cambridge IGCSE Computer Science. Coursebook. CambridgeUniversity Press, 2015.
6. *Victoria Ellis, Sarah Lawrey and Doug Dickinson.* ICT Starters On Track Stage 1. CambridgeUniversity Press, 2019.
7. *Victoria Ellis, Sarah Lawrey and Doug Dickinson.* ICT Starters On Track Stage 2. CambridgeUniversity Press, 2019.
8. *Босова Л. Л. Информатика.* Учебник для 5 класса. М.: 2015.
9. *Брольпито А.* Цифровые навыки и компетенция, цифровое и онлайн обучение. ЕФО. Турин – 2019. 84 с.
10. *Голиков Д. В.* “40 проектов на Scratch для юных программистов”. BHV, 2018 г.
11. *Голиков Д. В. и Голиков А. Д.* Программирование на Scratch 2. Часть 1. Делаем игрыи мультики. Подробное пошаговое руководство для самостоятельного изучения ребёнком. 2014. –295 с.
12. *Голиков Д. В. и Голиков А. Д.* Программирование на Scratch 2. Часть 2. Делаем сложныеигры. Подробное пошаговое руководство для самостоятельного изучения ребёнком.2014. –283 с.
13. *Котов В. М., Лапо А. И., Быкадоров Ю. А., Войтехович Е. Н.* Информатика. Учебноепособие для 8 класса. Минск. 2018.
14. *Мажед Маржи; пер. с англ. М. Гескиной и С. Таскаевой.* Scratch для детей. Самоучительпо программированию. – М.: «Манн, Иванов и Фербер», 2017. –288 с.
15. *Макарова Н. П., Лапо А. И., Войтехович Е. Н.* Информатика. Учебное пособие для6 класса. Минск. 2018.
16. *Намазов Б., Файзиева М., Шарофиддинов Ш.* Медиа ва ахборот саводхонлиги: ўқувқўлланма. –Т.: Бактриа-Пресс, 2018. UNESCO, 2018. 13 б. т.
17. *Салгараева Г., Илиясова Г., Маханова А.* Информатика. Учебник для 6 класса. Арман-ПВ.2018.


*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Fayziyeva Maxbubaxon Raximjonovna, Sayfurov Dadajon Muxamedovich,
Xaytullayeva Nafisa Saxobiddinovna, Tursunova Feruza Raximdjonovna

*O‘quv nashri*

# INFORMATIKA VA AXBOROT TEXNOLOGIYALARI

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 6-sinfi uchun darslik

*(tojik tilida)*

**Дизайнер–рассом:**
Нафиса Садикова
**Муҳаррири техникӣ:**
Шоҳрух Тураханов
**Саҳифабанд:**
Қобул Рауфов
**Мутарҷим:**
Ҳикмат Ҳикматов
**Муҳаррир:**
Ҷумъаназар Эшонқулов
**Мусаҳҳеҳ:**
Султониён Ёвар

Ба чопаш________рухсат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Кегли12. Гарнитураи Roboto
Бо усули офсетӣ чоп шуд. Ҷузъи чопии шартӣ 18,60.
Ҷузъи нашрӣ 16,21. Адади нашр ____нусха.
Рақами супориш: ......

Дар чопхонаи MChJ “Kolorpak” нашр шуд.
Шаҳри Тошканд, ноҳияи Юнусобод, кӯчаи Янгишаҳар, хонаи 1-А.

COLORPACK

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби дарсии ба иҷора дода шуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

**Ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонда гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад.**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудааст, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир шудааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудааст. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифа дарида варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE